ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Бо ҳуқуқи дастнавис

УДК: 891.550
ББК: 83.3 (2Т)
Н – 22

НАИМОВА ФАРЗОНА МЕҲРУБОНОВНА

МАСЪАЛАҲОИ АДАБИЁТШИНОСӢ ДАР МУКОТИБОТИ САДРИДДИН АЙНӢ ВА АБУЛҚОСИМ ЛОҲУТӢ

Диссертатсия
барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси
10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ

Роҳбари илмӣ: доктори илми филологя,
профессор Маҳмадаминов Абдулҳай Саидович

ДУШАНБЕ – 2022

М У Н Д А Р И Ҷ А

МУҚАДДИМА.....4-8

ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚ.....9-13

БОБИ I. РАВОБИТИ ДӮСТӢ ВА ЭҶОДИИ УСТОДОН САДРИДДИН АЙНӢ ВА АБУЛҚОСИМ ЛОҲУТӢ.....14-70

1.1. Шарҳи ҳол ва осори С. Айнӣ дар мактубҳояш ба А. Лоҳутӣ.....23-33

1.2. Зиндагиномаи С. Айнӣ дар солҳои таъқибот.....33-42

1.3. Бозтоби саргузашт ва фаъолияти эҷодии А. Лоҳутӣ дар мактубҳояш ба С. Айнӣ.....42-54

1.4.Тафсилоти тартиби кори эҷодии С. Айнӣ дар мукотиба бо А. Лоҳутӣ.....54-57

1.5. Бозтоби фаъолияти эҷодии А. Лоҳутӣ дар мактубҳо ба С. Айнӣ.....58-60

1.6. Инъикоси фаъолияти шахсиятҳои адабӣ, фарҳангӣ, сиёсӣ ва ҷамъиятӣ дар мукотиботи С. Айнӣ ва А. Лоҳутӣ.....60-70

БОБИ II. АФКОРИ АДАБИЮ ЭСТЕТИКИИ С. АЙНӢ ВА А. ЛОҲУТӢ ДАР ЗАМИНАИ НОМАҲОЯШОН.....71-114

2. 1. Анъана ва навовариҳои А. Лоҳутӣ аз назари С. Айнӣ.....74-82

2. 2. Мулоҳизаҳои С. Айнӣ оид ба мундарича ва шакли шеър.....83-95

2.3. Масъалаҳои омӯзиши мероси адабӣ ва таъини ҳуқуқи тоҷикон ба осори адабии гузашта.....95-102

2.4. Таҳқиқу омӯзиши устод Рӯдакӣ, Саъдии Шерозӣ ва дигар чеҳраҳои адабӣ аз ҷониби С. Айнӣ дар мактубҳо ба А. Лоҳутӣ.....102-107

2.5. Андешаҳои А. Лоҳутӣ оид ба осори С. Айнӣ ва маҳорати адабии ӯ.....107-114

БОБИ III. МАСЪАЛАҲОИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ ДАР МУКОТИБОТИ С. АЙНӢ ВА А. ЛОҲУТӢ.....115-142

3.1. Ақидаҳои С. Айнӣ доир ба забони асари бадеӣ ва хусусиятҳои он.....122-128

3.2. Тафсилоти таълифи «Луғати нимтафсилии тоҷикӣ барои забони адабии тоҷик».....128-134

3.3. Зарурати шарҳу тавзеҳи луғатҳо аз ҷониби устод Айнӣ.....135-139

3.4. Инъикоси лаҳзаҳои муҳимми таърихи адабиёти навини форсии тоҷикӣ дар номаҳои С. Айнӣ ва А. Лоҳутӣ.....139-142

ХУЛОСА.....143-147

ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚ.....148-149

РӮЙХАТИ АДАБИЁТ.....150-162

НАШРИ ТАЪЛИФОТИ ИЛМӢ ДАР МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ.....163-164

МУҚАДДИМА

Мубрамии мавзуи таҳқиқ. Нома ва номанигорӣ ҳамчун падидаи иҷтимоӣ ва ҳунарӣ аз қадим таваҷҷуҳи аҳли адабро ба худ ҷалб карда меояд. Ин падида дар замони мо низ ҷанбаҳои иҷтимоӣ ва ҳунарии худро дар баробари даст ёфтани инсоният ба воситаҳои нави иттилоърасонӣ ҳифз намуда, таҷрибаи офаринандагии адибонро дар худ нигоҳ дошта меояд. Дар фаъолияти гуногунсоҳаи устод Садриддин Айнӣ нома ва номанигорӣ ҷойгоҳи хосса дошта, ин фаъолияти ӯ, агар аз як тараф, анъанаи номанигориро идома дода бошад, аз тарафи дигар, муҳимтарин масъала ва муаммоҳои таърихи адабиёти тоҷикро инъикос намудааст. Ин тарафи масъала нав буда, камтар таваҷҷуҳи айнишиносонро ба худ ҷалб намудааст. Масъалаи мазкурро метавон дар заминаи номаҳои устод Айнӣ бо адибони тоҷик, аз ҷумла дар мисоли мукотиботи С. Айнӣ ва А. Лоҳутӣ баррасӣ намуд.

Дар адабиёти муосири тоҷик ин анъанаи дерин дар сурати нав ва мутобиқ ба ниёзҳои ҷомеаи муосир идома ёфтааст, ки беҳтарин намунаи онро мо дар фаъолияти ҳадафмандонаи устодон С. Айнӣ ва А. Лоҳутӣ мебинем. Бинобар ин, омӯзиш ва таҳқиқи мукотибаи устод Айнӣ ва А. Лоҳутӣ аз лиҳози масъалаҳои адабиётшиносӣ, бешубҳа, идомаи ҳадафмандонаи мактаби айнишиносӣ мебошад. Мутахассисон ва оммаи хонандагон танҳо аз қисме аз номаҳо огоҳ буда, аз бисёр мактубҳои арзишманди ин адибон иттилоъ надоранд. Умеди қавӣ меравад, ки ин костагӣ дар натиҷаи омӯзиши номанигории устод Айнӣ, аз ҷумла дар мукотиба бо А. Лоҳутӣ бартараф хоҳад шуд.

Дараҷаи таҳқиқи мавзуъ. Айнишиносӣ чун мактаби бисёрсоҳаи илмӣ айни ҳол олимон ва муҳаққиқони зиёдеро фаро гирифтааст. Паҳлуҳои гуногуни осори С. Айниро донишмандони илмҳои филология, таърих, сиёсатшиносӣ, журналистика, педагогика ва дигар соҳаҳо мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор додаанд. Номаҳои устод Айнӣ аз зумраи осори арзишманди ӯ ба шумор меравад ва чун жанри хоси адабӣ афкори адабию эстетикӣ, масъала ва муаммоҳои замони шуравӣ, инъикоси муҳимтарин падидаҳои адабию фарҳангии замонро фаро

гирифта, дар тарбияи адабию эстетикии қишрҳои гуногуни ҷомеа, аз ҷумла тарбияи ҷавонони соҳибистеъдод нақши муҳим дорад. Ин аст, ки дар бораи номаҳои устод Айнӣ донишмандон ва муҳаққиқони зиёд таҳқиқоти арзишманд ба вуҷуд овардаанд.

Дар адабиётшиносии муосир дар нисбати гуфтугӯҳои хаттии адибон истилоҳи «адабиёти эпистолярӣ»-ро истифода менамоянд ва зери ин истилоҳ адабиёти дар қолаби нома офаридашуда фаҳмида мешавад. Жанри асосӣ ва ягонаи он нома буда, навъҳои бисёреро фаро мегирад. Нома аз ҷиҳати имкониятҳои жанрӣ, чунонки донишмандон таъкид менамоянд, ҳамчун навъи хоси адабӣ шомили «илми иншои наср» [139, с. 16-32] буда, ба сурати «фанни дабирӣ ва иншои расоили девонӣ» [108, с. 49] низ ёд шудааст. «Фанни дабирӣ ва иншои расоили девонӣ, – мегӯяд Қосими Тувайсариконӣ, – дар адабиёти Эрони пас аз ислом худ ба сурати риштае махсус аз фунуни сухан таҷаллӣ кардааст, ки дорои сабке хос ва мутамоиз аз соири фунуни наср, аз қабили насри илмиву адабиву таърихӣ ва мақомаву достоннависӣ ва ғайри он мебошад, то чи расад ба шеър» [171, с. 156].

Нома ва номанигорӣ ҳамчун жанри ҷудогонаи адабӣ аз ҷониби донишмандони русу аврупоӣ, аз ҷумла, Л.Р. Гроссман [155], В.А. Истрин [159], И.А. Паперно [167], И. Кант [160], А.А. Акишина, Н.И. Формановская [150; 151; 152], А.В. Сиркина [168], Ҷ.В. Шошиашвили [170], Л.В. Нижикова [163], О.Ю. Кустова [161] ва Эрону Тоҷикистон, аз ҷумла, Қосими Тувайсариконӣ [171], Х. Шарифзода [139], М. Нарзиқул [108; 109; 110], Б. Шукурлоев [142] ва дигарон мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор гирифтааст.

Дар адабиётшиносии тоҷик масъалаи марбут ба нома ва номанигорӣ саҳифаи тоза набуда, намунаҳои дурахшони осори таҳқиқиро дар даст дорем. Бояд тазаккур дод, ки масъалаи мазкур дар адабиётшиносии мо дар заминаи номанигорӣ дар адабиёти классикии тоҷик ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст. Аммо ин масъала ҳанӯз дар асоси маводи адабиёти муосири тоҷик, хусусан, адабиёти давраи шуравии тоҷик бо истифода аз равишҳои тозаи илмӣ таҳқиқ нашудааст. Дар адабиётшиносии замони шуравии тоҷик фаъолияти номанигории

С. Айнӣ дар ду шакл баррасӣ шудааст. Нахуст, чопи номаҳои устод Айнӣ ба адибони тоҷик, ки ин падида ҳанӯз дар замони зиндагии нависанда ба расмият даромада, имкони шиносоӣ ба онҳоро фароҳам овард. Дувум, таҳқиқи ин падида дар зимни таҳқиқоти адабиётшиносон дар робита ба дигар фаъолиятҳои устод Айнӣ сурат гирифтааст. Дар адабиётшиносии замони шуравии тоҷик дар масъалаи мукотиботи С. Айнӣ бо адибони тоҷик, гуфтан мумкин аст, ки нисбат ба масоили таҳқиқ бештар ба масъалаи ҷустуҷӯ, бозёфт, баргардон ва чопи номаҳо таваҷҷуҳ шудааст. Дар масъалаи мазкур саҳми донишмандону адабиётшиносон К. Айнӣ, Х. Айнӣ, И. Брагинский, Р. Ҳошим, Р. Фиш, А. Деҳотӣ, М. Осимӣ, Х. Отахонова, С. Солеҳов, Н. Аслонова ва дигарон шоистаи тамҷид аст. Зеро маҳз бо кӯшиши онҳо номаҳои гуногуни С. Айнӣ ба адибони тоҷик дар маҷаллаи илмию адабии Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон «Садои Шарқ» (дар он солҳо «Шарқи сурх») нашр гардидаанд.

Рисолаи адабиётшинос Х. Отахонова «Падидаҳои навҷӯӣ» масъалаҳои зеринро дар бар мегирад: фаъолияти мураббигии устод Айнӣ, саҳми С. Айнӣ дар тарбияи насли нави адабиёт, қайдҳои устод Айнӣ оид ба романҳои Р. Ҷалил, масъалаҳои тартиби коргоҳи эҷодӣ, тарбияи маърифатдӯстӣ ва муносибати дӯстонаи С. Айнӣ бо А. Лоҳутӣ. Ин муҳаққиқ як бахши рисолаи худро зери унвони «А. Лоҳутӣ ва С. Айнӣ» ба масъалаи муносиботи шахсӣ ва эҷодии ду саромади адабиёти навини тоҷик бахшидааст. Чунон ки аз гузориши ин бахши рисола бармеояд, он ҳанӯз «ахбороти мухтасарест роҷеъ ба ин масъала, ки дар асоси фактҳои маълуми адабӣ» [114] ва се мактуби Айнӣ ва чанд номаи А. Лоҳутӣ ба С. Айнӣ фароҳам омадааст. Х. Отахонова ин паҳлуи кори худро идома дода, баъдан мақолаи «Чанд масъалаи забон дар мактубҳои устод Айнӣ» [115]-ро ба табъ расонд.

Ҳамин тавр, дар таҳқиқи мукотиботи С. Айнӣ бо адибони тоҷик дар адабиётшиносии тоҷик ҷусторҳои муҳимме ба назар мерасанд, ки чанде аз онҳоро номбар мекунем: фасле аз рисолаи Х. Отахонова «Падидаҳои навҷӯӣ» [114], ки дар боло аз он ёд шуд, рисолаи Х. Асозода «Иловаҳо ба шарҳи ҳоли устод Айнӣ» [43] ва бахше аз монографияи адабиётшинос Муҳаммадҷони

Шакурии Бухорӣ «Равшангари бузург» [136], мақолаҳои профессор А. Кӯчарзода [79; 80; 81] ва бобе аз рисолаи доктории Н. Аслонова «Андешаҳои адабӣ-эстетикии Садриддин Айнӣ» [41], инчунин китоби адабиётшиносон М. Имомзода ва М. Зайниддинзода бо унвони «Манбаи омӯзиш» [90] ва мақолаи А. Маликзод «Номанигории устод Айнӣ» [89]-ро метавон зикр кард, ки ба таҳқиқи баъзе номаҳои С. Айнӣ бахшида шудаанд.

Ин таҳқиқот аҳаммияти зиёди илмӣ ва таҳқиқӣ доранд, вале мукотибаи С. Айнӣ ва А. Лоҳутиро дар шакли алоҳида баррасӣ накардаанд.

Саҳми адабиётшинос Х. Отахонова дар муаррифии мукотиботи С. Айнӣ ва А. Лоҳутӣ назаррас мебошад. Дар хусуси мукотиботи Айнӣ ва А. Лоҳутӣ ва муносибати дӯстонаи эшон аз нигоштаҳои зикршудаи муҳаққиқи мазкур, инчунин аз номаҳои ба сурати китоби ҷудогона чопшудаи эшон, ки муқаддима ва эзоҳоти муфассали китобҳо ба қалами Х. Отахонова марбут аст, иттилоъ пайдо кардан мумкин аст [23; 86].

Муҳаққиқи дигаре, ки ба таҳқиқи фаъолияти номанигории С. Айнӣ таваҷҷуҳ намудааст, Н. Аслонова мебошад. Ин муҳаққиқ ба таҳқиқи афкори адабию эстетикии С. Айнӣ таваҷҷуҳ намуда, дар заминаи шинохти нома ҳамчун жанри мустақили адабӣ ва баёни афкори адабию эстетикии муаллиф дар номаҳо мақолаҳои ҷудогона ва диссертатсияеро, ки дар боло аз он ёд шуд, таълиф намудааст.

Дар миёни муҳаққиқони зикршуда, дар корҳои ҷустуҷӯии Х. Отахонова ва Н. Аслонова вобаста ба масъалаҳои ҷудогонаи таҳқиқи мукотиботи С. Айнӣ ва А. Лоҳутӣ ва саҳми С. Айнӣ дар ташаккули номанигорӣ дар замони муосир ҳам таваҷҷуҳ шудааст. Муҳаққиқи аввал ба равобити дӯстонаи С. Айнӣ ва А. Лоҳутӣ таваҷҷуҳ карда, ба ин восита муносибати шахсӣ ва эҷодии ду адиби бузургро дар адабиётшиносии муосир ва хусусияти тарбиявии ин муносибатро баён намуда, ба масъалаҳои адабиётшиносие, ки ба онҳо устод Айнӣ дар мукотибаи худ таъкид кардааст, ишора мекунад [114]. Муаллифи дувум фаъолияти номанигории С. Айниро ба эътибор гирифта, саҳми ӯро дар рушди нома ва номанигорӣ дар

адабиёти замони муосир баррасӣ ва оид ба афкори адабию эстетикии ӯ маълумот медиҳад [41].

Адабиётшиносон М. Имомзода ва М. Зайниддинзода доир ба номанигорӣ дар адабиёти муосир сухан ронда, номаро ҳамчун сарчашмаи омӯзиши коргоҳи эҷодии адибон донистаанд. Аз ҷумла, доир ба қимати бузурги адабию фарҳангӣ ва таърихӣ доштани мактубҳои С. Айнӣ ва А. Лоҳутӣ ишора кардаанд [90]. А. Маликзод бошад, дар мақолаи худ доир ба якчанд мактуби устод Айнӣ, ки ба фарҳангиёну шогирдони устод Айнӣ фиристода шудааст, маълумот дода, аҳаммияти илмӣ ва адабию таърихии номаҳои С. Айниро таъкид намудааст [89].

Дар масъалаи баргардон ва нашри номаҳои С. Айнӣ ва А. Лоҳутӣ адабиётшинос Х. Отахонова хидмати шоистаро анҷом додааст. Вай бори аввал ба муносибати ҷашни 100-солагии устод Айнӣ дар соли 1978 ба тариқи мунтахаб мукотиботи ӯро бо А. Лоҳутӣ чоп намуд [22]. Бори дувум бо такмил ва иловаҳо ин маҷмуаро интишор кард [23]. Соли 2004 бошад, мукотиботи А. Лоҳутӣ зери унвони «Номаҳо» дар ҳаҷми 112 саҳифаи чопӣ бо кӯшиши донишманди мазкур чоп шуд [21].

Бо вуҷуди ин ҳама асару мақола ва муқаддимаю гузоришҳо оид ба фаъолияти номанигории устод Айнӣ, хосса дар бораи мукотибаи ӯ бо А. Лоҳутӣ ҳанӯз асари монографие ба вуҷуд наомадааст.

Робитаи таҳқиқ бо барнома ва мавзуъҳои илмӣ. Таҳқиқи мавзуи мукотибаи С. Айнӣ ва А. Лоҳутӣ як қисми корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон маҳсуб меёбад.

ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚ

Мақсади таҳқиқ. Мавзуи аслии таҳқиқ дар диссертатсияи мо баррасии масъалаҳои адабиётшиносӣ ва хусусиятҳои адабии номаҳои С. Айнӣ ва А. Лоҳутӣ мебошад.

Вазифаҳои таҳқиқ. Аз номаҳои гуногуни С. Айнӣ ва А. Лоҳутӣ бармеояд, ки ин адибон тамоми умрашонро бо ихлосмандӣ ва дилбастагии комил сарфи омӯзиш, таҳқиқу баррасии адабиёти классикӣ ва адабиёти давраи нави тоҷик намудаанд. Аз ин рӯ, нақш ва ҷойгоҳи онҳо дар адабиётшиносии тоҷик хеле барҷаста ба назар меояд, аммо аз таҳқиқу таҳлили мавзуъ равшан гашт, ки нақш ва ҷойгоҳи онҳо дар илми адабиѐтшиносии тоҷик дар асоси мукотибаи эшон мукаммал таҳқиқ ва арзёбӣ нагардидааст.

Барои ҳаллу фасли муносиби мавзуъ мо дар диссертатсия масъалаҳои зеринро вазифаи асосии таҳқиқ қарор додем:

– баррасии равобити дӯстӣ ва эҷодии устод Айнӣ ва А. Лоҳутӣ, ки бо мақсади муайян намудани саҳифаҳои тозаи зиндагиномаи С. Айнӣ ва А. Лоҳутӣ ва равобиташон бо ҳамзамонон сурат гирифтааст;
– мурури мухтасар ба зиндагиномаи С. Айнӣ дар солҳои мудҳиши таъқибот, ки дар номаҳои устод Айнӣ зикр шудаанд;
– баррасии афкори адабию эстетикии С. Айнӣ ва А. Лоҳутӣ дар мукотибот, анъана ва навовариҳои А. Лоҳутӣ аз нигоҳи устод Айнӣ, мундариҷа ва шакли шеър аз назари С. Айнӣ;
– таҳқиқи чеҳраҳои машҳури адабиёти классикии форсу тоҷик дар номаҳо;
– баррасии номаҳо аз нигоҳи бозтоби масъалаҳои таърихӣ ва адабии замон, ки омӯзиши мероси адабӣ ва таъини ҳуқуқи тоҷикон ба осори адабии гузаштаро фаро гирифтаанд;
– баррасии андешаҳои А. Лоҳутӣ оид ба осор ва маҳорати адабии С. Айнӣ;
– таҳқиқи масъалаҳои марбут ба масъалаҳои забони тоҷикӣ: забон ва услуби асари бадеӣ, тафсилоти таълифи луғати забони адабии тоҷик, зарурати шарҳу тавзеҳи луғатҳо аз ҷониби С. Айнӣ дар номаҳо.

Объекти таҳқиқ. Таҳқиқи афкори адабию эстетикии С. Айнӣ ва А. Лоҳутӣ дар асоси номаҳои онҳо ва муайян намудани масъала ва муаммоҳои таърихи адабиёти муосири тоҷик.

Предмети таҳқиқ. Мукотибаи С. Айнӣ ва А. Лоҳутӣ ҳамчун манбаи муътамади илмию адабӣ.

Асосҳои назарии таҳқиқ. Дар ҷараёни таҳқиқ ба дастовардҳои донишмандони машҳури ватанию хориҷӣ, аз қабили С. Улуғзода, Р. Ҳошим, М. Шакурӣ, С. Табаров, Р. Ҳодизода, Х. Шарифзода, Р. Мусулмониён, А. Маҳмадаминов, Х. Асозода, А. Кӯчарзода, М. Нарзиқул, В.Г. Белинский, Е.Э. Бертелс, И. Брагинский, И. Бечка, А.З. Розенфелд, А.А. Акишина, Н.И. Формановская, В.М. Баркова, Л.Р. Гроссман ва дигарон такя намудаем.

Асосҳои методологии таҳқиқ. Диссертатсия дар асоси принсипҳои таърихӣ ва дигар ҷараёнҳои инноватсионие навишта шудааст, ки дар таҷрибаи корҳои илмӣ мусбат арзёбӣ шудаанд. Диссертант дар ҷараёни таҳқиқ аз методҳои таҳлилӣ ва таърихӣ-муқоисавӣ, ки ҳангоми омӯзиш ва баррасии осори илмӣ васеъ истифода мешаванд, кор гирифтааст.

Сарчашмаҳои таҳқиқ. Ҳамчун сарчашмаи асосии таҳқиқ номаҳои С. Айнӣ ва А. Лоҳутӣ дар маҷмуаҳои «Мукотибаи Садриддин Айнӣ ва Абулқосим Лоҳутӣ» (1978), «Мукотибаи Садриддин Айнӣ ва Абулқосим Лоҳутӣ» (2003), номаҳои парокандаи адиб дар рӯзнома ва маҷаллаҳо ва китоби «Номаҳо»-и А. Лоҳутӣ истифода шуд. Дар диссертатсия, мо нашри дувуми маҷмуаро, ки номаҳои С. Айнӣ ва А. Лоҳутиро ҷомеътар фаро гирифтаанд, мавриди истифода қарор додем.

Дар ҷараёни таълифи диссертатсия аз осори гуногуни мавриди ниёз низ истифода шудааст, ки рӯйхати пурраи манобеъ ва маохизи истифодашуда дар рӯйхати адабиёт зикр шудаанд.

Навгонии илмии таҳқиқ. Навгониҳои таҳқиқ дар он зоҳир мегардад, ки бори нахуст номанигории устод Айнӣ, махсусан мукотибаи С. Айнӣ ва А. Лоҳутӣ дар шакли монография мавриди омӯзиш ва таҳлилу таҳқиқ қарор мегирад. Чунин тарзи фарогири таҳқиқ имкон медиҳад, ки аҳаммияти илмию адабӣ ва таърихию фарҳангии номаҳои С.

Айнӣ ва А. Лоҳутӣ дар соҳаи илму фарҳанги давраи нави тоҷик ошкор гардида, вижагиҳои номанигории ин адибон муайян карда шавад.

Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда:

1. Нақши устод Айнӣ ва А. Лоҳутӣ дар инкишофи насри тоҷик, аз ҷумла жанри нома то ҳанӯз ба қадри кофӣ омӯхта нашудааст. Онҳо бо истифода аз имконоти жанрии нома дар асоси насри миллӣ як силсила мактубҳои пуарзише офаридаанд, ки насри адабиёти муосири тоҷикро ғанӣ мегардонанд.

2. Таҳлил ва баррасии муносибатҳои дӯстона ва эҷодии С. Айнӣ ва А. Лоҳутӣ яке аз мавзуъҳои муҳимми адабиёти муосири тоҷик мебошад. Пайванди ногусастанӣ ва пурсамари ин адибони бузурги муосир ва инчунин, эҳтиромӣ пойдори байниҳамдигарии онҳо ба адабиёти тоҷик манфиати бебаҳо овардаанд.

3. Аксар номаҳои устод Айнӣ ҷанбаи возеҳи тарбиявӣ доранд. Бо истифода аз ин услуб ва бо назар ба имконоти жанрии нома С. Айнӣ дар солҳои даҳшатноки шахспарастӣ ба А. Лоҳутӣ якчанд мактуб навиштааст, ки вазъи руҳии муаллифро инъикос намуда, дар бораи хизматҳои бузурги А. Лоҳутӣ маълумот медиҳанд.

4. Муҳимтарин ҷанбаи мукотибаи устод Айнӣ ва А. Лоҳутӣ дар он зоҳир мешавад, ки ин номаҳо афкори адабӣ ва эстетикии муаллифонро инъикос мекунанд. Аксар номаҳои С. Айнӣ ҷанбаи қавии назариявӣ доранд, зеро муаллиф кӯшиш кардааст, ки оид ба масъалаҳои дар боло овардашуда ашъори А. Лоҳутиро нақду таҳрир кунад.

5. Устод Айнӣ корҳои бебаҳои худро дар мавриди омӯзиши мероси адабиёти классикӣ бевосита дар давоми номанависӣ ҳам идома медиҳад.

6. Дар мукотиботи С. Айнӣ ва А. Лоҳутӣ барои адабиётшиносӣ маводи муҳим мавҷуд аст, ки аз онҳо метавон андешаҳои муаллифони онҳоро дар бораи асарҳои якдигар фаҳмид.

7. Дар номаҳои С. Айнӣ ба унвони А. Лоҳутӣ масъалаи забони тоҷикӣ авлавият дорад. Устод Айнӣ ҳамеша ба масъалаи забони тоҷикӣ бо эҳтиром ва диққати тамом муносибат кардааст.

8. Мактубҳои С. Айнӣ, ки ба таърихи адабиёти тоҷик ва забони тоҷикӣ бахшида шудаанд, дорои аҳаммияти махсус мебошанд. Аз ин рӯ, аксар ғояву андешаҳои устод Айнӣ дар баҳсҳои илмии муосир низ арзиши худро нигоҳ медоранд.

Аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ. Диссертатсия ба сифати нахустин пажӯҳиш ва баррасии муфассали илмӣ дар аснои таҳқиқи арзиш ва ҷойгоҳи номаҳои С. Айнӣ ва А. Лоҳутӣ дар адабиётшиносии муосири тоҷик ба унвонҷӯёну муҳаққиқон ёрӣ мерасонад. Мавод ва хулосаҳои диссертатсияро ҳангоми таълифи китобҳои дарсии мактабҳои миёна ва олӣ, асарҳои илмӣ ва дастурҳои таълимӣ низ метавон истифода кард. Дар баробари ин, диссертатсия дар таълими фанҳои таърихи адабиёти тоҷик, равобити адабӣ, таърихи тарҷума, назария ва амалияи тарҷумаи бадеӣ, курс ва семинарҳои тахассусӣ, таълифи корҳои курсӣ ва рисолаҳои хатму магистрӣ ба устодону донишҷӯён ва магистрантону аспирантони факултетҳои филологию рӯзноманигорӣ ёрӣ расонда метавонад.

Мутобиқати мавзуи диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ. Диссертатсия дар мавзуи «Масъалаҳои адабиётшиносӣ дар мукотиботи Садриддин Айнӣ ва Абулқосим Лоҳутӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология бо шиносномаи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ мувофиқат мекунад.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ. Дар бораи мукотибаи С. Айнӣ ва А. Лоҳутӣ ба ғайр аз мақолаҳои ҷудогона ва муқаддимаю гузоришҳо то ҳол пажӯҳиши умдае рӯйи кор наомада буд. Бинобар ин, диссертант муайян намудани ҷойгоҳ, арзиши осори ба сурати нома офарида ва паҳлуҳои норавшани ҳаёту фаъолияти ин адибонро таҳқиқу баррасӣ намудааст. Дар диссертатсия ва мақолаҳои нашрнамудаи муаллиф натиҷаи асосии таҳқиқот инъикос ёфтаанд.

Тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ. Дар рисола хулосаҳо ва масоили вобаста ба мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ аз тарафи муаллиф дар конференсияҳои байналмилалии «Масъалаҳои таҳқиқ ва интишори осори Айнӣ» (Душанбе, 2017), «Абулқосим Лоҳутӣ ва рушди фарҳанги миллӣ», (Душанбе, 2017), «Устод Айнӣ ва масъалаҳои равобити адабӣ», (Душанбе, 2018) ва ҳамасола дар конференсияи анъанавии ҳайати устодону кормандони ДМТ (Душанбе 2017-2020) мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия. Нуктаҳои асосӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот дар 12 мақолаи муаллиф дар маҷаллаҳои таъиднамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос ёфтаанд.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия. Диссертатсия аз муқаддима, се боб, 15 фасл ва хулосаю рӯйхати адабиёт фароҳам омадааст. Ҳаҷми умумии диссертатсия аз 164 саҳифаи чопи компютерӣ иборат мебошад.

БОБИ I

РАВОБИТИ ДӮСТӢ ВА ЭҶОДИИ УСТОДОН САДРИДДИН АЙНӢ ВА АБУЛҚОСИМ ЛОҲУТӢ

Дар баробари истеъдод ва ҳунари эҷодӣ дар адабиёти бадеӣ, инчунин муносибат ва ё равобити дӯстию эҷодии адибон дар марҳилаҳои гуногуни адабиёт омӯзанда буда, бисёре аз масоили адабию фарҳангии миллатро бозгӯ менамоянд. Доир ба ин масъала донишмандон низ назарҳои гуногун ироа намудаанд.

Мукотиботи С. Айнӣ ва А. Лоҳутӣ омӯзанда буда, дорои аҳаммияти бузурги илмӣ, эҷодӣ, фарҳангӣ ва амалию тарбиявӣ мебошад.

Дар пешгоҳи ҳар як адабиёт қофиласолороне меистанд, ки бо робитаҳои дӯстонаи худ пояи маҳками адабиётро гузошта, ҳамчун сутун такягоҳи он мегарданд. Дар адабиёти классикиамон низ буданд шоирони бузурге, ки бо ҳамдигар робитаи мустаҳками дӯстӣ ва эҷодӣ доштанд ва мисоли барҷастаи ин воқеият робитаи дӯстии Абдурраҳмони Ҷомӣ ва Алишери Навоӣ мебошад. С. Айнӣ ва А. Лоҳутӣ низ аз зумраи он бузургоне маҳсуб мешаванд, ки бо дӯстии худ як дарахти наврустаи адабиётро об додаанд. Оид ба фаъолияти дӯстӣ ва эҷодии С. Айнӣ ва А. Лоҳутӣ мақолаҳои зиёде аз тарафи аҳли адабу фарҳанг ба майдон омадаанд, ки навиштаҳои М. Осимӣ [23], Х. Отахонова [114], Р. Муқумов [107], С. Бону [57], С. Ғанӣ [61] ва дигарон аз ҷумлиаи онҳо мебошанд.

Вале ягона маводи муҳимме, ки робитаи дӯстиву эҷодии онҳоро ба хубӣ нишон медиҳад, номаҳои эшон аст. Аз ин ҷост, ки ҳоло мо дар ин боби кор ба маълумоти ҳамин сарчашма бештар такя мекунем.

Маълум аст, ки шиносоии С. Айнӣ ва А. Лоҳутӣ аз соли 1925, ҳангоми фароҳам сохтани «Намунаи адабиёти тоҷик» шуруъ шудааст. Худи А. Лоҳутӣ дар сарсухани «Намунаи адабиёти тоҷик» бо як садоқат ва самимият чунин навиштааст: «Садриддин Айнӣ. Ман бо ин ном аз дер ошно будам. Тасаввури ин исм ба фаврият як шахсеро ба назари ман меовард, ки оғози ҷавонӣ дар як муҳити

зулму ҷавр дар роҳи озодии халқ хидмат карда, бар зидди истибдод ҷасурона мубориза намуда, бародари фозили худро шаҳид дода. Он вақт ҳайкали мубораки вай пеши чашм ҷилвагар мешуд: бемор, низор, занҷир дар гардан ва кунда дар по, дар зери тозиёна ва чӯби фаррошони амири Бухоро аз гардан то камар гӯшти пушташ рехта, ба тавре ки ҳамаи устухонҳояш намоён аст.

Рӯзгор ба ин тарз шиносоии нодида гузашт. Як тасодуфи дигар шавқу ҳаваси маро дар дидани ин бузургвор зиёд кард, орзуи маро барои зиёраташ оташинтар намуд, дидани осори адабии ӯ.

Пас аз хондани осори адабии С. Айнӣ ба он ширинӣ аз хотирам гузашт, ки амири Бухоро на танҳо золим ва мустабид, балки бисёр гӯсола ва безавқ ҳам буда» [19, с. 6].

Бояд гуфт, ки қабл аз ин мулоқот С. Айнӣ ва А. Лоҳутӣ ба воситаи осори адабиашон аз аҳволи ҳамдигар бохабар будаанд, яъне ғоибона якдигарро эҳтиром мекарданд, аз равиши фаъолияти эҷодии якдигар ба хубӣ огоҳ буданд. Бамаврид аст зикр намоем, ки А. Лоҳутӣ дар сарсухани худ доир ба як қатор масъалаҳои муҳим, аз қабили коргоҳи эҷодии С. Айнӣ, омӯзиши мероси адабӣ, таърихи тамаддуни қадимаи халқи тоҷик, нақши ин китоб дар адабиётшиносии тоҷик, ки баъдан шаҳодатномаи миллати тоҷик унвон гирифт ва дар боби мақом ва шуҳрати адабии устод Айнӣ хеле мулоҳизаҳои ҷолиб баён намудааст. Хусусан, андешаҳои А. Лоҳутӣ оид ба адабиёти нави тоҷик дар давраи аввали шуравӣ хеле ҷолиб аст. Аз ҷумла А. Лоҳутӣ махсус қайд мекунад, ки «моҳи августи соли 1925 дар шаҳри Самарқанд ба зиёрати фозили муҳтарам ноил шудам. Устод дар утоқи кории худ даруни садҳо китоб ғарқ буд ва нусхае дар даст дошт, ки менавишт. Он ҳамин «Намунаи адабиёти тоҷик» буд.

Садамоти дунё, занҷирҳо, зиндонҳо, чӯбҳо ва шиканҷаҳо устодро пир ва манҳӣ карда ва чашмонашро беқувват намуд. Бо вуҷуди ин, як сол буд, ки ба ҷамъ ва тартиби «Намунаи адабиёти тоҷик» пардохта буд. Он рӯзҳо китоб ба поён расида ва машғули покнависии он буданд. Ман онро мухтасаран мурур кардам. Устод Айнӣ барои ёфтани баъзе аз нусхаҳои хаттии шоирони тоҷик басо рӯзҳое, ки дар ба дар, кӯча ба кӯча рафта, то онро ёфта ва ба даст оварда ва дар

натиҷа заминаи ҳозире барои танқид ва таҳлилоти адабии тоҷикон омода намуда» [19, с. 6-7].

Қудрати устувор сохтани пули байни ин адибони тавоно ва мумтозро ҳамин «Намунаи адабиёти тоҷик» тавонист дар заминаи номанигорӣ монад, ки ин пули дӯстӣ, ҳамфикрӣ ва эҷодиашонро мустаҳкам сохт. Метавон гуфт, ки ин асар як воситаи дӯстии ин ду адиб гардидааст. Тавассути ҳамин китоби безавол А. Лоҳутӣ ба устод Айнӣ бо имдоду хайрхоҳии худ, бар зидди миллатчиёни буржуазӣ ва пантуркистоне, ки барои аз чоп баромадани чунин «шиносномаи миллати тоҷик» зид буданд, баромада аз китобу муаллифаш дифоъ намудаст. А. Лоҳутӣ аҳаммияти «Намунаи адабиёти тоҷик»-ро дарк намуда, ба устод Айнӣ дасти ёрӣ дароз мекунад. Ин ҳам маълум аст, ки ин китоб бо ёрии А. Лоҳутӣ соли 1926 дар Маскав чоп гардид. А. Лоҳутӣ ба он сарсухани пурмазмуне менависад. Ӯ дорои маданият ва адабиёти қадимӣ будани тоҷиконро таъкид карда, ба хидматҳои устод Айнӣ баҳои сазовор дода, ӯро сипаҳсолори адибони тоҷик меномад.

А. Лоҳутӣ, вақте ки қадами нахустини худро ба хоки мамлакати тоҷик ниҳод, маҳорати шоирияш дар нашъунамо буд, устоди назарраси назм шуда буд. Устод Айнӣ бошад, эҳтирому садоқати худро низ ба ӯ нишон дод. Самад Ғанӣ аз пазироии С. Айнӣ бо А. Лоҳутӣ ёдовар шуда, суханро аз забони устод Айнӣ меорад ва мегӯяд: «Рафиқони гиромӣ, бародарон, дӯстони меҳрубон. Имрӯз рафиқ Лоҳутӣ меҳмони мо мебошанд. Иҷозат диҳед ман дар ин рӯзи нек худро аз самими қалб табрик намоям» [61, с. 2]. С. Ғанӣ мегӯяд: «Аҳли маҷлис ба ҷунбиш омада, одамон бо тааҷҷуб ба якдигар нигоҳ карда монданд. Лоҳутӣ низ ба Айнӣ бо гӯшаи чашми пурмаъно назар андохта, табассуме кард. – «Ман худро барои он табрик мекунам, ки – гуфт С. Айнӣ суханашро давом дода, – шарафи аз номи зиёиёни Самарқанд табрик намудани меҳмони азиз, шоири бузург Абулқосим Лоҳутӣ ба ман муяссар шуд» [61, с. 2].

Ниҳоят, ӯ ин ҷамъомади аҳли адаб ва бошукӯҳ ва суханронии устод Айниро бо як шарафу дилхушӣ ба хотир оварда, дар мақолааш идомаи сухани устод Айниро меоварад: «Рафиқ Лоҳутиро садои дили мо, муҳаббати бепоён ва меҳри

беинтиҳои мову шумо аз Маскав ба ин ҷо кашида овард. Агар шоҳон, амирон, боён ва муллоёни ҳафт иқлим ба пеши пойи шоир зар резанд ҳам, ӯро аз ҷой ҷунбонида наметавонистанд. Маълум мешавад, ки мо вобастаи шоирони худ ва шоиру адибонамон вобастаи мо мебошанд. Муҳаббати ба якдигар доштаамон моро ба ҳамдигар бо риштаҳои маҳками дӯстӣ роҳи дурро наздик мекунад ва дӯстонро ба дидори якдигар мерасонад» [61, с. 2].

Як сабаби дигар дар барқарорӣ ва устувории робитаи дӯстии С. Айнӣ ва А. Лоҳутӣ ин аст, ки соли 1926 аввалин маҷмуаи ашъори устод Лоҳутӣ бо номи «Адабиёти сурх» дар Тоҷикистон чоп шуд. Бисёр мақбулу пурмазмун будани ашъори ин маҷмуа устод Айниро ба ваҷд меорад ва ба ин китоб баҳои баланд медиҳад. Устод Айнӣ дар оғози тақризи худ ба ин маҷмуаи А. Лоҳутӣ байти мазкури шоирро махсусан таъкид карда, истеъдоди А. Лоҳутиро меситояд:

«Дар хуни шайху шаҳнаву шаҳ воҷиб аст ғусл,
Дар шаръи инқилоб ба насси китоби сурх» [10, с. 342].

Ин шеърро устод Айнӣ дар китобе, ки бахшида ба шашумин солгарди Инқилоби Октябр дар Маскав (1923) чоп шуда будааст, хонда сарояндаашро «адиби сурх» меномад [10, с. 342].

Устод Айнӣ дар ҳамон солҳо эҷодиёти А. Лоҳутиро як қисми адабиёти советии тоҷик шуморида, чанд шеъри ӯ, аз ҷумла «Инқилоби сурх» ва «Кремлро»-ро ба «Намунаи адабиёти тоҷик» ворид намуда, худи Лоҳутиро «адиби сурх» номид. Ба шеъри «Инқилоби сурх», ки дар васфи инқилоби Октябр гуфта шудааст, бисёр шоирон пайравӣ карда, шеърҳо гуфтаанд, ки беҳтаринаш ба қалами устод Айнӣ мансуб аст [19, с. 138].

Устод Айнӣ ин порчаҳои шеърро ба гул ташбеҳ медиҳад ва бо камоли устодӣ ва самимона сароида шудани ин шеърҳоро таъкид намуда, ба хонандагон ҳамчун як дастаи гул тақдим мекунад.

Устод Айнӣ, пеш аз ҳама, мазмуни баланд доштан ва барои пеш бурдани афкори ҷамъиятӣ нақши калон бозидани шеърҳои А. Лоҳутиро дарк намуда, ба ӯ

ихлоси азиме пайдо мекунад ва аз ин ҷиҳат шеъре бо номи «Соиқа» ба тарзи хеле ширин тасниф намуда, ба ӯ мебахшад, ки ин аст:

Абр шуриду баҳр туғён кард,
Раъд ғурриду барқ ҷавлон кард.
З-ин миён барҷаҳид соиқае,
Ки ҷаҳонро тамом ҳайрон кард.
Бар сари буржуа чароғак зад,
Рӯйи муздурро дурахшон кард.
Буд ин шеърҳо, ки Лоҳутӣ,
Дар раҳи инқилоб илҳом кард [14, с. 122].

Ин шеъри устод Айнӣ зоҳиран ба муносибате гуфта шудааст, ки воситаи дӯстию рафоқат, ҳамдилӣ, суханҳои пур аз меҳру муҳаббат, пур аз дурдонаҳои марворидро ба вуҷуд оварда, дар он маънавиёт ва сифатҳои баланди шахсияти А. Лоҳутиро тасвир кардааст.

Аз ин ҷост, ки шиносоии С. Айнӣ ва А. Лоҳутӣ бештар дар номаҳояшон ба муносибати дӯстонаи адабӣ ва эҷодӣ мубаддал мегардад. Дар ин маврид меҳру муҳаббати онҳо то андозае афзун мегардад, ки намехоҳанд аз аҳволи якдигар бехабар монанд. Ҳамон тарзе ки дар мактуби аз 20 июни соли 1933 мушоҳида мешавад, 30-солагии фаъолияти эҷодии А. Лоҳутиро дар Тоҷикистон ҷашн мегиранд ва устод Айнӣ ба ин муносибат шеъри мазкурро менависад. С. Айнӣ дар номааш А. Лоҳутиро «шоири ҷаҳоншумули инқилобӣ» ва «устоди адабу санъаткори пурбаракат» [23, с. 21] гуфта, ӯро табрик менамояд ва масъулияти навқаламонро дар ҷодаи шеъру шоирӣ дар мисоли ин шоири бузурги инқилобӣ ибратомӯз медонад.

Аз мутолиаи ин мактуб маълум мегардад, ки устод Айнӣ аз ашъори А. Лоҳутӣ роҳи кушодаи ҷавононро эҳсос карда, ӯро бо дуову суханони некаш ба олами адабиёт ва майдони шеър бештар ҳидоят мекунаду тарбияи насли ҷавонро низ ба зиммаи ӯ мегузорад ва бо фурутанӣ сипосгузории худро ҳамчун адиби солхӯрда баён мекунад [23, с. 21].

Бояд гуфт, ки на танҳо устод Айнӣ ба ашъори А. Лоҳутӣ ин гуна назар менамуд, балки дар айни замон А. Лоҳутӣ низ ба эҷодиёти оламшумули устод Айнӣ баҳои арзанда медод ва ӯро барои худ устоди бемисл меҳисобид.

Дар зимн, баъд аз ду соли ҷашни 30-солагии эҷодиёти А. Лоҳутӣ, ҷашни 30-солагии эҷодиёти устод Айнӣ низ баргузор мегардад ва А. Лоҳутӣ аз сабаби мушкилиҳои кори давлатӣ дар ин маросим иштирок карда наметавонад. Бо вуҷуди ин, ӯ худро дар хурсандии устод Айнӣ мехост шарик намояд ва бо узрхоҳӣ менависад: «Беҳад андуҳгинам, ки имконият надорам дар юбилейи бошарафи Шумо шахсан иштирок кунам. Аз тамоми дилу ҷон хоҳиш доштам, ки дар тӯйи Шумо рақс кунам, ашӯла хонам бо ҳамроҳии меҳнаткашони сершумори Тоҷикистон, ки иди 30-солагии кори адабии Шуморо мегузаронанд, хурсандӣ намоям. Аммо машғулияти кори правлениями Иттифоқи нависандагони советӣ ба ман имконият намедиҳад, ки аз Маскав бароям. Боварӣ дорам, ки Шумо барои иштирок намудан дар иди Шумо орзуи гарм доштани маро ҳис мекунед. Шуморо муборакбод гуфта, дасти Шуморо аз самими қалб фишор медиҳам» [21, с. 2].

А. Лоҳутӣ бар замми ин боз шеъре дар бораи С. Айнӣ менависад, ки мутаассифона, мо ин шеърро дастрас накардем. Аммо шеъре, ки баъд аз чанд сол А. Лоҳутӣ ба муносибати 75-солагии устод Айнӣ мебахшад, ба соли 1953 рост меояд. А. Лоҳутӣ дар ин шеър ҳафтоду панҷ чӯби ситам хурдану мардонавор ақлу ҳуши ҷавониро гум накардани устод Айниро васф намуда, заковатмандии ӯро равшан баён намудааст ва барояш ҳафтоду панҷ соли дигар таманно кардааст. Ин шеър муҳаббати самимии А. Лоҳутиро нисбат ба устод Айнӣ бештар нишон медиҳад:

Ҳафтоду панҷ сол зи умри муборакаш,
Бигзашту боз ҳуши ҷавон аст ҳуши ӯ.
Ҳафтоду панҷ чӯби ситам хӯрду хам нашуд,
Пеши амири хоин мардона пушти ӯ.
В-имрӯз бори хидмати халқи азизи хеш,
Бо шавқ мебарад ба сари дӯш инчунин.

Ин навҷавони мӯйсафеди тавилсин,
Аз кӣ гирифта қудрате ин гуна? Аз Ленин.
Умед ин ки аз асари табъи олияш,
Гардад китобхонаи тоҷик мол-мол,
Маънои дигаре ҳам дорад умеди ман –
Яъне расад ба синни ду ҳафтоду панҷ сол» [86, с. 16-17].

Бояд қайд кард, ки шиносоии ин ду шахси бузург ба дӯстии самимонаи эҷодӣ табдил ёфта буд.

Дӯстии устод Айнӣ ва А. Лоҳутӣ, ки рӯз аз рӯз пурқувватар мешуд, дӯстии ҷонӣ ва эҷодӣ буд. Дар мактубҳои онҳо хонанда ҳисси ғамхорӣ кардан ба якдигар ва эҳтиром ба асарҳои якдигар ва умеди бештар ба ояндаи неки адабиётро дарк мекунад. Ҷолиби таваҷҷуҳ аст, ки сухан дар номаҳои онҳо аксаран дар хусуси омодасозии асарҳо ва аз чоп баромадани онҳо мебошад. Дар бораи ин, лаҳзаҳои шарҳиҳолӣ, вазъи саломатӣ ва дигар мавзуъҳо низ дарҷ гардидааст. Аз як номаи фиристодаи С. Айнӣ, ки дар он аз беморӣ сухан кардааст, А. Лоҳутӣ дилгир шуда, дар ҷавоби номааш, ки ба таърихи 28 декабри 1932 рост омадааст, доир ба гуфтаҳои ноумедонаи устод Айнӣ бо ҳасрат изҳор карда, бо таъкид аз «мурдан» сухан кардани устод Айниро барои озор додани дили худ нораво медонад. Дар ин бора А. Лоҳутӣ дар номаи зикршуда чунин менависад: «Не, Шумо бояд зинда монед ва ба сохтани сусиёлизм дар Тоҷикистон дар қисмати адабӣ хидмат кунед. Мо аз тарафи хонандагони «Одина», «Дохунда» ва порчаҳои дигари адабии шуроӣ ба Шумо бар зидди ин настроение протест карда ва аз Шумо талаб мекунем, ки бисёр зиндагонӣ кунед. Дохундаҳои мукаммалтар нависед. «Мо камбағалонем» барин таронаҳои ранҷбарӣ ба вуҷуд оваред ва дигар ин хел гапҳо нагӯед. Хуб-мӣ устодҷон?» [23, с. 18-19].

Дар мактуби аз 9 июни соли 1938 хушнудӣ ва қонеъ шудани А. Лоҳутӣ аз сиҳатии устод Айнӣ ба мушоҳада мерасад [23, с. 47].

Дар номаҳои С. Айнӣ ва А. Лоҳутӣ зиёдтар софкорӣ, хислатҳои неки инсонӣ, ба мисли сидқу вафо, хуррамӣ, ростқавлӣ, некиву некукорӣ, раҳму

шафқат, инсондӯстию мардумнавозӣ, илмомӯзиву донишмандӣ, бурдборӣ дар эҷодиёти ҳамдигар, пуртоқатӣ ва ғайраҳоро дидан мумкин аст.

Чизи ҷолиби диққат дар муносибати дӯстии онҳо дар мактубҳо боз дар он аст, ки ҳар асари навэҷоди онҳо барояшон ид ва хурсандӣ буда, онҳоро фарзандони худ мешуморанд. Дар номаҳояшон якдигарро барои офаридани асаре, ки дар фаҳмиши эшон фарзандро мемонд, аз сидқи дил табрик менамоянд. Дар як номааш устод Айнӣ, ки дар таърихи 4 августи соли 1940 навишта шудааст, аз нашр шудани «Марги судхӯр», «Ятим», «Фирдавсӣ» хабар медиҳад ва ба А. Лоҳутӣ аз онҳо як нусхагӣ мефиристад [23, с. 98].

А. Лоҳутӣ бошад, дар таърихи 17 августи 1940 ба ин номаи устод Айнӣ ҷавоб навишта, миннатдории хешро, хусусан фарзандаш Далерро баён кардааст, ки мегӯяд: «Ҳанӯз як китоби шумо хонда нашуда, китоби дигар мерасад. Чӣ қадар бояд Тоҷикистон хурсанд бошад.Чӣ кунам?

«Зи дасти кӯтаҳи худ зери борам,
Ки аз болобаландон шармсорам»

асари қобили ҳадя надорам, аммо умед ҳаст, ки «Девон»-и дуюм баъд аз як моҳ аз чоп барояд ва ба хидмати Шумо бифиристам» [23, с. 100].

Аз мактубҳо маълум мешавад, ки ин ду устоди бузург маҳз тавассути нома аз асарҳои навэҷоди якдигар огоҳ мешуданд ва ниҳонтарин розҳои хешро ба ҳамдигар мерасониданд. Мақоми ин дӯстиро ҳамин гуна арзишҳои волои инсонӣ фаро гирифтааст, ки барои насли оянда ҳамчун ҳидоятҳои некро боқӣ мондаанд.

Аз мактубҳо ба мо намоён шудани хислатҳои неки инсонии ин ду устод ба хубӣ маълум мешаванд, ки барои пешрафти маънавиёти халқ корҳои муҳимро анҷом додаанд. Сипас аз мутолиаи мактубҳо маълум мешавад, ки онҳо чи дар ҳунари адабӣ ва чи дар корҳои ҷамъиятӣ, ҳамеша нисбат ба худ ва дигарон серталаб будаанд. Академик М. Осимӣ бамавқеъ дар ин бора чунин менигорад: «Аз ҳар як мактуби онҳо ҳамин серталабӣ нисбат ба ҳамдигар, серталабӣ нисбат ба эҷоди якдигар дар зимни ғамхории доимӣ бо назари танқид муносибат кардан ба асарҳои якдигар пай бурда мешавад. Онҳо ҳамеша фурсатро ғанимат

донистаанд ва ҳар дақиқаи зиндагии пурсамари худро ба манфиати мардум истифода кардаанд» [23, с. 7].

Воқеан, мукотибаи устод Айнӣ ва А. Лоҳутӣ намунаи барҷастаи робитаи дӯстӣ, ғамхорию масъулиятшиносии ин ду устоди адабиёт маҳсуб меёбанд. Чунончӣ А. Лоҳутӣ дар номаи ноябри 1940 менависад: «Устоди муҳтарам Айнӣ, салом!

Аз омадани «Ятим» ва «Одина» ба хонаи амакашон бисёр хурсанд ҳастам. Ду касро, ки тавонанд намунаи ҳамаи халқи заҳматкаши тоҷик бошанд, беҳтар дидам, ки аз фарзандони шумо гирам. Ин аст, ки онҳоро даъват кардам» [23, с. 105].

С. Айнӣ ва А. Лоҳутӣ дар мактубҳояшон, шахсони покдил ва меҳнатдӯсте ба назар мерасанд. Устод Айнӣ, ки асарҳои офаридаашро ҳамчун фарзанд медонист, А. Лоҳутӣ назари худро ба онҳо ҳамчун бародар иброз доштааст. Аз мактубҳо ҳаминро мушоҳида кардан мумкин аст, ки онҳо, чи дар пешаи адабӣ ва чи дар ҳаёти рӯзмарра, нисбат ба ҳамдигар эҳтироми хос доштаанд.

С. Айнӣ зимнан дар ҷавоби мактуб дар таърихи 24 ноябри 1940 ба А. Лоҳутӣ миннатдории хешро баён намуда, дар мавриди шеъре, ки аз тарафи А. Лоҳутӣ низ ба устод Айнӣ барои таҳрир фиристода будааст, андешаашро баён намуда, ӯро «адиби классики муосир» номидааст ва дар идома ба дӯсти ҳамқаламаш чунин ибрози назар менамояд: «...«Ҳадяи Заррина» ҳам дар вақти худаш расида буд. Алҳақ, «Одина» ва «Ятим»-и маро хуш пазирой кардаед. Худам ҳам «Одина»-ро яке аз меваҳои пешпазаки чорбоғи ҳаёти худ ва «Ятим»-ро яке аз беҳтарин асарҳои замонии худ мешуморам» [23, с. 106].

С. Айнӣ ва А. Лоҳутӣ ҳамеша ба дӯстию бародарии худ содиқ буданд ва ҳангоме ки ба таълифу эҷод мепардохтанд, на фақат аз муваффақиятҳои эҷодиашон хушнуд мешуданд, балки диққаташонро аз пазироии эҷодиёти якдигар бештар ба худ мекашиданд.

Бояд тазаккур дод, ки солҳои сиюмро метавон солҳои таъқиби олимону адибон дар саросари Иттиҳоди Шуравӣ номид. Ин ҳодисаро дар мактубҳои равонкардаи С. Айнӣ ба А. Лоҳутӣ ба хубӣ дидан мумкин аст, ки устод Айнӣ

ҳамчун адиб ва суханвари ду ҷумҳурии шуравӣ – Тоҷикистону Ӯзбакистон дар он солҳо ҳисобида мешуд. Ҳаминро гуфтан лозим аст, ки дар он рӯзгори иғвогариҳо, ки ба сари устод Айнӣ балоҳои азим оварда буд, маҳз мадади хайрхоҳонаи А. Лоҳутӣ аз ин фишори ногаҳонӣ ӯро раҳонид. Вақте ки устод Айнӣ сахт озурдахотир мешавад, ба А. Лоҳутӣ дар номааш бо ғаму ғусса роз мегӯяд ва маърузаи дар ҳаҷми 30 саҳифа навиштаашро равон карда, аз ӯ ёрӣ металабад. А. Лоҳутӣ барои дифоъ аз устод Айнӣ бо тамоми ҳиссу ҷон чораҳои ҷиддӣ меандешад. Ӯ бо ёрии завҷааш Бону маърузаро бо забони русӣ тарҷума карда, дар Правлениями Иттифоқи нависандагони ИҶШС дар байни адибон, хусусан дар назди И. Сталин бо ҷасорат мехонад. Ҳамин тавр, хидмати хирадмандонаи устод Лоҳутӣ ғалаба мекунад. Вақте ки суханони А. Лоҳутӣ ба И. Сталин таъсир мекунанд, бо фармони ӯ устод Айнӣ аз фоҷеа ва гумномӣ раҳо меёбад.

Ҳамин тавр, муносибати дӯстонаи С. Айнӣ ва А. Лоҳутӣ дар як марҳилаи хеле ҳассос ва дар айни замон хеле мураккабу тақдирсози халқи тоҷик ба миён омада, пояҳои адабиёти муосири тоҷикро таҳким бахшиданд. Дар баробари ин, хидматҳои таърихии онҳо ба воситаи мукотибот, ки ба онҳо дар қисматҳои гуногуни корамон бештар назар мекунем, сарватҳои маънавии адабиёту фарҳанги тоҷиконро ҳифз намуда, барои дастрас гардидани онҳо хидматҳои таърихӣ намудаанд. Дар ҳамин аст решаҳои таърихии дӯстии ин ду адиб ва мо мустаҳкамии адабиёти муосирро бо ҳамин равобити дӯстию эҷодии онҳо мансуб медонем.

1.1. Шарҳи ҳол ва осори С. Айнӣ дар мактубҳояш ба А. Лоҳутӣ

Таълимот ва системаи илми номанигорӣ ва иншонависӣ аз замони зоҳир шуданаш дар адабиёту фарҳанги форсизабонон ривоҷу равнақ ёфта, аз аср ба аср ба камол расида, аз оғози пайдоиш ба осори бадеӣ ва рӯзгори нависанда бетаъсир намондааст. Чунки дар нома солҳои зиндагии муаллиф ҳам ҷойгир буда

метавонад, дар ин миён замони таълиф ва тадвини асарҳо дар номаҳо низ дида мешавад.

Бисёр ҷиҳати муҳимми номаҳои С. Айнӣ ва А. Лоҳутӣ дар он зоҳир мегардад, ки аксарияти онҳо инъикоскунандаи шарҳи ҳол, ҳолати рӯзгузаронӣ ва баёнгари осори адибон маҳсуб меёбанд. Дар ин миён номаҳое, ки ба А. Лоҳутӣ фиристода шудаанд, ҳолати руҳии устод Айниро ба таври барҷаста ва хеле боварибахш баён намудаанд.

Дар мактубҳои устод Айнӣ, ки ба А. Лоҳутӣ навиштааст, муҳимтарин лаҳзаҳои зиндагии шахсии устод Айнӣ, фаъолияти эҷодӣ, тартиби кори эҷодии ӯ бо дақиқият баён шудаанд. Дар номаҳое, ки С. Айнӣ дар солҳои 1930-1940 (23 ноябри соли 1934, 17 январи 1937, 7 октябри 1937, 6 ноябри 1937, 8 майи 1938, 25 майи 1938, 28 майи 1938, 30 апрели 1939, 14 июни 1939, 4 августи 1940, 24 ноябри 1940 ва ғ.) ба А. Лоҳутӣ ирсол доштааст, доир ба масъалаҳои шарҳи ҳол ва осори худ маълумоти пурқимат медиҳад, ки то кунун дар таҳқиқоти ба устод Айнӣ бахшидашуда ба таври лозим мавриди баррасӣ қарор нагирифтаанд. Дар номаҳои ба унвони А. Лоҳутӣ равонкардаи устод Айнӣ доир ба ҷузъиёти зиндагии нависанда маълумоти нодир мавҷуд аст, ки барои омӯзиши ҳаматарафаи шарҳи ҳоли ӯ, махсусан доир ба солҳои фоҷиабори сиюми қарни гузашта маводи тоза медиҳанд.

Устод Айнӣ аҳвол, осор ва вазъи саломатии худро дар номаҳои фиристодааш ба А. Лоҳутӣ дар шароити гуногун бозгӯ намудааст. Ӯ аз ҷузъиёт ва лаҳзаҳои душвори ҳаёт, беморӣ, мушкилтарин лаҳзаҳои руҳӣ, садамоти ҳаёт ва душвориҳои зиндагӣ сухан мегӯяд, ки мо дар ин ҷо чанде аз онҳоро дида мебароем.

Дар номаҳо С. Айнӣ ироаи андешаю афкори адабӣ дар осори худ ва тарзи асарофаринию шарҳи ҳолашро тадвин намудааст, ки чунин номаҳояш ифодагари паҳлуҳои гуногуни ҷузъиёти ҳаёти ӯ мебошанд. С. Айнӣ бо аксар адибони тоҷик дар номаҳояш доир ба тарзи асарофаринӣ сухан кардааст. Дар онҳо масъалаҳои адабӣ, таърихӣ ва сиёсии замон эзоҳ дода шуда, баъдан дар бораи воқеаҳои замони зиндагии нависанда, роҷеъ ба осори худи устод низ маълумоти пуарзиш

дода мешавад. Бояд гуфт, ки ин гуна маълумот барои рӯшан кардани саҳафоти норавшани зиндагии муаллиф низ аҳаммияти хосса доранд. Ин қазия низ диққати адибону адабиётшиносонро ба худ кашидааст, ки ба фикру мулоҳизаҳои онҳо зиёд дучор мешавем. Нависанда А. Деҳотӣ дуруст таъкид кардааст, ки «Номаҳои Садриддин Айнӣ дорои аҳаммияти калони адабӣ ва илмиву фарҳангӣ мебошанд. Гоҳе дар номаҳо андешаҳои адабии Айнӣ ба таърихи таълифи навиштаҳои адибе ва дигар масъалаҳои асарофаринӣ иртибот пайдо кардаанд. Дар қисме аз номаҳо масъалаҳои шахсӣ, оилавӣ, хоҷагӣ ва ҳатто баъзан тафсилоти тарзи кор ва зиндагии ҳаррӯзаи Айнӣ ва ё аҳволи дӯстон, шогирдон ва ошноёнаш инъикос ёфтаанд, ки ба воқеаҳои ҷории замон бахшида шудаанд» [70, с. 50].

Устод Айнӣ дар номаҳое, ки ба адибони тоҷик ирсол намудааст, дар хусуси асарҳояш, тарзи навишти осор ва аз чоп баромадани онҳо, баъзан вазъи саломатӣ, тарзи зисту зиндагиашро баён кардааст. Дар номаҳое, ки устод Айнӣ ба А. Лоҳутӣ, Ҷ. Икромӣ, А. Деҳотӣ, М. Турсунзода ва дигарон фиристодааст, дар бораи офаридани асарҳои бадеӣ низ сухан рондааст.

Албатта, устод Айнӣ ҳар андешаеро, ки дар боби ҳунари эҷодӣ ба адибе баён карданӣ мешавад, аз нома истифода менамуд. Ӯ ба ин восита ба дӯстону пайравон, адибони ҷавон, муҳаққиқон, садрнишинон нома навишта, тавассути он афкори адабӣ, эстетикӣ, танқидӣ ва аз ҷумла рози эҷодиашро баён намудааст. Махсусан дар номаҳое, ки устод Айнӣ дар солҳои 1930-1940 ба А. Лоҳутӣ фиристодааст, андешаҳои ӯ доир ба ин масъала бештар ифода ёфтаанд. Чунончи, С. Айнӣ дар номаи 23 ноябри 1934 навиштааш доир ба эҷоди романи «Ғуломон» дахл менамояд. Мо баъд аз мутолиаи мактубҳои ин ду адиб пай мебарем, ки эҳтироми устод Айнӣ ба А. Лоҳутӣ хеле самимӣ будааст. Дар ҳар номааш гӯё барои дӯсти адибаш ҳисоботи эҷодӣ медиҳад. Дар мактубе, ки устод Айнӣ ба А. Лоҳутӣ фиристодааст, нақшаи кории шабонарӯзиашро, яъне тартиби кори эҷодиашро дар он баён менамояд. Устод шароити корашро дар нома нишон дода, орзу мекунад, ки то даҳсолагии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Ғуломон»-ро ба итмом расонад ва заҳмату бедорхобиҳояшро чунин зикр мекунад: «Рафиқи азиз, Лоҳутии мо! Салом! Мактуби 9-уми ноябр навиштаатонро 19-уми моҳи мазкур

гирифтам. Мувофиқи хоҳиши Шумо аз румони «Ғуломон» ба котиб фармуда чордаҳ саҳифа китобат кунонидам, ки ҳамроҳи ин мактуб ба хидмат мефиристонам. Ҳоло худам дар румони «Ғуломон» кор карда истодаам. Шароити корам ба ин тариқа аст:

Ҳар шаб соати 2 баъд аз ними шаб кор сар мекунам, то соати ҳашти рӯз, баъд чой менӯшам ним соат, боз аз соати 8 ба кор медароям то соати 4-ним, бе он ки чизе бихӯрам ва чойе нӯшам, кор мекунам. Агар бисёр дил беҳол шавад, як – ду дона конфет мемакам. Соати 5 корро ғун дошта кӯча меравам ва газета мехарам, ба ин восита пойҳоям, ки 14 соат дузону мондаанд, меёзанд. Боз пас ба хона омада таом мехӯрам, чой менӯшам ва рӯзнома мехонам. Соат, ки ҳафт шуд, мехобам. Боз соати 2 гӯё маро касе бедор карда бошад, аз хоб ҷаста мехезам. (Ин мактубро ҳам соати 2 – ним, баъди ними шаб навишта истодаам, ки аввали ҳавсала ҳаст, вагарна хонда наметавонистед)» [23, с. 23].

Дар номаи мазкур устод Айнӣ ба А. Лоҳутӣ фаҳмондааст, ки ба кадом роҳҳо тарзи ба тартиб истифода кардани вақтро барои кори эҷодии худ ҷудо кардааст.

Ӯ худ менависад, ки соати 7-и шаб ба хоб мерафтааст ва соати 2 беихтиёр бедор шуда сари мизи кориаш менишастааст, то бегоҳ кор мекардааст, ки чунин вақти тулонӣ ҳамарӯза иҷро кардани кори эҷодӣ барои устод дар ин синну сол як вазифаи пурмасъул мебошад. Табиист, ки бо ин қадар заҳмату машаққат аз асарҳои калонҳаҷм ва пурмаъно, албатта, баъзан нобарорӣ рух додан аз ҷиҳати саломатӣ ҳам ҳаст, аммо бо вуҷуди ин, махсусан сари вақт бо саъйу ҷаҳд ва кӯшишҳои устод ба анҷом мерасиданд. Яъне, устод Айнӣ дар ҳеҷ вазъият ҳисси масъулиятро фаромӯш намекардааст. Ҳар кореро, ки ба зимма мегирифт, бо масъуляти том машғул мешудааст ва ба ҳалли масъалаҳои он басо дурандешона ва нозукбинона муносибат менамуд. Адабиётшинос Х. Асозода менависад: «Тафовути вақти хобу ба кори эҷодӣ аз тарафи шаб машғул шудани Айнӣ ба боло рафтани синну соли ӯ пайвастагӣ дорад. Албатта, дар ҳар ду тартиби кори Айнӣ номувофиқатӣ ба мушоҳида мерасад» [43, с. 42].

Оре, ин дуруст аст, аммо пирӣ ва беҷо шудани вазъи саломатӣ устодро ба мушкилӣ дучор менамуд, бо вуҷуди ин, саъю кӯшишҳои ҷиддӣ низ дар номаҳо ба назар мерасанд.

Устод Айнӣ ҷузъиёти душвори ҳаёташро дар номае ба А. Лоҳутӣ нигоштааст. Ӯ моҳи январи соли 1937 ба беморӣ гирифтор шудан ва тағйир кардани кори эҷодиашро нисбат ба пештара фаҳмонидааст. Бо вуҷуди камқувватӣ ва вазнин будани кори эҷодӣ, дар бораи шахсияту фаъолияти эҷодии А. Пушкин шеъре менависад ва тарҷумаашро ба русӣ аз завҷаи А. Лоҳутӣ – Бону хоҳиш менамояд. Акнун мегузарем ба номаи навбатӣ, ки С. Айнӣ ба А. Лоҳутӣ навиштааст. Он нигошта чунин аст: «Инак, дар ҳамин ҳол хонанишин ҳастам. Корҳоям ҳам он қадар пеш намераванд, пештар рӯзе 12-14 соат кор мекарда бошам, ҳоло аз 4 ё 5 соат зиёда кор карданам мумкин нест.

Бо ин ҳама камқувватӣ нахостам, ки дар ёдоварии Пушкин иштирок накарда монам. Як порча шеър навиштам, як нусхаи онро бо ин мактуб, аммо дар конверти ҷудогона ба рафиқа Бону фиристода, тарҷумаашро илтимос кардаам. Аз шумо хоҳишмандам, ки дар вақти тарҷума барои эзоҳ ёрӣ медодед ва ҳам дар санаи пушкинии «Литгазета» чопашро таъмин мекардед» [23, с. 26].

Устод Айнӣ ҳамеша бо адибони дигар низ эҳтиром дошт ва қадршиносии хидмати онҳоро вазифаи ҳатмии худ медонист. Ва барои ӯ чӣ гуна будани шароит муҳим набуд. Ин аст, ки ба А. Лоҳутӣ дар бораи Пушкин дар ин нома гуфтааст. Фаъол будани кори эҷодиаш ва мутаваққиф накардани он ҳам аз номаҳо возеҳ аст. Аз ин лиҳоз, барои эҷодиёташ фидокорона меҳнат карда, маънавиятро шоҳсутуни бинои одамӣ ҳисобидааст.

Номаҳои ба А. Лоҳутӣ равон кардаи устод Айнӣ низ як ҳадафи асосӣ доранд – ҳидоят кардан ба ростиву ҳақшиносӣ ва меҳнати ҳалолу адлу инсоф.

Устод Айнӣ солҳои сиюм рӯзҳои даҳшатборро аз сар мегузаронд ва саломатиаш ҳам он қадар хуб набуд, синну солаш барои эҷод кардан мувофиқати комил надошт. Соли 1935 дар мавриди навиштани луғати нимтафсилии забони тоҷикӣ бо Нашриёти давлатии Тоҷикистон шартнома баста буд. Оғози корро аз соли 1936 шуруъ мекунад, ки ба қавли Х. Айнӣ, дар соли 1938 ба итмом расид.

Ин мавзуъро низ устод Айнӣ ба А. Лоҳутӣ ҳамчун нақшаи эҷодӣ иброз доштааст ва ба А. Лоҳутӣ дар таърихи 7 октябри 1937 менависад: «Худам имрӯзҳо ба кори луғат машғулам» [23, с. 30].

Ҷойи дигар менависад: «Агар ба тамом кардани ин кор комёб шавам, гумон мекунам, ки барои ҷавонон ва забони адабии имрӯзаи тоҷик хазинаи калон ба вуҷуд ояд. Табиист, ки таҷриба ва кори аввалӣ бо хеле нуқсонҳо омехта мешавад. Бо вуҷуди ин, як асосе, ки дар оянда такмил ва ислоҳ кардани он осон аст, гузошта мешавад. Ман хаёл кардам, ки то тамом шудани кор ба кори дигар даст назанам, то ки чизҳои пеш-пеш навиштаам аз ёд набаромада, кор нисбатан зудтар ва осонтар тамом шавад. Ин коре, ки ман ба танҳоӣ сар кардам, корест, ки Бектош бо роҳбарии Нисормуҳаммад бо як дастаи калони «забоншиносон» сар карда, ду сол «кор карданд» ва садҳо ҳазор суми давлат харҷ шуду дар натиҷа чизе ҳам нашуд» [23, с. 30-31].

Ҷолиб аст, ки устод бисёр ҳофизаи хуб доштааст ва чунончи маълум гардид, андешаҳояшро бештар дар хотираш нигоҳ медоштааст. Калимаҳои дар хотираш нигоҳдоштаро аз ёд набароварда, то анҷоми кор ба кори дигар машғул намешудааст. Дар охир шикоят аз роҳбарони забон мекунад, ки харҷи давлатро исроф намудааанду ба натиҷае нарасидаанд.

Аз номаҳо дақиқназар ва ҷиддӣ будан, эҳтиёткориву нозукии тарзи асарофаринии устод Айнӣ ба мо маълум шуд, ки бо як тартиби муайян нақшаи корашро барои хубтару ҷолибтар шудани асараш ба А. Лоҳутӣ баён намудааст. Аммо мутаассифона, луғати устод қурбони амалҳои иғвогарона ва воқеаҳои мудҳиш гашт, ки муаллиф дар солҳои 30-юм зери фишор қарор дошт ва сари вақт ба табъ нарасид. Танҳо баъд аз 38 соли таълифаш бо кӯшиши айнишиносон соли 1976 дар ҷилди 12-уми Куллиёти С. Айнӣ дастраси хонандагон гардид [13].

Дар қисме аз номаҳо лаҳзаҳои кинатӯзӣ ва душмантарошӣ, ки солҳои 30-юм С. Айнӣ дучори онҳо шуда буд, масъалаҳои иғвогаронаи солҳои мудҳиши ҳаёти устод нишон дода шудаанд. Вақте ки устод Айниро душмани халқ шумурданд, ин ҳолат ҳаёти устодро нисбат ба зарбаҳои давраи амирӣ, ки аз сараш гузаронида буд, талхтар мекард. Аз ҳамин сабаб худро «бадбахт» гуфтааст.

Устод Айнӣ бо ҳолатҳои бисёр вазнину сангин ба А. Лоҳутӣ муроҷиат ва дар таърихи 6 ноябри соли 1937 арзи дил мекунад. Таҳаммулпазирии худро дигарбора ба хотир оварда, ин ҳолатро барояш хеле вазнин медонад. Устод барои хурсандии фарзандонаш махфиёна хуни дил хурданашро ба А. Лоҳутӣ менависад [23, с. 35-36].

А. Лоҳутӣ, ки бо шахсияти устод Айнӣ аз наздик ва ҳам аз осори адабиаш огоҳ буд, барои ҳифозат аз ӯ дар байни оммаи аҳли адабу фарҳанги Маскав маъруза хонда, аз шахсияти фарҳангии ин адиби бузург дигаронро огоҳ менамояд.

Дар ин айём баъд аз сафед кардани номи устод Айнӣ гуфтугӯҳо давом мекарданд. Устод Айнӣ бо А. Лоҳутӣ нисбати ҳамон шахсоне, ки ноҳақ ба ӯ ҳуҷум карда буданд ва баъзеҳо бо гуноҳи худ иқрор шуданд, дар ҳаҷми 4 саҳифа нома навиштааст. Аз ҷумла 8 майи соли 1938 дар ин бора мегӯяд: «Албатта, он ҳуҷумҳо, хусусан, ки ҳамааш дурӯғ баромад, дар матбуот эълон карданд ва нависандагони мақолаҳо айбашонро ба гардан гирифтанд, руҳи ман наафтод, ҳатто аз аввалӣ зиёдтар қувват гирифт. Аммо чӣ кунам, ки бадан, хусусан ин бадани пири фарсуда ба қуввати аввала наомада истодааст. Одам танҳо бо шавқ ва қувваи руҳ кор карда наметавонад, бадани солим ҳам даркор аст, ки ба фармони руҳ ва шавқ итоат кунад» [23, с. 38].

Дар идомаи нома устод Айнӣ доир ба мавзуи луғат дар ҷойи дигари мактуби мазкур менависад: «Тоҷгиз (Нашриёти давлатии Тоҷикистон – Ф. Н.) бо ташаббуси рафиқ Прутопопуф ба ман фармуд, ки то 10 июл кор кардани луғатро тамом карда диҳам...» [23, с. 40]. Устод Айнӣ бори дигар менависад: «Корам ҳозир танҳо кор кардан дар болои луғат аст» [23, с. 40].

Дар ҳамин вақт устод Айнӣ бо дархости рӯзномаву маҷаллаҳо мақолаҳо менавишт, аммо барои ӯ ин машаққат ва меҳнати ҷиддии эҷодӣ ҳисобида намешуд. Бегоҳиҳо, соати 5 пеши оила ва фарзандон, ки дар боғ буданд, рафта, соати 9-и шаб боз ба ҳавлии шаҳриаш бармегашт. Устод Айнӣ, ки нафақахӯр буд, ҳар кори илмӣ ё адабиеро, ки ба ягон муносибат ба ӯ нашриётҳои Ӯзбекистон ва Тоҷикистон месупориданд, ба тариқи шартнома амалӣ мекард. Охирҳои соли

1938 «...бо Тоҷгиз як дугувор бастаам, ки бояд то сари май тайёр карда диҳам», [23, с. 62] менависад устод Айнӣ. Аммо устод Айнӣ барои кадом кор баста шудани шартномаро зикр накардааст. Ҳамчунин, «...бо кумитаи юбилеии Навоии Ӯзбекистон ду дугувор бастаам, ки вақти тамом кардани кор дар уктабр ва ноябр аст», [23, с. 62] таъкид намудааст ӯ.

Дар номаи дигараш қайд мекунад, ки дар бораи А. Навоӣ бояд рисолае менавишт. Ба анҷоми он ба мутолааву баррасии тӯлонии сарчашмаҳо ва маводи илмиву бадеӣ ниёз доштанашро хотиррасон карда, барои ин заҳмат ба А. Лоҳутӣ аз 2 январи соли 1939 менависад: «Кори Навоӣ чунон аст, ки бояд ман дуру дароз мутолаа кунам. Масалан, дар натиҷаи мутолааи шабонарӯзӣ ниҳояташ як сафҳа материал ғун дорам ва баъд аз ҷамъ шудани материалҳо онҳоро ба шакли китоб нависам. Зеро (чунон ки медонед) манбаъҳои Шарқӣ ҳамагӣ китобҳои бефехристанд, баъд аз хондани саҳифаҳо нохост ба як ҷумла вохурда мешавад, ки гирифтани он даркор аст. Бинобар ин, аз ваҷҳи курорт ба ҳамин қарор омадам, ки баъд аз ба роҳ мондани корҳои ба даст доштаам, агар фурсати муносибе ба назар намоянд, аз ин ваҷҳ менависам» [23, с. 62].

Яъне дар ин мактуб ҳам устод Айнӣ заҳмату меҳнати худро дар бораи рисолаи Навоӣ ба А. Лоҳутӣ нигоштааст. Ба ин тариқ, доир ба мавзуъ маводи илмиву бадеӣ ҷамъ оварда, сониян, ба таҳлилу таҳқиқи илмии он пардохта, оқибат ба натиҷа мерасид. Аз гуфтаҳои устод Айнӣ ба А. Лоҳутӣ бармеояд, ки ӯ дар навиштани асари илмӣ се марҳиларо ҷудо мекардааст: ҷамъоварии мавод, таҳлилу сухани илмӣ гуфтан, хулоса – натиҷаи дуруст иброз доштан.

Дар номаи 30-юми апрели соли 1939 дар бобати ба забони ӯзбакӣ чоп шудани «Мактаби куҳна», «Марги судхӯр», «Ҷаллодони Бухоро» ва нашри чоруми повести «Одина» ба тоҷикӣ маълумот дода, дар айни замон хотиррасон мекунад, ки: «ҳикояти «Ятим»-ро дар охири май тамом мекунам» [21, с. 84].

Устод Айнӣ тобистони соли 1939 аз тарафи Иттиҳодияи нависандагони Тоҷикистон барои машварат вобаста ба нашри мунтахаботе ба муносибати даҳсолагии ҷумҳурӣ ба Сталинобод (Душанбе) даъват гардид. С. Айнӣ бояд қисми адабиёти классикии онро аз назар мегузаронд. Дар ҳамин рӯзҳо Зингер ва

Икромӣ Айниро даъват намудаанд, ки ба маҷмуаи тоҷикистонии А. Лоҳутӣ муқаддима нависад. Барои иҷрои ин кор устод Айнӣ бояд розигии А. Лоҳутиро мегирифт.

Ин одати муқаррарии худи устод будааст, ки бе ризоияти муаллиф ба маҷмуа ё қиссаву романе муқаддима наменавишт. Вақте ки устод Айнӣ аз А. Лоҳутӣ маҷмуаро бо нома мегирад, мефаҳмад, ки А. Лоҳутӣ барои муқаддима навиштани устод Айнӣ розӣ аст. Дар нома устод Айнӣ ба А. Лоҳутӣ бо арзи хоксорӣ менависад: «Албатта, дар чунин вақти парешонӣ муқаддимаи хубе нашуд...» [23, с. 88]

Устод Айнӣ ва А. Лоҳутӣ дар мактубҳо ҳамеша ба якдигар аз комёбии шеъру асарҳояшон, адабиёту хабарҳои фарҳангӣ сухан мегуфтанд. Гузашта аз ин, дар хусуси аз чоп баромадан ва ба итмом расидани асарҳояшон суҳбат менамуданд ва ба суроғаи ҳамдигар аз онҳо як нусхагӣ ҳам мерасонданд. Масалан, дар номаи 4 августи соли 1940 менависад: « «Марги судхӯр», «Ятим», «Фирдавсӣ» ба наздикӣ аз чоп баромада буданд, як нусхагӣ ёдгорӣ фиристода шуд, аммо агар «Фирдавсӣ»-ро ҳам як нусха мефиристодам, баста ноҳамвор мешуд, бино бар ин, ду нусха фиристодам» [23, с. 98].

Ба мутолиаву кор кардан дар болои асарҳои классикон гузарониданашро устод Айнӣ дар идомаи ин нома низ зикр мекунад. Яъне фасли тобистонро қариб барои омода намудани рисолаҳо доир ба классикон гузаронидааст [23, с. 98].

Аз номаҳои устодон бо хурсандиву шавқмандӣ қабул кардани эҷодиёти якдигарашон маълум аст. А. Лоҳутӣ низ ду нусха аз таронаи «Гуселкунандагон»-и худ барои устод Айнӣ мефиристад ва аз ду нусха будани тарона устод Айнӣ изҳори хушӣ мекунад, чунки яке аз онҳоро барои фарзандонаш муносиб дида, нусхаи ба хатти арабиасос чопшударо худаш мегирад. На танҳо устод Айнӣ шеъру ғазалҳои А. Лоҳутиро хуш пазиро̄ менамуд, балки дар ин ҳангом А. Лоҳутӣ низ асарҳои устод Айниро ба ҷону дил истиқбол мекард. Вақте ки аз асарҳои равонкардаи устод Айнӣ А. Лоҳутӣ ҳавасманд мегардад, дар номааш ба ӯ изҳори миннатдорӣ баён мекунад. Инро ҳам бояд қайд кард, ки А. Лоҳутӣ дар ҷавоби мактуби С. Айнӣ аз китобҳои фиристодаи худ «Одина», «Ятим», ки ба А.

Лоҳутӣ равон карда буду илтифоти ӯро дарёфта буд, миннатдории худро баён мекунаду дӯст доштани асарҳояшро ва дар сари вақт сареҳу комил ба анҷом расиданашонро низ менависад [23, с. 106].

Дар номаҳои ҷавобиаш устод Айнӣ ҳамчун адабиётшинос назари худро иброз медорад. Таҳлили устод Айнӣ ба шеърҳои А. Лоҳутӣ дар номаҳо акс ёфтаанд. Масалан, менигарем ба шеъри лирикие, ки ба А. Лоҳутӣ тааллуқ дорад, назари устод Айнӣ ин гуна аст: «Шеъри лирикие, ки... фиристодаед, ҳақиқатан ба авҷи аълои лирика баромадааст. Бо ин ҳама баландӣ, ин ҳама содагӣ, ин шеър маро аз шавқ ба ҳаяҷон овард, ки мо ин гуна намунаҳоро дар классикҳо надидаем. Ман наметавонам, ки дараҷаи софӣ, содагӣ, равонӣ ва ба болои инҳо ин қадар баландии ин шеърро тақдир намоям. Фақат дар тавсифи ин шеър метавонам, ки аз як таъбири тадқиқотчиёни классик (агар фаромӯш накарда бошам, аввал ин таъбирро Абдурраҳмони Ҷомӣ гуфтааст) фоида барам, ин шеър ба тамоми маъноях «саҳли мумтанеъ» аст» [23, с. 107]. Дар фарҷоми нома маслиҳатҳову қайдҳои мансуб ба шеъри мазкурро устод Айнӣ ба А. Лоҳутӣ низ ҷоиз медонад, бо ин асос, ки «миёни онҳо нифоқу риё» вуҷуд надорад.

Чӣ гуна бо ранҷу машаққат бузургони классики тоҷику форсро ошкор намудани устод Айнӣ дар номаҳояш ба А. Лоҳутӣ падидор аст, махсусан муайян намудани маҳалли зисти устод Рӯдакӣ. Аз ҳодиса ва рӯйдоди фарҳангие, ки ба муайян намудани зодгоҳи Рӯдакӣ тааллуқ дошт, дар номаи 24 ноябри 1940, устод Айнӣ А. Лоҳутиро огоҳ месозад. Дар «Намунаи адабиёти тоҷик» Айнӣ макони таваллуди шоирро деҳаи Рӯдак таъин намудааст. Вақте ки дар номаҳояш ба А. Лоҳутӣ доир ба кофтуков ва амиқ кардани қабри Рӯдакӣ сухан мегӯяд, баъд аз ин маълум мешавад, ки фикри худро дигар мекунад. Доир ба таҳрири ин мактуб дар фасли шашуми боби дуюми кор ба пуррагӣ таваққуф хоҳем кард.

Метавон хулоса намуд, ки нома барои таҳқиқи рӯзгор ва осори адибон фикру андешаҳои худи онҳо ба сифати манбаи муътамад аз ҳар ҷиҳат бағоят арзишманд мебошанд. Аз ин ҷиҳат, мукотиботи устод Айнӣ, махсусан номаҳое, ки ба А. Лоҳутӣ бо фарогирии санаду мадракҳои тоза ва пурқимат аҳаммияти калони илмию таърихиро доро мебошанд. Дар мактубҳои ба А. Лоҳутӣ

ирсолдоштаи С. Айнӣ муҳимтарин лаҳзаҳои зиндагии нависанда, фаъолияти эҷодӣ, коргоҳи адабӣ ва афкори адабию эстетикии ӯ бо ҷузъиёт ва дақиқият баён шудаанд, ки паҳлуҳои гуногуни зиндагиномаи санъаткорро ҳарҷониба равшан мекунанд.

Мактубҳои ба А. Лоҳутӣ навиштаи устод Айнӣ вазъи фоҷиабори зиндагии С. Айнӣ ва аҳли адабу фарҳангро дар солҳои террори сталинӣ чун оина дар худ бо ҳама паҳлуҳояш мунъакис намудаанд, ки чунин ҳолати тазйиқу фишор ва фоҷиаборро аз дигар манбаъҳо наметавон дарёфт кард. Ин аст боз як далелу нишонаи хеле муҳимми ҳақиқатгӯиву ҳақиқатнигории устод Айнӣ дар назди таърих ва ҷомеа, ки бузургии шахсияти ӯро ба таври барҷаста собит менамояд. Дар маҷмуъ, номаҳои С. Айнӣ ба А. Лоҳутӣ зиндагӣ ва корномаи аҷибу ибратомӯзи ин адиби тавоноро ба таври дурахшон дар худ бозтоб намудаанд.

1.2. Зиндагиномаи С. Айнӣ дар солҳои таъқибот

Зиндагиномаи С. Айнӣ дар солҳои таъқибот (солҳои 30-юми садаи XX), ки дар адабиёт бо номи давраи «шахспарастии Сталин» ёд мешавад, моҷароҳоеро дар худ ниҳон дорад, ки бо фош шудани шахспарастии И.В. Сталин дар анҷумани XX Ҳизби Коммунистии Иттифоқи Шуравӣ (1956) ошкор гардидаанд. Агарчи шахспарастии И. В. Сталин замони ба сари қудрат омадани Н. Хрушев ошкор гардида бошад ҳам, то соли 2003 ба хонандаи тоҷик сарнавишти устод Айнӣ дар солҳои 1935-1938 пӯшида буд. Яъне бо даст ёфтани Тоҷикистон ба Истиқлол ва густарда гардидани сарҳади андешаҳо ин масъалаҳо ҳам баррасӣ шуданд. Аз он ки то имрӯз доир ба ин масъалаҳо андешаҳо гуногунанд, метавон ҳадс зад, ки ҳанӯз ҳам ин мавзуъҳо ба таҳлили ҳамаҷонибаи илмӣ гирифта нашудаанд.

Устод Айнӣ дар солҳои таъқибот чун адибони дигар як ҳаёти маъюсона, бадбахтона ва мушкилеро аз сар гузаронидааст, вале ҳеҷ гоҳ умедашро аз пирӯзии ҳақиқату адолат наканда, мубориза бурдааст. Мо медонем, ки устод Айнӣ баъди ин солҳои даҳшатбори шуравӣ ба навиштани асарҳои ёддоштӣ, хусусан «Мухтасари тарҷумаи ҳоли худам» (1940) ва асари бузургаш

«Ёддоштҳо» (1948-1954) оғоз бахшид. Агарчи дар «Ёддоштҳо» зиндагии Айнӣ то солҳои 1903-1904 тасвир шуда бошад ҳам, вале дар «Мухтасари тарҷумаи ҳоли худам» лаҳзаҳои гуногуну ибратбахш ва гоҳе фоҷиавии адибро то солҳои 1940-1950 ба таври пароканда бошад ҳам, мушоҳида менамоем, вале аз воқеаҳои мудҳиш ва таарруз­и мафкуравӣ, ки дар соли 1937 ба сараш омада буданд, маълумоте нест. Бояд гуфт, ки дар таҳқиқи фарзанди Айнӣ – Холида Айнӣ, ки ба бойгонии падараш ошно буд ва ба нақшаи илмии ӯ мавзуи «Ҳаёти Садриддин Айнӣ» аз солҳои 70-ум дохил гардида буд, оид ба фаъолияти эҷодии ӯ дар солҳои 1933-1938 маълумот дода шудааст [43, с. 24], вале дар хусуси таарруз­и мафкуравии соҳибмаслакони таъсирпазир чизе гуфта нашудааст.

Албатта, ин аз сиёсати давр сарчашма гирифтааст. Назар ба таҳлили адабиётшинос Х. Асозода, дар китоби тарҷумаи ҳоли устод Айнӣ чанд саҳифаи нонавиштае ҳаст, ки ба зиндагии устод Айнӣ дар солҳои 1933-1938 рафта мерасад. Х. Асозода дар ҳамин замина баҳс ороста, таъкид менамояд, ки «дар китоби тарҷумаи ҳоли Айнӣ, ки ба қалами худи устод навишта шудааст ва рисолаву мақолаҳои фарзандонаш Х. Айниву К. Айнӣ, шогирдаш Р. Ҳошим ва дигарон чанд саҳифаи нонавишта мемонанд, ки ба сарнавишти адиб дар солҳои 1933-1938 иртибот доранд» [43, с. 20].

Ҳамин тавр, Х. Асозода ба натиҷае мерасад, ки ҳуҷумҳои мафкуравии солҳои сиюм бо вуҷуди муҳим будан аз ҷониби муҳаққиқон гуфта нашудаанд. «Дар китоби хронологии Х. Айнӣ, – менависад Х. Асозода, – ин солҳои фаъолияти эҷодии Айнӣ зикр гардида, аммо дар бораи ҳуҷумҳои мафкуравие, ки ба сари ӯ омада буданд, ҳарфе гуфта нашудааст. Ҳарчанд ки Х. Айнӣ ва К. Айнӣ аз он саҳифаҳо огоҳанд ва Р. Ҳошим ҳам хеле хуб аз тақдири солҳои сиюми Айнӣ бохабар буд, дар ин бора қаламашон кундӣ кардааст» [43, с. 20]. Мо дар ин ҷо то чӣ ҳад дуруст будани ин суханҳоро мавқуф гузошта, ҳаминро қайд карданием, ки баъди бо таъсири Маскав ҳал шудани мавзуъ ба манфиати Айнӣ ин масъала як навъ ҷамъбаст гардид. Шояд аз ин ҷиҳат аст, ки ин донишмандон сари он баҳс накардаанд.

Тавре ки қаблан арз кардем, мукотиботи С. Айнӣ ва А. Лоҳутӣ як сарчашмаи муҳим ва дар айни замон далели муътамад барои ҳалли илмии ин падидаи ҷомеаи шуравист. Махсусан, мактубҳои С. Айнӣ ба А. Лоҳутӣ ва аз А. Лоҳутӣ ба устод Айнӣ ва аризаи Айнӣ дар ҳаҷми 30 саҳифа, ки ба Масква равон шуда буд, арзишманд буда, таҳлили илмии ҷиддиро мехоҳанд.

Мактубҳои С. Айнӣ аз 14-уми марти соли 1937, 7-уми октяби соли 1937, 6-уми ноябри соли 1937, 8-уми майи соли 1938, 25-уми майи соли 1938 ва ғайра, ки ба Москва ба суроғаи А. Лоҳутӣ ирсол гардидаанд ва дар баробари онҳо ҷавоби ин номаҳо аз ҷониби А. Лоҳутӣ пурмуҳтаво буда, бисёре аз масъалаҳои таърихи адабиёти тоҷикиро дар замони шуравӣ бозгӯ мекунанд. Номаҳои мазкур ба чӣ ҳолати руҳии маъюскунанда гирифтор гардидани С. Айнӣ ва муборизаи ӯро барои дифои худ ва зану фарзандони худ ва аз ҳама муҳим наҷоти устод Айнӣ – ин раҳбари маънавии тоҷиконро барои насли имрӯз мекушояд. Аз ин рӯ, арзанда аст, ки ин мактубҳо дар шакли монографияи ҷудогона таҳлил ва баррасӣ гарданд. Метавон гуфт, ки моҳияти ин номаҳо то ҳанӯз ба таври ҷиддӣ мавриди омӯзиши шарҳиҳолӣ ва таърихию адабӣ қарор нагирифтаанд. Мо дар ин бахши кор кӯшиш намудем, ки гуфторҳои устод Айниро, ки аз як тараф, саҳифаҳои номаълуми шарҳиҳолии ӯро рӯшан менамоянд ва аз ҷониби дигар, баёнгари як давраи фоҷиавии таърих аст, таҳлил намоем, то ба ин восита тавонем ҳолати руҳӣ ва чӣ қадар мубориз будани устод Айниро баён намоем.

Маълум аст, ки аз аввали солҳои сӣ таъқиби донишмандону адибон ва шахсиятҳои фарҳангӣ дар кулли Давлати Шуравӣ оғоз гардида буд, ки яке аз онҳо устод Айнӣ маҳсуб мегашт. «Соли нохуши 37 – соли махуфи истинтоқи зиёиён домулло Садриддин Айнӣ мавриди ҳуҷумҳои ноҷавонмардона қарор гирифт, дар рӯзномаҳои маҳаллӣ «душмани халқ» эълон шуда буд, – қайд кардааст К. Айнӣ» [29, с. 68].

Албатта, шароити аҳли хирад ва адабу фарҳанг дар он солҳо дар ҳолати ногувор қарор дошт, ки дар ин мавзуъ адибон ва донишмандон бисёр гуфтаву навиштаанд. Хусусан, асари тарҷумаиҳолии Ҷ. Икромӣ – «Он чӣ аз сар гузашт» [72, с. 306] дар ин боб маълумоти ҷолиб медиҳад. Вале мо аз таҳлили гуфтаҳои

дигарон худдорӣ намуда, танҳо ба таҳлили гуфтаҳои устод Айнӣ, ки дар номаҳояш ба А. Лоҳутӣ ироа гардидаанд, қаноат мекунем.

Фишорҳои мафкуравие, ки соли 1937 ба сари С. Айнӣ омаданд, дар номаҳо акс ёфтаанд. Чунонки маълум аст, ин падидаи номатлуб саросари Давлати Шуравиро фаро гирифта буд ва устод Айнӣ, ки дар ду ҷумҳурии шуравӣ – Тоҷикистон ва Ӯзбакистон ба сифати адиб ва донишманд фаъолият мекард, дар вазъи бағоят ногувор қарор дошт. Ӯ дар ҳар ду ҷумҳурӣ ҳам ба туҳмат ва иғво гирифтор гардид.

Мувофиқи гуфтаи худи адиб, «...дар рӯзномаи маҳаллии Самарқанд маро ба кори Вадуд баста навиштаанд. Як бор, ки ном дар қатори одамони бадном баромад, чанд бори дигар ба корҳо ва одамоне, ки ман бо онҳо ҳеҷ муносибат надорам, баста навиштаанд. Албатта, ба ҷоҳои даркорӣ ва органҳои тафтишӣ муроҷиат кардам, ки ин корро тафтиш намоянд. Лекин то ҳол натиҷаи тафтиш маълум нест» [23, с. 31]. Дар ин гуфтор, ки 7 октябри соли 1937 навишта шудааст, оғози иғвоангезиҳои душманони миллати тоҷик мушоҳида мешавад. Дар ин замон устод Айниро, ки дар кӯчаҳо ва маҷлисҳо беобрӯ карда мегаштанд ва ҳар вақт ҳабс шудани ӯро мегуфтанд, вале ӯ амин аст, ки аз тафтиш пок мебарояд.

Аммо дар муддати як моҳ вазъият бадтар гардида, ҳолати ноумедонаеро дар гуфтори С. Айнӣ мушоҳида мекунем. Устод Айнӣ дар номаи худ ба А. Лоҳутӣ, ки таърихи 6 ноябри соли 1937-ро дорад, менависад: «Шумо маро собир медонистед, тааҷҷуб хоҳед кард, ки чаро ман ин қадар дилтанг шудаам. Дар ҳақиқат ман хеле борбардор будам, дар вақте ки дар Арки амир маро мезаданд, гӯштҳоям мепарид, хун аз баданам мешорид ва гоҳо аз ҳуш мерафтам, лекин вақте ки ба ҳуш меомадам, нигоҳ мекардам, ки онҳо маҷбур мешуданд чашмонашонро аз ман канда ба замин дӯзанд. Аммо ман на дод мегуфтам ва на аз чашмам об мебаромад. Зеро онҳо душман буданд ва дар онҳо ҳамонро дида истода будам, ки чашм доштам ва ба интиқом ҳозир мешудам. Аммо дар шароити советӣ, ки ба вай содиқ ва самимӣ ҳастам «ту» гуфтанро бардошта наметавонам.

Имрӯз 6-уми ноябр аст, ҳамаи СССР, ҳатто меҳнаткашони хориҷ ҳам ба иди 20-солагии Уктабри бузург тайёр мешаванд. Бачагони ман ҳам ба мошин лента баста истодаанд. Лутфияча ҳам хониши «Интернатсионал»-ро машқ карда истодааст. Аммо ман, мани бадбахт, дар зарфи ин 20 сол танҳо ҳамин рӯз аст, ки дилам пурхун аст, аммо ҳеҷ зоҳир намекунам, то ки ба шодии бачагонам халал нарасонам» [23, с. 35-36].

Вақте ки фишорҳои мафкуравӣ ба С. Айнӣ ҳам дар Ӯзбакистон ва ҳам дар Тоҷикистон зиёд гардиданд, дар ҳама ҷо бадхоҳону душманони нависанда овозаҳо паҳн мекунанд, ки Айнӣ ба ҳабс гирифта шудааст ва дар соли 1937 дар рӯзномаҳои «Ҳақиқати Ӯзбекистон» ва «Ленин йӯлӣ» дар ҳаққи устод Айнӣ мақолаҳои саропо туҳматангезе чоп шуданд ва ӯро ҳамчун «душмани халқ» эълон карданд. Номашро аз хиёбони Регистони Самарқанд бардоштанд. Аз ин туҳмати ногаҳонӣ устод Айнӣ аз хавфи зиндон шудан худро ҳабси хонагӣ мекунад. Ҳатто муаллифони ин мақолаҳо эҷодиёти С. Айниро тамоман ба таври дигар маънидод карда, асарҳояшро ба Ҳукумати Шуравӣ душманона ва худи ӯро душмани синфӣ эълон карданд. Аз ҳамин ҷост, ки устод аз худ дифоъ намуда, дар номааш ба А. Лоҳутӣ менависад. Устод Айнӣ роҳи наҷот меҷуст ва аз балои бар сараш омада, А. Лоҳутиро огоҳ намуда, дар бораи муносибати худ бо додарарӯсаш Вадуд Маҳмудӣ мегӯяд: «Шумо медонед, ки Вадуд ба ман додарарӯс аст ва инро ҳам медонед, ки миёнаи ман ва ӯ ҳеҷ алоқаи маънавӣ ва маслакӣ нест.

Баъд аз он ки ӯ аз ҳабсу нафй халос шуд, асосан дар Тошканд меистод, аммо ҳар вақт ки Самарқанд ояд, азбаски модараш мурдааст, пеши ҳамширааш меистод. Албатта, ҳаммаслакони ӯ ба хонаи ман рафтуой надоштанд.

Соли 36-уми моҳи декабр ба Тошканд рафта буд, то вақти ман ба саёҳат рафтан ӯ дар Тошканд буд. Ман 7 июли соли 37 ба саёҳат рафтам, ӯ дар Тошканд буд. Ман 7 июли соли 37 баромадам, ки 11 июл дар Маскав будам. Ӯ 16 июл ба Самарқанд омадааст, бачагон дар боғ буданд ва як қисми ин боғ ҳам азони ӯст. Табиӣ дар ҳамон боғ пеши ҳамширааш мондааст ва 19 август дастгир шудааст ва ман 24 август ба Самарқанд дохил шудам» [23, с. 31]. Дар номаи 6-уми ноябри

соли 1937-и худ устод Айнӣ бо он хабарҳое, ки дар газетаи «Ленин ӯйлӣ» ва «Ҳақиқати Ӯзбекистон» гуфта шудаанд, худро гунаҳгор намедонад ва ба Вадуд муносибати маънавӣ ва ё маслакӣ надоштани худро собит менамояд. Аз ҷумла мегӯяд: «Танҳо ман ба ин айбдор ҳастам, ки ба алоқаи маҷбурии Вадуд гирифтор шудам, ман ба бадбахтии шавҳари хоҳари ӯ будан гирифторам. Ман натавонистам зани бемори маларӣ, ревматизм ва порук сердсаи худро бо бачагони хурдсол бароварда пеш кунам.

Вақте ки ман ба хоҳари Вадуд (соли 1920) хонадор шудам, ӯ коммунист буд ва як коммунисти чап буд, ман муллои аз мадраса баромадагӣ будам. Партия ва инқилоб маро тарбия карда ба дараҷаи нависандаи советӣ расонд, мусоҳибатҳои одамони бад ӯро вайрон карда ба ин дараҷа расонд.

Такрор мегӯям, ки ман ба Вадуд ҳеҷ як алоқаи мафкуравӣ ва сиёсӣ надорам ва доштанам ҳам мумкин набуд» [23, с. 34].

Дар ҳамин мактуб устод Айнӣ муносибаташро бо Файзулло Хоҷаев ва Акмал Икромов шарҳ дода, аз балои онҳо халос шудани худро аз хидмати А. Лоҳутӣ медонад ва менависад: «Маро бо алоқаи Файзулло Хӯҷа ва Икромуф айбдор мекунанд. Аммо шумо медонед, ки танҳо кӯшиши шумо ва ҳимояти Ҳукумати Советӣ маро аз шарри Файзулло Хӯҷа ва Икромуфҳо нигоҳ дошта омад. Шумо медонед, ки Икромуф ба «Намунаи адабиёти тоҷик» чӣ гуна ҳуҷум карда буд, шумо медонед, ки Икромуф ин масъаларо пеши Бухорин гузошта, ӯро ба майдон андохта буд» [23, с. 34].

Дар идома устод Айнӣ мегӯяд: «Имрӯз боқимондаи онҳо мехоҳанд, ки маро ба болои лошаи мурдори онҳо тела дода, мусибати аз афтидани онҳо додаашонро ба шодии аз маҳв шудани ман гирифтаашон сабук кунанд» [23, с. 34].

Аз чунин буҳтонҳои ногаҳонӣ устод Айнӣ на танҳо дилтанг шуд, балки фишорҳои зиёд ӯро ба ғазаб овард. Аз ҳамин сабаб роҳи наҷот меҷуст ва ин мусибати ба сараш омадаро танҳо ба А. Лоҳутӣ воқиф сохта метавонист. Устод Айнӣ дар номае бо ғаму машаққат ва алам ба А. Лоҳутӣ доир ба ин масъала сухан ронда, дарди дилашро чунин иброз медорад: «Ман агар пир намебудам, ба ин аҳвол сабр карда метавонистам, зеро яқин дорам, ки ба тафтиши дурусти советӣ

оқибат ҳақиқат маълум хоҳад шуд. Лекин азбаски пири барҷомонда шудаам, метарсам, ки то зуҳур омадани ҳақиқат организми ман тоб наоварда маҳв шавад» [23, с. 34].

С. Айнӣ дар ин номааш ба унвони роҳбарони ҳизб ва ҳукумати Ӯзбекистону Тоҷикистон ва Иттиҳоди нависандагони ИҶШС аризаи муфассале навишта, ба А. Лоҳутӣ фиристодааст ва илтимос кардааст, ки дар тарҷумаи он ёрӣ расонад.

А. Лоҳутӣ хоҳиши устод Айниро бо ҷону дил қабул карда, дар пайи иҷрои он кӯшиши ҷиддӣ намуда, фаврӣ онро ба ҷойи лозима расонида, дар бораи ҳаёт ва эҷодиёти С. Айнӣ дар маҷлиси правлениями Иттифоқи нависандагони ИҶШС маъруза хондааст. Ба ин васила А. Лоҳутӣ ба пирӯзии бузург мушарраф шуд, хидмати ӯ ғалаба кард. Вақте ки И. В. Сталин аз суҳбати А. Лоҳутӣ бо шахсияти устод Айнӣ шинос мешавад ва бузургиву нишони мардуми форсизабонон буданашро дарк карда, барои ҳифозат аз ӯ бо таъкид эҳтиёт кардани С. Айниро мефармояд.

Мавриди зикр ин аст, ки А. Лоҳутӣ устод Айниро аз ин уқубат ва гумномии тӯлонӣ наҷот дод, номи неки ӯро ҳифз кард.

Дӯстии беназири ин устодони мумтоз аз номаҳо возеҳ аст, ки бештар барои ҳимоят аз якдигар, ҳимояти фарҳангу миллати хеш аст. Бамаврид адабиётшинос Х. Отахонова менависад, ки «...ҳаёти шахсии одамони бузург аз ҳаёти ҷамъиятиашон ҷудонашаванда буда, он ҳам аҳаммияти таърихӣ ва ҳам аҳаммияти адабӣ ва тарбиявӣ дорад. Ҳар чизе, ки аз зери қалами ин нобиғаҳои давр таровидааст, як ҷиҳати ҳаёти онҳо, хислатҳои инсонӣ, муносибати онҳоро ба аъзои оила ва атрофиён мунъакис менамоянд. Онҳо розҳои ниҳонии якдигарро бо ҳам изҳор мекарданд ва аз якдигар дасти ёрӣ металабиданд ва дар душвортарин рӯзҳо дастгири ҳамдигар буданд» [23, с. 3].

С. Айнӣ ва А. Лоҳутӣ ҳамеша аз дарду алам, шодию сурури якдигар огоҳ ва ҳамеша барои ёрии якдигар тайёр буданд. «Ман яқин дорам, ки ба сахтиҳо таслим нашуда, асарҳои хуби ба манфиати халқи фотеҳи шуроӣ, ба манфиати Ҳукумати Советӣ ва Партияи Коммунистӣ хоҳед навишт, – менависад А. Лоҳутӣ

4 апрели 1938 ба устод Айнӣ. – Шумо дар мактуби худатон гила кардаед, ки «одамони поёнӣ ҳарчи тавонистаанд дар ҳаққи Шумо бадӣ кардаанд» [23, с. 37].

Дар идомаи сухан А. Лоҳутӣ бо камоли таассуф таъкидан чунин иброз медорад: «Охир, домуллоҷон, одамони поёнӣ дар ҳаққи кӣ бадӣ накардаанд? Албатта, мо «поёнӣ»-ро нисбат ба сифат ва ахлоқи онҳо мегирем.

Шумо мебинед ба он марди бузурги замон, ба Максим Горкий чиҳо кардаанд? Ва шумо медонед, ки то дақиқаи мурдан ба хидмати коргару деҳқон, ба хидмати ватани сусиёлистӣ машғул буд. Ин барои мо бояд дарс шавад. Агар хидмати мо ба халқу ба Партияи Коммунистӣ содиқона бошад, он вақт кори мо фоиданок, ҳаёти мо қиматдор ва асари мо ҷовидона аст ва аз ҳеҷ кас ва аз ҳеҷ чиз набояд битарсем. Мунтазири хондани асарҳои нави шуроии шумо, мухлисатон Лоҳутӣ» [23, с. 37].

Мактубҳои С. Айнӣ ва А. Лоҳутӣ, ки саршори суханони дӯстона ҳастанд, баъзеашон ду, се, ҳатто чор саҳифаро ҳам дар бар мегиранд ва бо ҳам роз гуфтану аз дарди дили якдигар огоҳ шудани онҳо хусусан дар солҳои таъқибот барояшон муфид будааст. Устод Айнӣ аз худ боварии комил дошт, аз ҳамин сабаб, ба А. Лоҳутӣ дар номаи қаблӣ қайд карда буд, ки «...оқибат ҳақиқат маълум хоҳад шуд» [23, с. 34]. Дар воқеъ, ҳамин тавр ҳам шуд, ҳақиқате, ки устод Айнӣ бо як умед ва иштиёқи беандоза интизораш буд, рӯйи об баромад, аз ин хусус дар номаи дигараш аҳволи саломатиашро нисбат ба коргоҳи эҷодии худ баъд аз ошкор шудани ҳақиқат хусусан, дар бораи шахсоне, ки ӯро туҳмат зада буданд ва аз пушаймонии онҳо огоҳ мешаваду бо далелҳои аниқ ва дилпурӣ ба А. Лоҳутӣ хеле суханаш тафсил меёбад. Ӯ аз ҷумла менависад: «...Дар якуми мой ҳарчанд дар намоиш иштирок карда наметавонистам, ба пеши дарвозаам баромада намоишчиёнро тамошо кардам. Аз 7 мой тавонистам қалам ба даст гирам, ин аст, ки дар 8 мой ба шумо ҷавоб менависам.

Албатта, аз он ҳуҷумҳо, хусусан, ки ҳамааш дурӯғ баромад, дар матбуот эълон карданд ва нависандагони мақолаҳо айбашонро ба гардан гирифтанд, руҳи ман наафтод, ҳатто аз аввалӣ зиёдтар қувват гирифт. Аммо чӣ кунам, ки бадан, хусусан ин бадани пири фарсуда, ба қуввати аввала наомада истодааст. Одам

танҳо бо шавқ ва қувваи руҳ кор карда наметавонад, бадани солим ҳам даркор аст, ки ба фармони руҳ ва шавқ итоат кунад. Чунонки дар мактуби худ ишора кардаед, барои бартараф шудан ва дуруст шудани кори ман қисмати шумо ба воситаи секретариот ва шахсан ба воситаи рафиқ Ставский роли калон бозӣ кард. Рафиқ Ставский ба Тоҷикистон ҳам телегроф карда будаанд.

Корҳои дар замони сонӣ дар Ӯзбекистон дар ҳаққи ман шуда ин аст: Дар Тошканд дар ҳар маҷлисҳое муносибате бароварда номи маро ба некӣ ёд карданд ва қайд кардаанд, ки ба ман ноҳақ ҳуҷум шудааст. Дар рӯзҳои бемории ман аз Союзи нависандагони Ӯзбекистон ба Самарқанд одами махсус омада, дар 23 апрел ба муносибати шашсолагии қарори СК дар бораи адабиёт як маҷлиси калон гузаронида ҳуҷумкунандагон ба манро фош кардааст. (Зам. директори собиқи газетаи Самарқанд ва мудири култпропи собиқи Самарқанд ба гуноҳҳои аксулинқилобии худ кайҳо ба подвол рафтаанд).

Рӯзномаи «Ленин юлӣ»-и Самарқанд, ки ташкилотчии ҳуҷум буд, расман эълон кард, ки ҳуҷумҳо нодуруст аст.

Инчунин, дар 5 мой ба муносибати рӯзи матбуот дар Самарқанд маҷлиси умумишаҳрӣ гузаронидaнд ва дар он маҷлис маро ҳам даъват карда, ба маҷлиси президиум гузаронидaнд. Дар он ҷоҳо мудири ҳозираи газета ва мудири ҳозираи култпропоблуси Самарқанд баромада ноҳақ шудани ҳуҷумҳо ба манро ва аз тарафи киҳо шудани он ҳуҷумҳоро ба омма гуфтанд ва таклиф карданд, ки нависандагони он мақолаҳо баромада гап зананд. Баъзе аз он нависандагони мақола, ки дар маҷлис буданд, аз он ҷумла Валӣ Карим ном, ки дар Тошканд дар маҷлисе, ки шумо будед, ба ман ҳуҷум карда будааст, баромада иқрор кард, ки ман ба фармуни редактури собиқ, ки ҳоло дар ҳабс ҳаст, он мақоларо навишта будам ва боз редактур баъзе чизҳоро худаш илова кардааст. Ба вай мудири култпроп гап парронд, ки «агар редактур ба ту мегуфт, ки худатро аз бом парто, магар ту мепартофтӣ?...». Албатта, соҳиби мақола ба ин сухан ҷавоб гуфта натавонист. Ва инчунин, дар рӯзи матбуот дар зовуд ва фабрикаҳо, дар колхозҳои Самарқанд маҷлис гузаронида, ноҳақ будани ҳуҷум ба манро эълон карданд.

Хулоса, дар Ӯзбекистон ва аз ин ҷумла дар Самарқанд, ки маркази ҳуҷум ба ман буд, гуфта метавонам, ки корҳо тамоман дуруст шуд. Зотан ҳам идораҳои расмӣ, аз ин ҷумла Союзи нависандагони Ӯзбекистон мутлақо ба ман беҳурматӣ накардааст» [23, с. 38-39]. Дар байни ин мактубаш устод Айнӣ бо зикри як шеъри дилнишин, ки бисёр диққатҷалбкунанда ва мақбулу писандида аст, бо як муҳаббати беандоза онро дар байни суханонаш лутфкорона истифода карда, ба А. Лоҳутӣ менависад: «Бо вуҷуди беморӣ бисёр гап зада шуморо дарди сар додам, мебахшед. Аммо «Бе субҳ шабе хоҳам, бо ту ғами дил гӯям, ман гиряму ту хандӣ, танҳо ману танҳо ту» [23, с. 41].

Ин аст, ки суханрониҳои ин абармардони бузурги адабиёт як кайфияти хубе доранд, ки касро ба олами андеша нисбат ба дӯстиву рафоқату иттифоқ, фарҳангу адабиёт ҳавола мекунанд.

Ҳамин тавр, дар ин фасли кор таъкид мегардад, ки дар мукотиботи С. Айнӣ ва А. Лоҳутӣ муҳимтарин лаҳзаҳои ҳаёти шахсӣ ва фаъолияти эҷодии ин суханварони забардаст бо санаду далелҳои қотеъ баён гардидаанд, бисёр масоили таърихи адабиёти нави тоҷикро равшан мекунанд. Ин ҷиҳати масъала, хусусан дар нисбати сарнавишти устод Айнӣ бағоят қобили таваҷҷуҳ мебошад.

1.3. Бозтоби саргузашт ва фаъолияти эҷодии А. Лоҳутӣ дар мактубҳояш ба С. Айнӣ

Яке аз масъалаҳои муҳим дар мукотиботи устод Лоҳутӣ инъикоси саргузашту фаъолияти эҷодии ӯ мебошад. Ӯ низ ба монанди устод Айнӣ дар чандин мактубҳояш оид ба ҳамин масъала ба олимону адибони ватаниву хориҷӣ, аз қабили Х. Мирзозода, А. Деҳотӣ, М. Турсунзода, Н. Шанбезода, Р. Ҷалил, Б. Раҳимзода, М. Миршакар, Э. Муллоқандов, А. Бухоризода, Навбарӣ, М. Занд, В. Вишневский, З. Г. Османова, Бону, Б. Робиа, Б. Жола, Я. Исоев, Ш. Шоҳмуҳаммадов, А.Туқумбоев, Р. Роллан, Г. Севиевич ва дигарҳо изҳори ақида кардааст. Лекин дар масъалаи бозтоби саргузашт ва фаъолияти эҷодии А. Лоҳутӣ беш аз ҳама мактубҳои ӯ ба устод Айнӣ маводи пурқиматро фароҳам овардаанд.

Дар ин номаҳо устод Лоҳутӣ ҳолати руҳӣ дар вақти эҷод ва тарзи зиндагиашро дар солҳои гуногун ба устод Айнӣ иброз доштааст. Дар онҳо боз ҳамон вазъияти бағоят мураккаб ва солҳои шиддатёбии шахспарастӣ, ки худи устод Лоҳутӣ низ ба шубҳаҳои солҳои 30-юм гирифтор шуда буд, инъикос ёфтааст. Аз ҳамин сабаб, номаҳои ӯ баёни вазъу ҳолати ин давраи зиндагии адибро нишон медиҳанд.

Дар бораи саргузашт ва фаъолияти эҷодии А. Лоҳутӣ дар адабиётшиносӣ – лоҳутишиносӣ асару мақолаҳои зиёде ҳам аз тарафи донишмандони ватанӣ ва ҳам аз ҷониби олимони хориҷӣ ба табъ расидаанд, ки таълифоти С. Айнӣ [19, с. 464-467], Е. Э. Бертелс [52, с. 5-26], С. Табаров [128, с. 49], М. Занд [156], З. Османова [164, с. 74-86; 165, с. 228-291; 166, с. 5-12], Я. Исаев [158, с. 3], Х. Мирзозода [103, с. 116-117], А. Насриддинов [111, с. 2], М. Давлатов [66, с. 118-137; 67, с. 3-41; 68; 190; с. 69, 56], С. Давронов [64, с. 138-147; 65, с. 56], З. Ворожейкина [154, с. 5-40], А. Абдуманнонов [30, с. 14-19; 31; 13, с. 32, с. 3-160]; У. Кӯҳзод [76, с. 3-9], А. Маҳмадаминов [98], Х. Асозода, А. Кӯчаров [49, с. 116-124; 45, с. 192] ва дигарон аз ҷумлаи онҳо мебошанд. Илова бар ин, саргузашти А. Лоҳутӣ ва фаъолияти эҷодии ӯ, пеш аз ҳама, дар мактубҳояш аз ҷониби ӯ ҳамаҷониба баён шудаанд ва нуктаҳое ҳастанд, ки ҳоло дар лоҳутишиносӣ мавриди омӯзиш қарор нагирифтаанд. Барои ҳаматарафа нишон додан, баёни воқеият, шарҳи ҳол, ҷараёни зиндагӣ ва фаъолияти эҷодии А. Лоҳутиро равшан кардан, мактубҳои ӯ асноди пурбаҳое мебошанд, махсусан номаҳое, ки аз ҷониби устод Лоҳутӣ ба устод Айнӣ ирсол шудаанд, иттилооти муфид доранд. Ба қадре ки ҷузъиёту фаъолияти эҷодӣ ва ҷараёни зиндагии устод Лоҳутӣ, ки дар мактубҳояш аст, ба ин дараҷа дар дигар мақолаҳову асарҳои алоҳида матраҳ нашудаанд. Яъне мактубҳои А. Лоҳутӣ барои таҳқиқи рӯзгор ва осори ӯ ба сифати яке аз манбаъҳои муътамад хидмат мекунанд. На фақат корномаи худи устод Лоҳутӣ, балки дар айни замон фаъолияти эҷодиву муборизаи суботкоронаи дигар зиёиёни тоҷик, ки дар ҳамон солҳо ба ҳама гуна мураккабиҳову душвориҳо нигоҳ накарда, ҷоннисориҳову фидокориҳо кардаанд, дар мактубҳои устод Лоҳутӣ гоҳе-гоҳе баён шудаанд.

Номаҳои нависандагону адибон дорои як хусусияти ба худ хос мебошанд, ки аз номаҳои муқаррарӣ фарқи калон доранд. Тафовути онҳо дар ин аст, ки дар онҳо сухан доир ба тарзи эҷоди асарҳову шеърҳои худи онҳо меравад ва баъд аз мутолааи онҳо диққати хонандаро бештар мекашад ва эҳтиромашон нисбат ба онҳо бештар аз пештар мешавад. Вақте ки ба номаҳои ирсолнамудаи устод Айнӣ ба А. Лоҳутӣ, ё аз А. Лоҳутӣ ба устод Айнӣ менигарем, дар дили худ эҳтироми чунин суханрониҳои ин ду адибро пайдо карда, муҳаббати худро нисбати онҳо бештар эҳсос мекунем. Бояд ёдовар шуд, ки шумораи номаҳои равонкардаи А. Лоҳутӣ ба унвони С. Айнӣ қариб 60 ададро ташкил додаанд, ки аз соли 1927 шуруъ шуда, то соли 1953 давом мекунанд ва аксарияти онҳо доир ба ҳаёту эҷодиёти устод Лоҳутӣ маълумот медиҳанд. Пас маълум мешавад, ки А. Лоҳутӣ нисбат ба дигар адибон ба устод Айнӣ бештар иззат ва эҳтиром доштааст.

«Номаҳо ҳама бо самимият, ҳарорати дил ва эҳтироми махсус навишта шудаанд, – қайд мекунад академик Х. Отахонова. – Онҳо нишон медиҳанд, ки Лоҳутӣ ва Айнӣ нахустин хонанда ва мунаққиди асарҳои ҳамдигар будаанд» [21, с. 3-4]. Воқеан, дар номаҳои устод Лоҳутӣ доир ба хислатҳои хоси фардии ӯ, санаи эҷоди ин ё он асару шеърҳояш, тартиби кори эҷодии шоир ва дигар ҳодисаҳои аз сар гузаронидаи адиб маълумот дода шудааст. Мо дар ин рисола мактубҳои А. Лоҳутиро, ки ба мавзуи мазкур алоқаманданд, ба тариқи таърихӣ (хронологӣ) таҳлил намудем, ки ду сабаб доранд: нахуст пайдарпайии номаҳо, дувум, ба инобат гирифтани воқеаҳои аз сар гузаронидаи адиб. Мактубҳои аввалинро бо тартиби солу моҳ меоварем, ки А. Лоҳутӣ дар номаҳои аввалинаш ба устод Айнӣ пеш аз навиштани асарҳояш пардохтан маслиҳат мепурсад ва шеърҳои эҷодкардаашро аз таҳрири устод низ мегузаронад. А. Лоҳутӣ дар атрофи эҷод дар бисёр мактубҳояш бо устод Айнӣ машварат мекунад. Қайдҳои устод Айнӣ барои А. Лоҳутӣ аз ин ҷиҳат аҳаммиятнок аст, ки барои пешрафти эҷодиёташ ӯро ҳавасманд мегардонанд, роҳашро кушода мекунанд ва ба ин васила барои ислоҳу илова кардан бештар эътибор медиҳад. Мегузарем ба номаҳое, ки дар онҳо А. Лоҳутӣ доир ба эҷоди асарҳояш дахл мекунад. Аз ҷумла 18 июни 1931 устод Лоҳутӣ ба устод Айнӣ нома фиристода, аз ӯ хоҳиш мекунад,

ки барои ҷой додани маълумот дар бораи С. Айнӣ дар чопи нави «Малая советская энциклопедия» бо ҷавоб додан ба саволҳои ӯ кумак расонанд. Дар мактубаш аз вазъи аҳволаш низ менависад ва аз ҷумла мегӯяд: «Устоди муҳтарам Садриддини Айнӣ! «Малая советская энциклопедия»-ро аз нав чоп карда бароварданӣ ҳастанд, ки як мақолаи хурд роҷеъ ба шумо бидиҳам, ки дар он чоп кунанд. Барои ин кор лозим аст, ки шумо ба саволҳое, ки дар варақи махсус навишта ва ҳамроҳи ин хат мефиристам, ҷавоб диҳед» [23, с. 14-15].

А. Лоҳутӣ дар ин нома аз устод Айнӣ тарҷумаи ҳолашро бо дастхати худаш хоҳиш мекунад. Ӯ тамоми ҷузъиёти ҳаёти устодро ҳамроҳ бо акси ҷароҳатҳои пушташ, бо овардани таърихи асарҳои чопшудааш ва дигар маълумотҳо ба устод Айнӣ марбут дар мақолаи алоҳидаи китоби мазкур ҷой медиҳад.

Ҳамчунин, Лоҳутӣ дар ин нома боз равиши корҳои давлатӣ ва тарзи ҳаёташро тасвир намудааасту аз кору фаъолияти ҳаррӯзааш низ устод Айниро огоҳ кардааст ва дар идомаи номааш дар рӯзномаи «Правда» кор ва фаъолияташро қайд намудааст [23, с. 14-15].

Аз устод Лоҳутӣ дархост намудаанд, ки бо алифбои лотинӣ як китоби аввали дарсӣ (алифбо) ва як китоби хониш тартиб диҳад, зеро ки дар ҳамон вақт тоҷикони шуравӣ хатти лотиниро пазируфта буданд. Дар робита ба ин, мувофиқи гуфтаи худи А. Лоҳутӣ, дархости ӯ ба устод Айнӣ ин будааст: «...Агар барои шумо мумкин шавад, як китоби «Алифбо»-и тоҷикӣ ва як китоби хониши соли аввал барои ман бифиристед. Хеле муташаккир мешавам» [23, с. 14-15].

Дар идома устод Лоҳутӣ умед мекунад, ки аз китобҳои интихобнамудае, ки бояд устод Айнӣ барои ӯ бифиристад, баҳраи фаровон хоҳад бардошт ва сарфарозии худро аз омода намудани китоби дарсӣ қайд мекунад [23, с. 14-15].

Ҳамчунин, А. Лоҳутӣ дар мактубҳои худ дар мавриди эҷодиёташ назари С. Айниро пурсон шуда, барои ислоҳ ва ё таҳрири баъзе корҳояш аз ӯ ёрӣ мехоҳад. Ӯ дар пешрафти кори эҷодиаш маслиҳати устод Айниро аввалиндараҷа меҳисобад ва ин ҳам боиси хубтару беҳтар шудани осораш мешавад. Ҳарчанд А. Лоҳутӣ бо маҳорати баланд шеър мегуфт, аммо назару тавзеҳоти устод Айнӣ ва фармудаҳои ӯро дар мавриди эҷодиёташ боз ҳам дар номаҳо интизор мешуд.

Масалан, дар номаи 4 ноябри соли 1932 ба устод Айнӣ менависад: «Ин шеърро, ки фиристодам, марҳамат карда ба рафиқ Садрулин диҳед ва фармоед, ки бидуни хато чоп кунад. Ман махсусан ҷасорат карда барои Шумо мефиристам, чаро ки аз ҳама шеърҳое, ки то кунун гуфтаам, дар назари ман, беҳтар аст. Мехоҳам фикри Шуморо дар ин бора бидонам. Албатта, худам айбҳои онро фаҳмида наметавонам. Ҳоло соати 8-и шаби 4-ум аст. Мунтазирам, ки Бону омада ва онро ба тарҷума диҳам» [23, с. 17].

Дар ин мактуб эҳтиром ва қадрдонии А. Лоҳутӣ аз устод Айнӣ ва дилбастагӣ ба ақидаи ӯ маълум мегардад. Дар мактубҳои устод Лоҳутӣ ба устод Айнӣ бозтоби ҳар дақиқаи рӯзгору осорашро дидан мумкин аст, ки аҳаммияти таърихӣ ва фарҳангӣ доранд. А. Лоҳутӣ дар таърихи 9 июни 1938 номае ба устод Айнӣ фиристода, доир ба мавзуи андозгирии давраи амирӣ, ки ба асари навиштаниаш муҳим будааст, аз ӯ мисолҳои зеринро пурсон шудааст: «Муаллими муҳтарам, як хоҳиш дорам: дар ҷавоби ҳамин хат ба ман бинависед, ки дар давраи амири Бухоро чанд хел нолугҳо (налог) аз деҳқон мегирифтанд, бо чӣ номе ва чӣ қадар. Сонӣ барои шариат чӣ мегирифтанд. Ҳамин тавр косибони шаҳрӣ... санъатгарон ва савдогарон чӣ молиётҳо медоданд. Умед аст, ки инро зудтар ба банда бинависед, чаро ки мехоҳам як асаре бинависам ва ин иттилоот барои он даркоранд. Ин хатро бо аҷала навишта мефиристам. Ба бачаҳо ҷудогона хат мефиристам» [23, с. 47-48].

Сабаби бо аҷала ҷавоби онро аз устод Айнӣ хостаи А. Лоҳутӣ дар он аст, ки кори эҷодиаш пеш аз ба сафар баромадан анҷом ёбад, чунки ӯ дар Украина наздики шаҳри Киев қарор доштаасту омодаи аз сафар баргаштан будааст [23, с. 48-49].

А. Лоҳутӣ бисёр ба завқ эҷодкорӣ менамуд. Ӯ ҳар дақиқаи рӯзгорашро барои эҷод самаранок истифода менамудааст ва фаҳмишу идроки устод Айниро аз адабиёт дар кори эҷодии худ дар ҷойи аввал мегузорад. Аз ҳамин сабаб, дар охири мактуб бо қатъияту ҷиддият барои зудтар ҷавоби мактубашро гирифтан аз устод Айнӣ илтимос намудааст [23, с. 48-49].

Номаҳои адибон дорои чандин ҷиҳатҳои шавқангезе ҳастанд, зеро эҷодиёту рӯзгор, шахсият, бунёдкории мадании онҳоро ошкор месозанд, ки ҷараёни зиндагии онҳо боз ҳам хубтар намоён мегардад.

Устод Айнӣ аз бемории куҳнае, ки дар вуҷуди ӯ маскан гирифта буд ва аз дигар мушкилиҳои зиндагиаш дар ҷавоби мактуб А. Лоҳутиро бо изҳору узрхоҳӣ огоҳ кардааст ва бо вуҷуди ин, ҷавоби хоҳиши А. Лоҳутиро мукаммал ва бо тартиб навишта равон намудааст.

Ҷавоби мактуби А. Лоҳутӣ, ки аз тарафи устод Айнӣ доир ба андози давраи амирӣ навишта шудааст, таърихи 12 июли 1938-ро дорад. Дар ин мактуб такрибан дар ҳаҷми чор саҳифа устод Айнӣ доир ба андозҳои давраи амирӣ ба А. Лоҳутӣ маълумот ва маслиҳатҳои худро медиҳад. Дар охири нома ба ин қаноат накарда, хулосаи фикрашро чунин қайд мекунад: «...тартиби нолуги амирро, ки ниҳоят бетартиб ва печдарпеч буд, ба як рӯйхат гирифтан қариб мумкин нест. Мумкин аст, ки инҳо ба тарзи ҳикоя дар зимни асарҳои адабӣ баён ёбад, барои инҳо боз як бор хонда дидани қисми дувуми «Ғуломон» ва ду-се қисми аввали «Одина» ва саргузашти дар кӯҳистон гузаронидаи Одинаро хоҳишмандам» [23, с. 50-53].

Ҷавоби мактуби устод Айнӣ ба А. Лоҳутӣ дар масъалаҳои андозгирии давраи амирӣ аз таърихи ҳамон давра дарак медиҳад. Аз ин мактубҳо ба мо маълум шуд, ки А. Лоҳутӣ устод Айниро ба сифати донандаи хуби таърихи тоҷику форс медонистааст ва аз ҳамин сабаб номаи ҷавобиашро бесаброна интизор шудааст.

А. Лоҳутӣ миннатдории хешро дар ҷавоби ин нома ҳам баён кардааст ва доир ба ҳолату вазъияти оилавии худ қайд мекунад, ки «беҳад муташаккирам аз масъалаи нолугҳои давраи амир, ки навишта будед, махсусан дар ин ҳоли касал, авф кунед, домулло, ки заҳмат додам. Ман ҳам гирифтори муолиҷаи бачаҳо ҳастам. Имсол вақтам тамоман гум шуд. Ҳеҷ чиз навишта натавонистам. Ҳамин масъала боиси зарар ба сиҳатам шуд» [23, с. 54].

Ҷараёни зиндагӣ ва хабар аз корҳои эҷодии устод Лоҳутӣ дар номаҳо як навъ рӯзгор ва фаъолияташро ба хубӣ нишон медиҳанд, ки барои дарки пешрафти рӯзафзунаш ва ҳамчунин рафти рӯзгораш кумак мекунад.

Аз мактубҳое, ки А. Лоҳутӣ ба устод Айнӣ мефиристод, як қатор андешаҳо доир ба шеър ва нуқтаи назари устод Айнӣ ба назми А. Лоҳутиро дидан мумкин аст. Устод Айнӣ соли 1925 замони мураттабсозии «Намунаи адабиёти тоҷик» якчанд шеъри А. Лоҳутиро ба китоби мазкур ворид кард. Минбаъд ҳар як шеъри тозаи А. Лоҳутӣ зери таҳрири устод Айнӣ қарор мегирифт. А. Лоҳутӣ бештар ба шеърҳояш тағйиру иловаҳо ворид мекард ва ба тариқи нома нисбат ба онҳо фикри устодро гирифтан мехост ва баъди таҳрири устод, ки эродҳои дуруст мегирифтанд, ба идомаи онҳо бештар ва бо ҷиддияти том мепардохт. Эҷодиёти А. Лоҳутӣ аз назари устод Айнӣ бисёр ҳам хуб ба назар мерасанд ва каму беш илова ва қайдҳои худро барои хубтару бештар шудани онҳо устод Айнӣ дареғ намедошт.

Дар номаи таърихи 9 январи соли 1939 маълум мешавад, ки бо илтимоси А. Деҳотӣ А. Лоҳутӣ ба ғазали

«Ёр аз дили ман хабар надорад,
Ё сӯзи дилам асар надорад» [23, с. 64].

мебоист се байт изофа кунад. А. Лоҳутӣ мегӯяд: «Баъд аз тамом кардани корҳои ҳаррӯза, бисёр кӯшиш кардам, ки хоҳиши Деҳотиро анҷом диҳам, нашуд. Ҳоло соати 5, вақте ки тамоман маъюс шуда, машғули корҳои дигар шудам, се байти зерин «худ ба худ» омаданд. Дар ҳоли навиштани онҳо хатти шуморо хондам ва ин байтҳоро навиштан гирифтам. Намедонам меписандед ё не?

Агар инҳоро лоиқ донед, он вақт мумкин аст, ки ҳавсала пайдо шавад, ки як ғазал кунам» [23, с. 64-65].

Бар пояи ин навишта А. Лоҳутӣ бисёр ҳам илҳоми аҷибе доштааст, ки бидуни қасду хоҳишаш худ ба худ мисраъҳои шеърӣ зеҳнашро банд менамудааст ва боиси шеър гуфтан мешудааст. Дар ин бора адиб ва шогирди ӯ Раҳим Ҳошим дар ёддошти худ дар бобати чигунагии ба вуҷуд овардани шеър аз ҷониби А.

Лоҳутӣ чунин қайд мекунад: «...Одатан дар атрофи байтҳои ҷудогонае, ки аксар бадоҳатан мегуфт, баъд ғазалҳо ва манзумаҳои лирикиаш ба вуҷуд меомаданд» [133, с. 77]. Яъне, аксар вақт бе тааммул шеърҳояш аз ӯ сар мезадааст ва дар зимн боз назари устод Айниро барои ҳавсалаи хуб пайдо кардан интизор мешудааст. Доир ба ин шеъри боло бошад, устод Лоҳутӣ аз 1 феврали соли 1939, вақте ки ғазалро ба итмом мерасонад, ба устод Айнӣ мактуб навишта равон мекунад. Дар он чанд мисраи дигар дар хотираш омадаро мувофиқи ин ғазал намеҳисобад, бо вуҷуди ин, андешаи С. Айниро мехоҳад бидонад, ки байтҳои мазкур ин гунаанд:

«Ё бози ситам ҳаво гирифтаст,
Ё тоири сидқ пар надорад.
Ё ҷинси вафо шудаст нобуд,
Ё ҷайби замона зар надорад.
Ё гӯши суханшунав намондаст,
Ё гуфтаи ман асар надорад» [23, с. 65].

Устод Айнӣ дар ҷавоб менависад: «Ҳарчанд баҳо додан ба шеърҳои шумо бо дастхатҳои худатон аз ғунҷоиши иқтидори ман берун аст, ба мазмуни «алмаъмур маъзур» амал намуда, маҷбур шудам, ки нуқтаи назари худро баён кунам» [23, с. 66].

Устод Айнӣ, ки шеърҳои Лоҳутиро зиёд меписандид, эҳтиромии ҳалимонаи худро зикр намуда, дар идома баҳои сазовори шоиронаро ба ӯ тақдим менамуд. Табодули номаҳо байни онҳо аксар вақт боис мешудааст, ки А. Лоҳутӣ барои гуфтани шеъри тозае илҳом бигирад. Худи ин нуктаро устод Лоҳутӣ дар номаҳояш таъкид кардааст. Яъне устод Лоҳутӣ ҳамеша ҷавоби номаҳои фиристодаашро аз устод мунтазир мешавад, чунки ба фикри наве дар шеъри пештар фиристодааш дучор меояд. Масалан, устод Айнӣ 6 марти соли 1939 дар номааш мухтасаран бо аҷала дар ғазали «Кораш ҳама ноз аст..» мисраи «Ҷон медиҳамаш дар ивази бӯсаву гӯяд»-ро бо мисраи «Ҷон дар ивази як нигаҳаш додаму гӯяд» иваз менамояд [23, с. 70].

А. Лоҳутӣ аз ҳавас доштанаш нисбат ба шеър вазъи ҳол ва саломатиашро ба риштаи назм кашида, ба устод Айнӣ аҳволи беморияшро дар шеъраш баён намудааст, ки ин ҳам дар номаи 10 марти соли 1939 ҷо афтодааст ва дар ҳолати беморӣ қувваи шеъргӯйии баланди пуртаъсири ӯ дар шеъраш чунин тасвир ёфтааст: «... соати 4-5 субҳ. Бо 40 дараҷа таб дар санотурӣ:

Чи дарди сахтею оташфишон табе дорам,
Саҳар намешавад асло, аҷаб шабе дорам!

Рафиқи муҳтарам Айнӣ, бешубҳа шумо бидуни тавзеҳи ман ҳис кардед, ки ин ғазал аз байти 2 шуруъ шудааст. Сахтии ҳолатам дар он шаб аз мазмуни ин байт ҳам болотар буд. Ҳоло (рӯзи 10 феврали 1939) беҳтар шудам, 37,5 таб дорам» [23, с. 71].

Дар идома менависад, ки: «Хушбахтам, ки ман метавонам ба шумо ин хатчаро нависам» [23, с. 71].

Чи навъе ки аз ин мактубҳо маълум мегардад, А. Лоҳутӣ ҳар фикри наве, ки нисбати шеърҳояш дар ӯ сар мезадааст, дарҳол қайд менамуд ва назари устод Айниро боз дар ин бора мехост. Устод Айнӣ хушпазироии А. Лоҳутиро бо хурсандӣ ва шавқи беандоза дар ҷавоби мактубаш аз 12 марти соли 1939 изҳор намудааст.

Ин мисраъҳо устод Айниро ба қавли худаш «девона» кардааст, ки ба ин «шоҳғазал» ном гузоштааст. Ҳатто сазовори болонишинӣ гуфтааст [23, с. 73] .

Мушоҳидакорӣ як хислати муҳимми А. Лоҳутӣ буд, ки ҳар сухани Айниро бодиққат назаргирӣ намуда, дар иҷрои он бо эҳтиёткорӣ амал менамуд. Масалан, вобаста ба як шеъре, ки бо номи «Достони гул» эҷод намудааст, дарку фаҳмиши устод Айниро донистан мехоҳад, ки ба ҳимоят аз Михоэлс ном ҳунарманди театри яҳудиёни Москва навишта шудааст. Ин шеърро ба унвони Сталин равон кардааст. А. Лоҳутӣ Сталинро боғбон ва Михоэлсро чун яке аз гулҳои шукуфони боғи ӯ тасвир кардааст ва аз боғбон хоҳиш намудааст, ки ба хазон шудани ин гул иҷозат надиҳад.

Устод Айнӣ ба баландии ин шеър баҳои арзишнок гузошта, ҳатто аз тавоноии инсонӣ берун ҳам гуфта бошад, лекин дар мавриди овардани номи як шахсияти мушаххас мухолифат нишон додааст. Устод Лоҳутӣ дар ҷавоби мактуб 18 феврали соли 1939 ба устод Айнӣ ҷавоб навишта, чунин менигорад: «Дар масъалаи ном набурдан дар шеър тамоман дуруст мегӯед ва баъд аз ин номи ҳеҷ ҷунбандаро (номи муайяни як кас) дар шеър нахоҳам гуфт. Кӣ медонад паҳлавони имрӯз фардо ба чӣ ранг медарояд?

Дар масъалаи: «Ё қалъаи васл дар надорад».

Ба фикри ман, «Синаи дил»-ро ҳеҷ кас то кунун нагуфтааст.

Ё гуфтаву ман хабар надорам,

Ё гуфтаву дил хабар надорад.

Ин як байтест, ки нахостам онро аз миён барам» [23, с. 69].

Аз мактубҳо огоҳии А. Лоҳутӣ нисбат ба шеър возеҳ аст, ки бо ҳиссиёти баланд ва пурҷӯшу хурӯши худ бетаъхир калимаҳои зебову муносиб пайдо менамудааст. Дар ин шеъраш содагии забон ва тарзи баён ва дар айни замон устуворӣ ва пухтагии афкори ӯ ба чашм мерасад.

Дар номаи 2 апрели 1939 А. Лоҳутӣ аз гуфтаҳои устод Айнӣ дар боби шеъри «Ёр аз дили ман хабар надорад» сипосгузорӣ карда, шеъреро бо унвони «Мубориза» эҷод намуда, равон мекунад [23, с. 77].

Дар робита ба эҳсосоти А. Лоҳутӣ ҳангоми гуфтани шеър зикри ин нукта ҳам воҷиб аст, ки устод умуман ҳар як шеъри худро дар ҳолати ҳаяҷон ва саршор аз ҳиссиёт эҷод мекардааст. Р. Ҳошим, ки лаҳзаҳои эҷоди шеър аз тарафи устод Лоҳутиро аз наздик ба мушоҳида гирифта буд, ин ҳолатро чунин тасвир мекунад: «Лоҳутӣ ҳам замоне ки фикраш бо шеъри наве обистан мешуд, лаҳзае ба пешониаш чин меомад, чашмонаш ба нуқтае дӯхта мешуданд ва баъд шеър, чун борони ҷонбахш ва тароватафзои баҳорӣ аз табъаш равон мегардид, пайи ҳам дилнишин, фараҳафзо ҷорӣ мешуд. Пас аз он чеҳраашро нуре фаро мегирифт, гӯё ифтихори суханаш вуҷудашро мепечид ва боз хандону руҳбаланд ба гап давом мекард» [133, с. 88].

Устод Лоҳутӣ тамоми шеъру ғазалҳояшро бо ҳиссиёти баланд, табъи оташбор ва истеъдоди комилу руҳи пурисён ба вуҷуд меовард, ки барои устод Айнӣ мақбулу писандида буданд.

Чунончи дар фаслҳои гузашта зикр намудем, дар таърихи тоҷикон возеҳ аст, ки соли нохуши 37-ум аз сарнавишти талхи бузургоне ҳикоят мекунад, ки бо гумони бади манфиатҷӯёну туҳматгароён гирифтор шуда буданд. Устод Лоҳутӣ дар он солҳо барои дифоъ ва ҳимояти устод Айнӣ бархеста, тамоми кӯшиш ва имкониятҳои худро роҳандозӣ намудааст, то ҷони С. Айниро бихарад. Махсусан суханронии ӯ, ки дар правлениями Иттифоқи нависандагони ИҶШС ироа карда буд, муассир меафтад ва сабаби наҷоти устод Айнӣ аз туҳмату буҳтонҳои беасос мегардад. А. Лоҳутӣ дар таърихи 4 апрели соли 1938 дар мактубаш ба устод Айнӣ аз наҷот ёфтанаш башорат медиҳад.

Дар рӯзгори устод Лоҳутӣ низ ба монанди устод Айнӣ, ҳамон фишору зӯроварӣ, туҳмату буҳтонҳои беасос ҷой доранд, ки баъзе аз онҳо дар номаҳои онҳо инъикос ёфтаанд. Нисбат ба А. Лоҳутӣ ҳам беэҳтиромӣ менамуданд. Аммо чунончи, худ дар номааш ба устод Айнӣ менависад, ин гуна амалҳои номатлуб барояш аҳаммияте надошт. Моҳи май ва июни соли 1938 ба устод Айнӣ нома фиристода менависад: «Тоҷикистон қадрдонии худашро кунад. Ҳукуматдорони он ҷумҳурият алоқаи шахсӣ надоранд. Майлаш, раҳмат. Ман дилам осуда ва фикрам солим аст. Таърих хомӯш нахоҳад шуд ва халқ нахоҳад мурд. Мардум хидмати адабии маро ба Тоҷикистон медонанд ва раҳбари мардум – фирқаи коммунистӣ ҳам медонад. Аммо як чизро дилам мехост, ки бидонам: махсусан ин ки чӣ баҳона доштаанд ва иғвогарӣ дар чӣ шакл ва ба чӣ иборат будааст.

Агар инро ба банда менавиштед, мамнуни абадӣ мешудам. Боқӣ, кори халқ аст, ба номи ҳар кас, ки мехоҳад, колхози худашро меномад. Шумо менависед, ки дар Сталинобод ҳанӯз театру кӯча ба номи ман боқӣ аст. Боқӣ намонад ҳам, домулло, аҳаммият намедиҳам. Аммо аҳаммият барои номи Тоҷикистон дорад. Дар Маскав ҳеҷ мунтазири ин хабар набудам. Ҳоло ки шуд, хайр шавад. Охир ки партия инро хоҳад шунид ва фикри худашро хоҳад гуфт. Ман хомӯш менишинам» [23, с. 42-43].

Устод Лоҳутӣ таҳаммулпазирӣ пеша карда, ба натиҷаи хидматҳои адабии худ боварии комил дошт. Лекин дар охири мактуб шикоят аз иғвогарии адиб Деҳотӣ мекунад ва киноямезона бо кулфат мегӯяд: «Ин хел бачаҳо тараққии худро дар ин гуна «садоқаткориҳо» медонанд» [23, с. 42-43].

Устод Айнӣ дар ҷавоби мактуб фақат ҳаминро аз таҷрибаи ба сари худ омада дар мактуби 25 майи 1938 таъкид мекунад, ки ягон шахси мухолиф на дар воқеъ «...балки дар зери доман ба роҳбарони он колхоз дар ҳаққи Шумо ягон хабари нописанд гуфта бошанд...» [23, с. 46].

Устод Лоҳутӣ аз кори хоинонаи он иғвогарону мунофиқон ва бахилону ҳасудон, ки туҳматҳои беасос дар ҳаққи ӯ низ раво дониста буданд, ба устод Айнӣ дарди дил ва шикоят мекунад, сабабу далел ва ҳолатҳои фишори руҳӣ ба сараш омадаро меҷуст. Махсусан дар мактуби 7 апрели соли 1939 навиштааш дар мавриди шоири турк Туйғун, ки бар зидди устод Лоҳутӣ мубориза мебурд, навишта, кори ӯро ҳамчун сафсатаи бемаънӣ қаламдод кардааст.

Устод Лоҳутӣ бо устод Айнӣ чанд муддате ҳангоми дар Тоҷикистон буданаш мулоқоти рӯ ба рӯ доштанд ва баъд аз ин доир ба рӯзгору фаъолияти ҳаррӯзаи худ дар номаҳо суҳбат менамуданд. Дар ин мактубаш низ А. Лоҳутӣ бо далел ҳақ будани худро низ исбот карда мегӯяд: «Шумо ёдатон ҳаст, рафиқ Айнӣ, чӣ қадар ману Шумо протест кардем... Бруйдо ҷиддан протести моро рад кард... Дар зимни ҳамин кор ман аз Сталинобод рафтам ва то Бруйдо секретари СК буд, дигар ба он ҷо барнагаштам. Ҳоло виз-визи ин пашшаи беномус ду соли дароз маро азоб дод ва намедонистам, ки ин таъқиб ва бадрафторӣ аз куҷост» [23, с. 78].

Лекин бо дилпурӣ устод Лоҳутӣ ҷойи дигар менависад: «Дар ҳар ҳол ҳақиқат қавитар аз туҳмат аст. Бубахшед, ки нороҳат кардам» [23, с. 78].

Аз ин мактубҳо маълум шуд, ки дар ҳодисаҳои солҳои сиюм шубҳа дар нисбати устод Лоҳутӣ низ пайдо шуда будааст, лекин ӯ тадбиру чораҳо меҷуст ва ба ғалабаи адолату ростӣ боварманд буд, нигаронихои худро дар байни ҷомеа ҳеҷ зоҳир наменамуд, танҳо аз устод Айнӣ пайдо намудани моҳияту воқеияти ҳодисаҳоро мехост.

Ба ин тариқ, дар номаҳои ба устод Айнӣ ирсолнамудаи А. Лоҳутӣ муҳимтарин лаҳзаҳои фаъолияти эҷодӣ ва корномаи пурсамари ин шахсияти бузурги адабӣ бо тамоми ҷузъиёт бозтоб гардидаанд, ки барои омӯзиши рӯзгор ва осори ӯ ба сифати сарчашмаи пурқимат хидмат мекунанд.

1.4. Тафсилоти тартиби кори эҷодии С. Айнӣ дар мукотиба бо А. Лоҳутӣ

Чунонки дар аввали рисола дидем, дар мактубҳои ирсолнамудаи устод Айнӣ ба унвони А. Лоҳутӣ доир ба ҳаёти эҷодии ӯ маълумот дада шудааст. Дар ин бахши рисола танҳо ба баёни тартиби кори эҷодии ӯ такя намудем. Устод Айнӣ тавассути нома ба дӯстону шогирдонаш тамоми нозукиҳои маҳорати эҷодиро омӯзондааст.

Дар номаҳои ба А. Лоҳутӣ навиштаи устод Айнӣ тарзи асарофаринӣ ва тартиби кори эҷодии ӯ бо тамоми нозукиҳои ҳунари нигорандагӣ нишон дода шудааст. Вобаста ба тартиби кори эҷодии ӯ бояд қайд намуд, ки дар боби ин масъала худи устод дар чандин мактубаш ба А. Лоҳутӣ суханронӣ кардааст. Мо онҳоро дар боби якум баррасӣ намудем ва дидем, ки устод Айнӣ зимни тасвири коргоҳи эҷодии худ воқеаҳои хурду бузурги зиндагии хешро, ки дар ҳолатҳои ба вуҷуд овардани асарҳояш ба ӯ рух медод, баён кардааст.

Номаҳое, ки мавзуи мазкурро дар бар мегиранд, аз муносибати бисёр нек ва дилсӯзонаи устод Айнӣ ба А. Лоҳутӣ башорат медиҳанд. Махсусан, маълумоте, ки С. Айнӣ дар номаҳояш доир ба ҷараёни таълифи романи «Ғуломон», шеъри «Ба Пушкин», «Луғати нимтафсилии тоҷикӣ барои забони адабии тоҷик», «Мактаби куҳна», «Марги судхӯр», «Ятим», «Одина», таҳқиқоти илмӣ оид ба устод Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Абуалӣ ибни Сино, Саъдии Шерозӣ, Алишери Навоӣ, муқаддима ба маҷмуаи А. Лоҳутӣ «Шеърҳои тоҷикистонӣ» ва ғайра медиҳад, аз нигоҳи илмӣ, фарҳангӣ, таърихӣ ва нозукиҳои тартиби кори эҷодӣ бағоят пурқимат ва беназир мебошанд. «Ҳамаи ин номаҳо, – менависад К. Айнӣ, – як ҳадафи асосӣ доранд – ростӣ ва ҳақшиносӣ, меҳнати ҳалол ва адолат. Ҳамчунин

тарбияи ахлоқӣ дар руҳи худшиносӣ бо воситаи адаб ва фарҳанг, илова бар ҳамаи инҳо, ки гуфта шуд, номаҳо аз хушкорӣ, пуркорӣ, некандешӣ нисбат ба шогирдон ва пайравонаш шаҳодат дода, вазифашиносӣ ва мураттабкории ишонро, ҳамчунин бе ҷавоб нагузоштан ва саривақт андешидани Айниро ба навиштаҳои дигарон бисёр хуб намоиш медиҳанд» [28, с. 3].

Дар воқеъ, далели ин гуфтаҳои К. Айнӣ ҳар як номаи устод Айнӣ ба унвони адибони ҷавони солҳои 30-юм то 50-ум, махсусан номаҳои устод ба А. Лоҳутӣ ва аз Лоҳутӣ ба устод Айнӣ шуда метавонанд. Номаҳое, ки ба суроғаи А. Лоҳутӣ фиристода шудаанд, дорои мавзуъҳое мебошанд, ки ба адабиёт, фарҳанг ва оила умуман, тарзи эҷоди асарҳову шеърҳо бахшида шудаанд.

Аксарияти дӯстону шогирдони устод Айнӣ собит кардаанд, ки нахустин шиносоияшон бо устод Айнӣ ба воситаи баъзе аз шеъру асарҳои ӯ аз қабили суруди «Марши ҳуррият», қиссаи «Одина» ва «Намунаи адабиёти тоҷик» сурат гирифтааст. Баъдан аз наздик тарзи асарофаринии ӯро дидаанду омӯхтаанд. Хусусияти эҷодкории ӯро дӯстону шогирдонаш А. Лоҳутӣ, Р. Ҳошим, Ҷ. Икромӣ, С. Улуғзода, Ф. Ниёзӣ, Б. Раҳимзода, А. Деҳотӣ, М. Миршакар ва амсоли онон дар навиштаҳояшон низ ёдовар шудаанд. Дар номаҳояш ин таҷрибаи худро низ устод Айнӣ ба онҳо зиёд гуфтааст.

Барои таҳқиқи баёни тартиби кори эҷодии адибон фикру андешаҳои худи онҳо ба сифати манбаи муътамад аз ҳар ҷиҳат бағояд арзишманд мебошанд. Аз ин ҷиҳат, мукотиботи устод Айнӣ, махсусан номаҳое, ки ба А. Лоҳутӣ дар солҳои 1930-1940 навиштааст, бо фарогирии санаду мадракҳои тоза ва пурқимат аҳаммияти калони илмию таърихиро доро мебошанд.

Дар мактубҳои ба А. Лоҳутӣ ирсолдоштаи С. Айнӣ муҳимтарин лаҳзаҳои фаъолияти эҷодӣ, коргоҳи адабӣ ва афкори адабию эстетикии ӯ бо ҷузъиёт ва дақиқият баён шудаанд, ки паҳлуҳои гуногуни тарзи асарофаринии адибро ҳарҷониба равшан мекунанд. Масалан, мактуберо, ки дар он серталабии устод Айнӣ доир ба романи «Ғуломон» дида мешавад, устод Айнӣ ба А. Лоҳутӣ аз таърихи 23 ноябри 1934 фиристодааст ва дар он тарзи ҷо ба ҷо гузории вақтро фаҳмондааст.

Дар мактуби мазкур С. Айнӣ ба А. Лоҳутӣ ҳушдор медиҳад, ки барои асарро ба вуҷуд овардан заҳмати беандоза лозим аст. Аввал муайян кардани вақту замон, инчунин ба беҳавсалагию танбалӣ роҳ надодан ва бо ҷиддияти том ба кор шуруъ намуданро зикр кардааст. Дар мактуб сараввал ба рафиқи меҳрубонаш саломи мухлисонаи худро расонда, ба суроғааш расидани мактуби фиристодаи ӯро навиштааст. Ҳамчунин, дар он машғул шудани худро барои омода намудани асараш «Ғуломон» хабар медиҳад, инчунин вазъияту талаботе, ки барои омода кардани китобаш бояд муҳайё бошанд, баён кардааст. [23, с. 23].

Дар аксари номаҳои С. Айнӣ баёни тартиби кори эҷодии ӯ бо санаду далелҳои амиқ гуфта шудаанд. Аз ин ҷо маълум мешавад, ки устод Айнӣ ҳар кореро, ки ба зиммаи худ мегирифт, бо ҷидду ҷаҳди беандоза ва бо устувории тамом то анҷоми он машғул мешудааст.

Аз хотироти яке аз шогирдонаш адиб ва муҳаққиқи шинохта Р. Ҳошим маълум аст, ки устод Айнӣ бо вуҷуди серкории худ дар корҳои идорӣ аз уҳдаи ба итмом расонидани ҳамаи корҳои эҷодиаш ба хубӣ мебаромадааст ва мегӯяд: «Устод бино ба гуфти худаш барвақт мехобид, то ки барвақт хеста ба кор машғул шавад. Аз маҷлисҳои дуру дарози шабона ҳеҷ хушаш намеомад, чунки инҳо тартиби муқарраршудаи зиндагиашро вайрон карда ба кори рӯзи дигар халал мерасонданд. Дар рӯзҳое, ки машғули навиштани асаре буд, ба вайрон шудани тарзи зиндагиаш ба ҳеҷ ваҷҳ роҳ намедод» [133, с. 15].

Устод Айнӣ дар номаҳо доир ба тарзи асарофаринӣ бо дӯстону шогирдон маслиҳат медодааст ва худро дар баробари онҳо масъул дониста, боиси шодобии руҳу илҳоми онҳо мегардидааст.

Дар мактуби навиштааш ба А. Лоҳутӣ низ (23 ноябри 1939) қайд кардааст, ки дар ҳолати руҳияи хуб доштанаш номаро навиштааст. Ба фикри устод баъди нимашаб навиштан «аввали ҳавсала аст». Баъд аз ин барои ӯ вақти нохуб буда, гӯё ҳусни хат ё мазмун нофаҳмо мешудааст. Аз ин ҷо маълум мешавад, ки пас аз нисфишабӣ ба устод Айнӣ илҳоми эҷодиаш, яъне руҳияи нависандагияш ҳамроҳ мешудааст.

Аз номаи мазкур маълум мешавад, ки устод Айнӣ нусхаи аввали асари тарҷумаиҳолиашро низ дар шакли очерк навиштанӣ будааст.

С. Айнӣ бо серкории худ нигоҳ накарда, ҳар як вазифаи ба зимма гирифтаашро сари вақт кӯшиш мекард ба анҷом расонад.

Дар поёни нома устод Айнӣ боз аз нашри чанде аз китобҳои дигараш башорат дода, аз муваффақияти худ ба А. Лоҳутӣ хабар додааст. Дар идомаи мактуб чунин менависад, ки: «Аз чизҳои тозае, ки имсол навиштам, ин аст: ба ман аз Институти тадқиқотии педагогии Маскав як мактуб омад ва дар он мактуб хоҳиш карда буданд, ки дар бораи мактабе, ки худам хондаам (мактаби ибтидоӣ), (доир ба «Мактаби куҳна» – Ф.Н.) як очерк нависам, ман ин очеркро дар ҳаҷми тахминан ду лист навистам. Дар ин ҷо тарҷума кунонда (ба русӣ) ба институти мазкур фиристодам. Агар шумо хоҳиш дошта бошед, фармоед ба шумо ҳам нависонда фиристонам (албатта, тоҷикиашро, аммо таъиин кунед, ки бо мошинкаи лотинӣ чоп кунонам ва ё бо арабӣ дастӣ нависонам).

Дар бораи Фирдавсӣ ва «Шоҳнома»-и ӯ ҳам тахминан се лист чиз навишта ба Тоҷикистон фиристодам» [23, с. 23].

Чунонки аз ин мактуб мушоҳида намудем, устод Айнӣ ба шоир на фақат низомномаи корҳои ба уҳдагирифтаашро маълум намудааст, балки кӯшиш кардааст саривақт ва мураттаб ба субут расонидани асарҳояшро иттилоъ диҳад.

Ин андешаи Р. Ҳошим ҷолиби диққат аст, ки менависад: «Айнӣ марди кор ва амал буд ҳаргиз аз гапи хушку холӣ хуш надошт. Аз ҳар кас ба қавли худ вафо ва ба гуфтаи худ амал талаб мекард» [133, с. 30].

Дар воқеъ, вақте ки ба номаҳои устод назар мекунем, ин масъалаҳо нисбати шогирдону дӯстонаш бештар намоён мегарданд.

Номаҳои устод Айнӣ, ки ба суроғаи А. Лоҳутӣ ирсол шудаанд, барои таҳқиқи тартиби кори эҷодии ӯ, инчунин фаҳмидани хусусиятҳои ба тартиб овардани ин ё он асари ҷудогонаи устод ва донистани фикру ақидаи худи адиб дар бораи ба вуҷуд овардани асарҳо аҳаммияти калон доранд.

Дар маҷмуъ, номаҳои С. Айнӣ ба А. Лоҳутӣ зиндагӣ ва корномаи аҷибу ибратомӯзи ин адиби нотакрорро ба таври дурахшон дар худ бозтоб намудаанд.

1.5. Бозтоби фаъолияти эҷодии А. Лоҳутӣ дар мактубҳо ба С. Айнӣ

Масъалаи бозтоби тартиби коргоҳи эҷодӣ ва саргузашти А. Лоҳутӣ дар мактубҳои ӯ, ки мо дар фасли сеюми боби якум зикр намудем, яке аз масъалаҳои муҳиммест, ки дар онҳо бо устод Айнӣ аз тарафи худи шоир изҳор карда шудааст. Барои аниқтар фаҳмидан аз тартиби кори эҷодии устод Лоҳутӣ бояд ба мактубҳои ирсол намудааш ба унвони С. Айнӣ муроҷиат намоем.

Бояд гуфт, ки устод Лоҳутӣ барои ба вуҷуд овардани шеъру достонҳояш аз нуқтаи назари устод Айнӣ баҳравар мешавад ва дар номаҳо рушди назму насри адабии худро дар коргоҳи эҷодии худ арзёбӣ кардааст. Гарчанде эҷодиёти назмии ӯ аз ҷумлаи ашъори дурахшонтарини адабиёти муосири тоҷик гардида буд, бо вуҷуди ин, ӯ дар мактубҳо дар боби ҳар як эҷоди худ аз устод Айнӣ маслиҳат мегирад. Ин мактубҳо барои шинохтани адиб ва маҳорати эҷодкории ӯ то андозае ба мо кумак мекунанд. Бояд ёдовар шуд, ки маълум кардани тартиби кори эҷодии А. Лоҳутӣ дар мактубҳо дар адабиёти имрӯзаи тоҷик як падидаи нав мебошад.

Мактубҳои А. Лоҳутӣ ба унвони С. Айнӣ аз соли 1927 шуруъ шуда, то соли 1953 давом мекунанд. Дар ин номаҳо, ки ададашон қариб ба 60 мерасад, бевосита аз тартиби кори эҷодиаш А. Лоҳутӣ маълумот медиҳад. Дар онҳо дар боби таърихи ин ё он асар (22 августи 1927, 18 июни 1931, 4 ноябри 1932, 9 июни 1938 боз июн ё июли 1938, 25 июли 1938, 5 декабри 1938, 28 декабри 1938, 9 январи 1939, 1 феврали 1939, 1 марти 1939, 6 марти 1939, 12 марти 1939 боз 12 марти 1939, 30 марти 1939, 2 апрели 1939, 7 апрели 1939, 14 майи 1939, 27 январи 1940, 26 августи 1940, 26 октябри 1940) ва шеърҳои эҷодкардаи А. Лоҳутӣ маълумот дода шудааст ва мавриди зикр аст, ки ҳамаи ин номаҳо бо як самимияту муҳаббат навишта шудаанд.

Ҳоло пеш аз он ки маҳорати шоирии устод Лоҳутиро дар номаҳо дида бароем, ин нуктаро бояд хотиррасон намуд, ки А. Лоҳутӣ, ҳамон навъе ки маълум аст, замони ба Тоҷикистон омаданаш устоди назарраси назм шинохта мешуд. Масалан, Р. Ҳошим дар бораи ӯ менависад: «...Инак, дар ҳамин давра Лоҳутӣ он шоири оташдил, ки «даруни мактаби гетӣ ба ғайр аз ишқу озодӣ зи ҳар илмиеву

баҳсе дафтари худро шуста буд», ба назми советии тоҷик чун раъди оташборе даромад» [133, с. 78].

Бисёре аз адибони тоҷик таъсири ашъори А. Лоҳутиро баён кардааанду замони шеърофаринии ӯро аз даврони бачагиаш дониста, маълумот дар бораи ҳаёти шоирро бо чунин андешаҳои худ шуруъ кардаанд: «Устод Лоҳутӣ иқрор мешавад, ки ҳини дар мадраса таҳсил карданаш шеър мегуфтааст» [45, с. 70].

Аммо гуфтан ҷоиз аст, ки номаҳои А. Лоҳутӣ барои омӯхтани ҳаёти шахсии ӯ, равшан кардани ақидаҳои ҷамъиятиву ҷаҳонбинии шоир манбаи боэътимоде мебошанд. Ӯ дар чандин мактубаш доир ба коргоҳи эҷодии худ ба устод Айнӣ бо изҳор ва ихлосу баёни дӯстӣ суханронӣ намудааст. Яке аз мактубҳои А. Лоҳутӣ ба устод Айнӣ аз ин қарор аст, ки ғазали наве навишта, аз устод Айнӣ хоҳиш намудааст, ки ғазали пеш аз ин фиристодаашро мутобиқи дувумӣ таҳрир кунад. Маслиҳату машварат бо устод Айнӣ Лоҳутиро саршортар мекунад, ки ғазалҳои тару тоза бештар сарояд. «Як нусхаи нав аз ғазали навро мефиристам. Хоҳишмандам нусхаи пештар фиристодаамро ё пора кунед, ё пас бифиристед, ё мутобиқи ин нусха дуруст кунед», – навиштааст А. Лоҳутӣ ба С. Айнӣ [23, с. 66].

Аз номаҳои А. Лоҳутӣ ба устод Айнӣ ба хубӣ маълум мешавад, ки онҳо дар роҳи эҷод дастгири ҳамдигар буда, аз нозуктарин лаҳзаҳои ба вуҷуд омадани шеъру достонҳояшон суҳбатҳои изтиробомезе менамудаанд.

Дар мактуби навбатӣ мегӯяд: «Имрӯз барои озмоиши табъ ғазале гуфтам. Онро ба ҳамин хат ба хидмати Шумо мефиристам. Назария ва танқиди Шумо барои ман пурқиматанд ва мунтазири он ҳастам» [23, с. 70].

Чунонки зикр кардем, дар мактубҳояш А. Лоҳутӣ мулоҳизаҳои устод Айниро доир ба ғазалҳояш меписандид ва онҳоро бесаброна мунтазир мешуд. Таҷрибаи адабии устод Айнӣ барои ӯ муҳим буд ва андешаи ӯро муътабар медонист.

Ҳамчунин А. Лоҳутӣ сари ҳар гоҳе аз бемории худ ба устод Айнӣ навишта, бо вуҷуди беморӣ ба гуфтани шеър рағбат доштанашро ҳам таъкид кардааст. Пас маълум мешавад, ки беморӣ ва шикастагӣ садди роҳи илҳоми саршори А. Лоҳутӣ наметавонистанд бошанд. Чунончи, худи шоир дар номаи зер ба С. Айнӣ

менигорад: «Ин ғазалро ҳам дар шаби балоангези беморӣ гуфтаам. Ҳоло рӯзи 12 март табам афтодааст. Ғазалҳои навро меписандед ё на? Заҳмати танқид дилатонро назад, ки? Агар ин тавр бошад, саломҳои мухлисонаи ман дар хидмати Шумо узрхоҳӣ мекунанд» [21, с. 26];

Ҳар як мактубе, ки А. Лоҳутӣ ва устод Айнӣ барои ҳамдигар равон мекарданд, бештар сари масъалаҳои эҷодкориҳояшон мегуфтанд, суҳбатҳо мекарданд ва камбудию норасоии эҷоди худро муйаян карда, аз комёбии якдигар низ шод мегардиданд, ки ин ҳолат барои рушду пурбаракат шудани кори эҷодиашон мусоидат мекард.

Номаҳои устод Айнӣ ва А. Лоҳутӣ метавонанд нависандагону адибони ояндаро дар роҳи дуруст ва муайян кардани тартиби кори эҷодӣ хусусан ба сифати роҳнамои хуб ҳидоят намоянд. Ин мардони неруманди адаби халқи тоҷик ҳамеша ҷонфидои миллат ва умуман, сарсупурдагони адабиёти муосир буданд.

1.6. Инъикоси фаъолияти шахсиятҳои адабӣ, фарҳангӣ, сиёсӣ ва ҷамъиятӣ дар мукотиботи С. Айнӣ ва А. Лоҳутӣ

Яке аз масъалаҳои муҳимме, ки дар мактубҳои устод Айнӣ ва устод Лоҳутӣ мавқеи марказӣ пайдо кардааст, инъикоси фаъолияти шахсиятҳои адабию фарҳангӣ, сиёсӣ ва ҷамъиятии он рӯзгор мебошад. Чунки ин шахсиятҳои адабию фарҳангӣ ва ҷамъиятӣ дар замони худ дар рушду нумуи адабу фарҳанги тоҷик мубориз ва пешсаф буданд ва барои ривоҷу равнақ ва инкишофи адабиёту фарҳанги тоҷик дар он солҳо хидмати беминнат кардаанд. Маҳз ба туфайли фаъолияти пурсамари ин гуна шахсиятҳо адабиёту тамаддун ва фарҳанги нави тоҷик, ки дар ҳолати ташаккул ва нумӯ қарор дошт, дар оянда рӯ ба инкишоф ниҳод ва равнақи минбаъдаи ҷомеаи фарҳангии тоҷикро таъмин намуданд.

Бозтоби фаъолияти шахсиятҳои адабӣ, фарҳангиву сиёсӣ ва ҷамъиятӣ дар мактубҳои устод Айнӣ ва устод Лоҳутӣ мавқеи намоён дорад. Дар ин гуна номаҳо устодон дар бораи шахсиятҳои олирутба ва тақдирсози ҷомеа, ки мавқеву мартабаи баланд доранд, сухан мекунанд. Баъдан доир ба онҳое, ки дар ҳаққи

устодон туҳматҳои беасосро раво донистаанд ва ба пешрафти адабиёти тоҷик монеъ шудаанд, иттилоъ дода шудааст. Шахсони бузурги хидматнишондода дар ин ҷо, аз қабили А.М. Горкий, И.В. Сталин, Е.Э. Бертелс, А.А. Семёнов, В. Ставский, Нисормуҳаммад, Д.З. Протопопов, Г.И. Бройдо, У. Юсупов, Л. Бузургзода, А.А. Жданов, Н. Шанбезода ва дигарон мебошанд. Дар баробари ёдоварӣ кардани ин шахсиятҳо номи афроде ҳам буданд, ки дар номаҳо аз корҳои ғайричашмдошти онҳо гуфта шудааст. Масалан, Р. Ҳошим, А. Деҳотӣ, Ғанӣ Абдулло, Носиров, Туйғун, А. Икромов, Вадуд Маҳмудӣ ва дигарон аз ҳамон қабил мебошанд. Пеш аз ҳама, бояд тазаккур дод, ки пешсафу ташаббускори фарҳангӣ, адабӣ ва ҷамъиятӣ дар солҳои 30-юм худи устодон Айниву Лоҳутӣ буданд.

Бояд хотиррасон кард, ки устод Лоҳутӣ бо як қисми инҳо аз ибтидои ба Иттифоқи Советӣ омаданаш дар иртибот буд, аз ҷумла робитаи ӯ бо устод Айнӣ соли 1925 дар Самарқанд оғоз мешавад. Бевосита нуқтаи назари А. Лоҳутиро доир ба фаъолияти густардаи устод Айнӣ дар мактубҳо мебинем ва дар айни замон, шинохти устод Лоҳутӣ низ аз назари С. Айнӣ инъикос ёфтааст. Дар таърихи адабиёт маълум аст, ки замоне ки А. Лоҳутӣ ба Иттифоқи Советӣ қадам ниҳод, адиби барҷаста ва устоди назм шуда буд ва ба шахсияти устод Айнӣ аз наздик шинос мешавад. Масалан, дар сарсухани китоби «Намунаи адабиёти тоҷик» бо унвони «Садриддини Айнӣ» (дар аввали боби рисола муфассал маълумот додаем) А. Лоҳутӣ шахсияти устод Айниро ҳамчун адиби барҷаста, устоди варзида қайд намуда, бо суханони саршор аз муҳаббати поки инсонӣ, садоқату сафо ва бо ҳиссиёти баланди дӯстии самимона ба тасвири шахсияти беназири устод Айнӣ пардохтааст [19, с. 6].

Баъд аз мутолиаи китоби мазкур А. Лоҳутӣ бо он осори латифу гуворо мафтун шудани худро содиқона тасвир намуда, аз осори С. Айнӣ лаззати маънавӣ гирифтаи худ, сипас бардоштҳояш аз ҳодисаи зарби чӯби амирро бо танаффур ҳамчун як адиб хеле хуб қаламдод мекунад [19, с. 6].

Баъд аз хондани сарсухани А. Лоҳутӣ маълум мешавад, ки ҳангоми шиносоии наздик ӯро сараввал назокати фавқулодаи зоҳирии устод Айнӣ

мутаҳайир намудааст. Аз ҳаракатҳо, ожангҳои чеҳра, чашмони хираи адиб ва донишманд – А. Лоҳутӣ нақши шиканҷаву машаққатҳои даврони гузаштаи ӯ ва махсусан 75 чӯб зарба хурдани устод Айниро мебинад. Таъсири ширини ин дидор ба устод Лоҳутӣ сабаб мешавад, ки дӯстии онҳо баъд аз ин бо суҳбатҳои доимии мактубӣ пойдор мемонад. Бавижа, Лоҳутӣ дар сарсухани худ аз дар ба дар, кӯча ба кӯча гаштани устод Айнӣ барои ҷамъ овардани маводу мадрак барои «Намунаи адабиёти тоҷик» ёд кардааст [19, с. 7].

Ин китоб сабаб мешавад, ки А. Лоҳутӣ ба устод Айнӣ бештар эҳтиром гузорад. Гарчанде пеш аз иртибот пайдо намуданашон устодон аз осори адабии якдигар ғоибона огоҳ буданд, аммо мулоқоти бевоситаи онҳо баъд аз ин дар мактубҳо, ки ба сарнавишти ҳамдигар манфиатҳои зиёди адабию фарҳангӣ расонидааст, идома меёбад.

Аз ҳамин сабаб, устод Лоҳутӣ ҳангоми дар Москва ҳамкорӣ доштанаш ба фарҳангиён доир ба осору шахсияти устод Айнӣ сухан мекушояд ва дар мактубҳо оид ба ин бо устод Айнӣ хабар медиҳад. Чи навъе ки дида шуд, А. Лоҳутӣ дар бобати аҳаммияти асари устод Айнӣ бештар ба завқ омада буд ва дар робита ба ин, бо донишмандони хорич дар бораи осор ва шахсияти устод Айнӣ гуфтугузор мекард. Дар ҷамъиятҳои адабӣ ва фарҳангӣ иштирок карданашро дар мактуби аз 4 декабри соли 1927 қайд карда, мегӯяд: «Устоди муҳтарам Айнӣ! Намояндагони Эрон ва мудирони рӯзномаҳо ва вакилони маҷлис, ки омада буданд, беандоза аз судмандии «Намунаи адабиёти тоҷик» хурсанд буданд ва борҳо дар хусуси ин китоб ва заҳматҳои Шумо дар тараққии адабиёти тоҷикӣ баҳс карданд.

Мегуфтанд, ки ҳама кас дар Эрон орзуи дидани ин китобро дорад. Чанд тавзеҳот роҷеъ ба ҳамон китоб, ки яке аз онҳо пеши худам пайдо шуд ва дигаронашро аз нашриёт гирифтам, барои Шумо мефиристам. Гарчи вақти онҳо гузашта, аммо чун роҷеъ ба Шумо буд, барои худатон фиристодам» [23, с. 11-12].

Дар мактубҳои Айнӣ ва А. Лоҳутӣ маълум мешавад, ки шахсияту осори онҳо мавқеи муҳим дошта, меҳри назокатпарварона ба қувваи бузурги дӯстиву рафоқат пайваст мебошад. Устод Лоҳутӣ ва устод Айнӣ дар мактубҳо доир ба достону шеърҳо ва асарҳои бадеию илмӣ бо ҳамдигар баҳои арзишнокро сазовор

медонистанд. А. Лоҳутӣ бо фурӯтанӣ, ки одати инсониву фарҳангии ӯст, доир ба романи «Ғуломон»-и устод Айнӣ баҳо дода, арзишмандии китобро аз ҷиҳати таърихӣ зикр мекунад ва онро ҳамчун роҳнамои ғуломоне медонад, ки озодии худро дар соири кишварҳо меҷӯянд [23, с. 24].

Дар мактубҳо андешаҳои таҳлилии А. Лоҳутӣ ва С. Айнӣ нисбат ба осори якдигар хеле зиёд ба мушоҳида мерасанд. Маълум мешавад, ки аз ҳар як асари устод Айнӣ А. Лоҳутӣ беш аз пеш ба завқ меомадаст ва ӯро ҳамчун адиби чирадаст мешинохтааст. Аз рӯйи он ки устод Лоҳутӣ ба шахсияти устод Айнӣ аз наздик ошно шуда буд, ҳар асари навэҷоди ӯ ба дили А. Лоҳутӣ роҳ меёфт. Онҳо аз асарҳои чопшудаашон ба суроғаи якдигар равон менамуданд. Устод Айнӣ асарҳои нави худро ба суроғаи устод Лоҳутӣ равон мекунад ва дар ҷавоб сипосгузории А. Лоҳутӣ ба С. Айнӣ ҳам ба назар мерасад. Ба ин маънӣ, А. Лоҳутӣ боз дар номаи 17 августи соли 1940 аз гирифтани нома ва китобҳои устод Айнӣ миннатдории худро доир ба «Марги судхӯр», «Ятим» ва рисолаи «Фирдавсӣ»-и С. Айнӣ баён карда, аз арзишмандии онҳо сухан кардааст. А. Лоҳутӣ низ аз шеъру достонҳои худ ба суроғаи устод Айнӣ мефиристод. Вақте ки А. Лоҳутӣ пурмазмун ва ҷолиб шудани шеърҳояшро ба воситаи андешаҳои пурарзиши устод Айнӣ дармеёбад, барои маҷмуаи шеърҳояш аз устод сарсухан навиштанро хоҳиш мекунад.

Дар мактубҳои С. Айнӣ ва А. Лоҳутӣ шахсиятҳои барҷастаи сиёсию фарҳангӣ мунъакис гардидаанд, ки онҳо дар солҳои бистуму сиюми асри XX маданияту фарҳанг ва маънавиятро дар сатҳи тозаву баланди тараққиёти адабиёти тоҷик нигоҳ дошта омадаанд ва имрӯз ҷасорати собитқадамонаи чунин шахсони ҷамъиятӣ сабаб шудааанду адабиёти муосири тоҷик мисли як дарахти бошукӯҳ сол то сол рушду инкишоф ёфта истодааст, ки баҳораш абадист.

Яке аз шахсиятҳои машҳур, донишмандони бузург, шарқшиноси маъруфи ҷаҳонии рус, ки шуҳрати намоён дошт, Е.Э. Бертелс мебошад, А. Лоҳутӣ ҳангоми дар Москва буданаш, бо ӯ мулоқот ва таассуроташро дар мактубаш ба устод Айнӣ зикр мекунад. Дар таърихи 22 августи 1927 А. Лоҳутӣ ба устод Айнӣ нома фиристода, доир ба шахсияти адабию фарҳангии Е. Э. Бертелс сухан карда

мегӯяд: «Дар ин ҷо донишманди муҳтарам профессор Бертелсро мулоқот кардам. Бисёр хушам омад. Марде фозил ва устоде қодир аст. Тамоми забонҳои Шарқ ва тақрибан ҳамаи забонҳои Ғарбро монанди забони модарӣ медонад ва аз таърих ва тамоми ҷузъиёти он бохабар аст. Дар хидмати эшон, махсусан аз мақоми фазлу дониши шумо гуфтугузор кардам. Бисёр шод аст ва аз Шумо мамнун, ки ба воситаи «Намунаи адабиёти тоҷик» басо шоирони Осиёи Миёнаро шинохта ва аз чоп шудани чунин китобе бисёр розӣ ҳастанд. Худашон ҳоло як китоб роҷеъ ба адабиёти Эрон менависанд, ба забони русӣ, ки дастовезҳои зиёде дар он ҳаст. Бисёр орзу дошт, ки рӯзномаҳои тоҷикиро барои ӯ бифиристанд. Намедонам ин мумкин аст ё не. Гумон мекунам, ки агар Шумо ба Душанбе бинависед, қабул кунанд. Агар илова бар шоироне, ки дар «Намуна» номашон навишта шуда, боз ҳам шоироне ба ёдатон омад, бо каме аз намунаи ашъорашон барои профессор бифиристед. Ба гумонам беҷо набошад» [23, с. 10-11].

А. Лоҳутӣ, чӣ навъе ки дар ин мактуб зикр ёфтааст, шахсияти Е. Э. Бертелсро ҳамчун донишманд, забондон ва нисбат ба адабиёти тоҷик дилбастагии бепоён доштанашро дарк намудааст.

Бояд тазаккур дод, ки ҳамин таассурот ва мушоҳидаҳо сабаб шуданд, ки дар оянда аввалин маҷмуаи шеърҳои А. Лоҳутӣ бо номи «Ҳазор мисраъ» бо сарсухани Е.Э. Бертелс чоп шавад. Ғайр аз ин, вақте ки дар атрофи устод Лоҳутӣ баҳсу мунозираҳо авҷ мегиранд, ба ҳимояти Е. Э. Бертелс бартараф мешаванд. Ниҳоят, чандин девони А. Лоҳутӣ ҳам бо хатти форсӣ дар Маскав ва ҳам бо хатти лотинӣ дар Тоҷикистон ва инчунин бо хатти кириллӣ бо сарсухан ва муқаддимаи ин донишманди бузург чоп мешавад. Дар баробари ин, хидматҳои ин шахсияти адабӣ ба устод Айнӣ ҳам аз аҳаммият холӣ нест. Мактубе, ки Е.Э. Бертелс ба устод Айнӣ бо унвони «Устоди донишманди муаззам!» равон кардааст, далели ин муҳаббат мебошад. Дар ин мактуб Е. Э. Бертелс аз 23 апрели соли 1939 ба луғати омодакардаи устод Айнӣ ва ба шахсияти ӯ баҳо медиҳад, ки мо доир ба мактуби мазкур дар фасли дуюми боби сеюм маълумот додаем. Ӯ аз мутолиаи ин китоб донишмандии устод Айниро бештар дарк намуда, ин кори устодро «шоҳкории нав» номидааст ва ин китобро «ганҷинае аз ҷавоҳири гаронбаҳо» гуфтааст. Дар

мактуби мазкур шахсияти бузурги фарҳангии устод Айнӣ аз тарафи Е. Э. Бертелс бисёр дақиқназарона баён шудааст [54, с. 12]. Гуфтан ҷоиз аст, ки баъд аз гирифтани номаи Бертелс устод Айнӣ ба луғати хеш тағйироти ҷанбаи сиёсӣ дошта ворид накардааст.

Бояд зикр намуд, ки мукотиботи С. Айнӣ ва А. Лоҳутӣ як манбаи муҳим ва ҳамзамон ҳуҷҷати муътамад барои ҳалли илмии чандин масъалаҳое мебошанд, ки дар онҳо инъикоси шахсиятҳои адабию фарҳангӣ, сиёсӣ ва ҷамъиятӣ ҷойи махсус доранд.

Чунончи маълум аст, ҳодисаҳои солҳои 30-юм дар ҷомеаи Шуравӣ яке аз рӯйдодҳои ногаҳоние мебошанд, ки аҳли адабро ба ташвиш оварда буд. Мукотиботи эшон низ сарнавишти С. Айнӣ ва А. Лоҳутиро дар солҳои 30-юми асри ХХ дар бар мегирад. Дар номаҳои онҳо шахсони тақдирсози ҷомеа низ ба мушоҳида мерасанд, ки зикр кардани ин масъаларо зарур шуморидем. Яке аз шахсиятҳои сиёсиву ҷамъиятии Тоҷикистони ҳамонвақта Д.З. Протопопов мебошад, ки некиҳои зиёде дар замони солҳои нохуш ва хавфноки сиюм нисбат ба ин устодон аз тарафи ӯ расидааст. Яъне, ӯ дар бартараф кардани овозаҳо нисбат ба устодон Айнӣ ва А. Лоҳутиро аз Тоҷикистон то Ӯзбекистон, ки беасос ва пучу бемаънӣ паҳн шуда буданд, нақши муҳим бозидааст. Махсусан, вақте ки асарҳои устод Айниро аз ҳама ҷо барканор мекунанду худи ӯро маҳкум карда ҳатто нафақаашро намедиҳанд, Протопопов ҳамчун шахси масъули сиёсии ҳамонвақта ба дурустӣ ин мушкилиҳоро ҳал мекунад. Дар номааш устод Айнӣ ба устод Лоҳутӣ доир ба ин масъала аз 8 майи 1938 навишта буд: «Ҳарчанд бо ташаббуси шахсии рафиқ Прутопопуф кори пенсаам дуруст шуд, дуговори вайронкардашуда боз ба амал оварда шуд ва аз тарафи партия рухсат додаанд, ки асарҳои маро хонанд ва ба хрестоматияҳо гиранд...» [23, с. 39].

Мактубҳо ҳаёти вазнину тоқатфарсои шахсиятҳои адабиро нишон медиҳанд, ки сабабгори асосии раҳо ёфтан аз офатҳои ногаҳон ба сари устодон омада шудаанд. Далели ин фикрро ба куллӣ дар мактуби аз таърихи 14 марти 1937 навиштаи устод Айнӣ ба А. Лоҳутӣ метавон дарёфт, ки чунин аст:

«...куфияи ин хатро ба тариқи маълумот ба рафиқ Протопопов фиристодам. Фаврӣ телегроф омад, ки кори суд пӯшида шуд» [23, с. 29].

Ҷойи дигар хидмати ғамхоронаи бевоситаи котиби Кумитети Марказии Ӯзбекистон Усмон Юсупов аст, ки аз асарҳои устод Айнӣ ва худи ӯ хуб ҳимоят кардааст ва ба воситаи Иттифоқи нависандагони Ӯзбекистон ӯро ба Тошканд даъват карда, устод Айниро руҳбаланд мекунад ва доир ба бартараф намудани манъи асарҳои ӯ қавл медиҳад, ки мактуби аз таърихи 14 марти соли 1937 ҳамин воқеотро ба таври зайл дар худ ҷо додааст: «Ман ба Самарқанд баргаштам ва рафиқ Юсупов ба Маскав, ба сессия рафт ва баъд аз омаданаш аз сессия аз Маскав он ваъдаи худро ба амал овардааст, ки дар натиҷа Узглавлит қароре дар бораи бекор кардани манъи асарҳои ман баровардааст. Ин аст, ки як нусхаи куфияи он қарорро барои маълумот ба шумо фиристодам» [23, с. 27-28-29].

Ҳамон солҳои фоҷиабор ва мудҳишро устод Айнӣ бо ранҷ мегузаронд. Ӯ барои дифоъ аз худ дар ҳаҷми 30 саҳифа маъруза тайёр карда, аз устод Лоҳутӣ ва аз завҷаи ӯ – Бону барои тарҷумаи он ёрӣ мехоҳад. Устод Лоҳутӣ ин хоҳиши ӯро самимона ва содиқона қабул мекунад ва дар ҷамъияти адибону фарҳангиёни Маскав тарҷумаи маърузаро бо забони русӣ мехонад. «Хушбахтона, кӯшиши устод Лоҳутӣ ва ҳамсари ӯ муҳтарама Бону барабас нарафтанд. Ҳақиқат ғалаба кард. А. Лоҳутӣ устод Айниро аз шиканҷа ва гумномии тӯлонӣ наҷот дод, номи неки ӯро ҳифз кард. Агар дахолати ҷасуронаи А. Лоҳутӣ намешуд, кӣ медонад, ки тақдири С. Айнӣ чӣ мешуд. Ин хидмати ӯро тоҷикон ҳеҷ гоҳ фаромӯш нахоҳанд кард», – навиштааст академик М. Осимӣ [23, с. 6].

Баъд аз чунин натиҷа А. Лоҳутӣ дар мактубаш ба устод Айнӣ дар таърихи 4 апрели соли 1938 муждаи неки кори хайри худро медиҳад ва менависад: «Ҳаминро ба рафиқон Прутопупуф ва Юсуфуф ҳам гуфтам. Р. Паустовский ба ҷамъияти нависандагон телегром фиристод, ки комиссия кунанд. Чанд рӯз пеш телегромми рафиқ Юсуфуф расид, ки муждаи дуруст шудани кори Шуморо медиҳад. Ин ҳамаро хушҳол кард, ки охираш кор ба хуррамият анҷом гирифт» [23, с. 36-37].

Устод Лоҳутӣ ва устод Айнӣ дар роҳи ҳақ самимӣ буданд. Барои ҳимоят аз ҳамдигар ва фарҳангу адабиёти тоҷик тамоми қуввату масъулиятро ҷасурона сарф мекарданд ва дар амалӣ намудани ҳақиқат мубориза мебурданд.

Устод Айнӣ ва устод Лоҳутӣ дар замони ҳассоси тақдирсози миллати тоҷик, ки бо даҳшату вокуниш мегузашт, барои ҳифзи сарвати маънавии миллат кӯшиши зиёде сарф намудаанд. Хидмати бузурги таърихии онҳоро дар номаҳояшон ба сароҳат метавон дарёфт.

Мактубҳо аз як қатор хислатҳои муҳимми инсонии онҳо дарак медиҳанд, ки яке аз чунин хислатҳои эшон ҳамеша манфиати ҷамъиятро пеша кардан будааст. «Садриддин Айнӣ ва Абулқосим Лоҳутӣ, – боз менависад академик М. Осимӣ, – дар марҳилаи хеле мураккаб, ҳассос ва тақдирсози халқи тоҷик зиндагӣ ва фаъолият кардаанд. Ду устоди забардасти назму наср, донишмандони беҳамтои адабиёти классикии форсу тоҷик ба адабиёти муосири тоҷик пояҳои мустаҳкаме гузоштанд ва дар ҳифзи сарвати маънавии миллат ва дастраси халқ гардондани он кӯшиши зиёде ба харҷ дода, хидмати бузурги таърихиро адо намуданд. Дар ин ҷода онҳо ҳамдигарро дастгирӣ мекарданд ва ба ҳамдигар илҳом мебахшиданд. Ин соҳаи фаъолияти пурбаракати онҳо дар мактубҳо акс ёфтаанд» [23, с. 5].

Маълум аст, таъқиботи шахсиятҳои адабӣ ва фарҳангӣ дар ҳамон айёми ғамгинӣ бисёр одамони оқилро низ ба аблаҳиву раҳгумӣ меандохт, ки дар номаҳои миёни ин ду устодон чунин ҳолат ба хубӣ маълум мегардад. Масалан, устод Айнӣ нисбат ба Н. Шанбезода ба А. Лоҳутӣ сухан кардааст. Н. Шанбезода шогирди устод Айнӣ буд. Ӯ шахси масъулу адиби равшанфикри миллати тоҷик буд. Ба ӯ фармон медиҳанд, ки номи устод Айниро сиёҳ ва дар Иттифоқи нависандагон муҳокима кунад. Аммо Н. Шанбезода инро қабул намекунад, вафодории ӯро устод Айнӣ ба А. Лоҳутӣ дар мактубе аз 8 майи соли 1938 менависад: «...Шанбезода ҷавоб додааст, ки агар билети партиягии маро зи дастам гиранд ҳам, бе ягон ҳуҷҷати расмие, ки исбот шуда бошад, ба дасти ман нарасад, ман ин корро нахоҳам кард» [23, с. 40].

Ин гуна шахсиятҳо дар он солҳо инсофан кам ба назар мерасиданд, махсусан дар тангтарин рӯзҳо. Душманони халқ, миллатчиёни буржуарзӣ ҳама гуна шахсиятҳоро ба доми фитнаи худ меандохтанд. Аҷибаш ин аст, ки як гурӯҳ адибони шинохта, ки дар зери дасти устод Айнӣ ба воя расида буданд, дар Иттифоқи нависандагон ҷойгир шуда, дар вазифаҳои роҳбарии он истода, амалҳои муғризона ва ноҷавонмардонаи худро ба таври пинҳонӣ ва ошкоро давом дода омадаанд. Яке аз онҳо А. Деҳотӣ мебошад, ки ин рафтори ноҷои ӯ устод Айниро ба шигифт овардааст ва дар номаи 8 майи соли 1938 ба А. Лоҳутӣ менависад: «Котиби Союз Деҳотист, ки ба вай чӣ ном доданро худам ҳам намедонам. Агар дӯсти ман гӯям, бояд «дӯсти нодонам гӯям, ки аз душмани доно бадтар аст» [23, с. 40].

Устод Лоҳутӣ низ дар номааш ба устод Айнӣ аз рафтори кароҳатангезонаи А. Деҳотӣ, ки бо чунин шахсони туҳматгар барои худро содиқ нишон додан ҳамдаст шудааст, эътироз баён намуда, дар номаи 17 майи соли 1939 ба Айнӣ ирсолкардааш чунин мегӯяд: «Роҷеъ ба Деҳотӣ бошад, нисбат ба ман ҳам иғвогарӣ кардааст. Аммо Шумо беҳтар аст ба вай нагӯед. Ин хел бачаҳо тараққии худро дар ин гуна «садоқаткориҳо» медонанд» [23, с. 43].

Устод Лоҳутӣ масъалаи иғвои бешарафонро ба устод Айнӣ арзёбӣ ва маҳкум менамуд. Аз ҷумла дар хусуси шоири турк Туйғун ном шахси фитнаангезу иғвогар, ки бар зидди ӯ ариза карда, бе ягон асосу далел туҳматкорона то Москва овозаи бадномии А. Лоҳутиро паҳн кардааст ва бо душманони халқ гӯё алоқаи зич доштани А. Лоҳутиро «собит» карданӣ шудааст, сухан ба миён меорад. Мактуби устод Лоҳутӣ ба устод Айнӣ аз 7 апрелӣ соли 1939 доир ба ин масъала чунин аст, ки мегӯяд: «Шумо ин Туйғун ном шоири туркро мешиносед ...ин «болшевики дуоташа» (ба истилоҳи нонвойҳо) соли гузашта ариза додааст, аммо Лоҳутӣ Раҳим Ҳошимро аз Самарқанд ҳамроҳ оварда, бо зӯр котиби нависандаҳо кард. Лоҳутӣ бо Ғанӣ Абдулло, Носируф ва дигар душманони халқ дӯст буд. Коркунони онрӯзаи Союзи нависандаҳои СССР амдан хатро пинҳон карданд ва шуҳрат додаанд, ки бар зидди Лоҳутӣ матириялҳо ҳам ҳаст. Ман ба ин ҳарзагӯиҳо аҳаммият намедиҳам-ку, аммо дигарон ё амалан ё

ҳақиқатан аҳаммият дода будаанд. Фақат чанд рӯз пештар масъала ошкор шуд, (баъд аз маърузаи раф. Жданов дар съезди партия) фақат аризаи Туйғун будааст. Табиист, ки собит кардани ин бухтони бешарафона осон аст... Ҳоло виз-визи ин пашшаи беномус ду соли тамом маро азоб дод ва намедонистам, ки ин таъқиб ва бадрафторӣ аз кучост. Ҳоло маълум шуд...» [23, с. 79].

Тавре ки дидем, ҳамин гуна айбу нуқсонҳоро ба гардани устодон Айниву А. Лоҳутӣ барои сиёҳном шудан бор карданӣ мешуданд, ба ин рафтори хатарноки фочиабори худ, ҳаёту фаъолияти маънавии ин шахсиятҳои нобиғаро зери хатар мебурданд, ки онҳоро ин ҳолат, албатта, то як дараҷа дар ташвишу азоб андохта буд. Аммо шахсони равшанфикр, мардони ҷасур ҳамеша тарафдори ҷомеаи фарҳангӣ буданд.

Бо ин тариқа, таъсири онҳо ба сарнавишти устодон, чи навъе ки аз ҳуҷҷатҳои дар боло овардашуда маълум мегардад, ҳаматарафа буда, тамоми соҳаҳои машғулияти корҳои адабӣ, фарҳангӣ, сиёсӣ ва ҷамъиятии ба вуҷуд омадаи онҳоро фаро гирифта будааст. Ин ҳолат, аз як тараф, сабаби ёрии якдигар ва дигар шахсони равшанфикр шуда бошад, аз тарафи дигар, ба пешрафти адабиёту фарҳанги тоҷик заминаи мувофиқе ба вуҷуд овардааст.

Мукотиботи С. Айнӣ ва А. Лоҳутӣ хонандаро бо саҳифаҳои пурифтихори таърихи халқи тоҷик шинос намуда, рӯзгори онҳоро бо тарафдории шахсиятҳои номдору сарбаланди илмӣ, адабӣ, таърихию сиёсӣ нақл менамоянд. Номаҳо ҳаминро нишон медиҳанд, ки ҳар кадом аз шахсиятҳои адабию фарҳангӣ бо хираду заковат, дониш ва фазилати худ шуҳрати ҷаҳонии С. Айнӣ ва А. Лоҳутиро пойдор нигоҳ дошта, самараи умру хидмати беназири онҳоро бо мақому манзалаташон дар солҳои мушкили замони шуравӣ (солҳои 30-юм) ситоиш ва қадрдонӣ намудаанд.

Аз баррасии номаҳои С. Айнӣ ва А. Лоҳутӣ, ки ҳамчун манбаи муҳимми таърихӣ барои муайян намудани равобити дӯстӣ ва эҷодӣ хидмат менамоянд, чунин бармеояд, ки номаҳои зиёди ин ду адиби бузург нозуктарин лаҳзаҳои саргузашти онҳоро ба хонанда баён менамоянд. Масъалаи инъикоси шахсиятҳои адабию фарҳангӣ, сиёсӣ ва ҷамъиятӣ, ки ба сарнавишти устод Айнӣ ва А. Лоҳутӣ

таъсиргузор буданд, дар мактубҳои онҳо омӯзанда буда, барои насли имрӯзу оянда дари маърифати инсондӯстию миллатдӯстиро мекушояд. Метавон гуфт, ки устод Айнӣ ва А. Лоҳутӣ дар мукотиба равобити дӯстӣ ва эҷодии худро низ на танҳо ҳамчун зарурати иҷтимоӣ, балки ҳамчун иҷрои вазифаи виҷдонӣ ва рисолати маънавӣ донистаанд. Бинобар ин, баррасии ин масъалаи муҳимми таърихи адабиёти мо дар заминаи мукотибаи эшон, ҳамчун ҳуҷҷатҳои нодири адабӣ-таърихӣ аз вазифаҳои ояндаи адабиётшиносону ҷомеашиносон мебошад.

БОБИ II

АФКОРИ АДАБИЮ ЭСТЕТИКИИ С. АЙНӢ ВА А. ЛОҲУТӢ ДАР ЗАМИНАИ НОМАҲОЯШОН

Мактубҳои устод Айнӣ ва А. Лоҳутӣ дорои қимати бузурги адабиётшиносӣ мебошанд. Онҳо ҳам барои мутахассисони суханшинос ва ҳам барои аҳли адабу фарҳанг як навъ дастури роҳнамои эҷодӣ ва илмӣ ба шумор мераванд. Дар мактубҳои ин ду нобиғаи адабиёт умдатарин масъала ва муаммоҳои адабиёти гузашта ва имрӯза, аз ҷумла мундариҷа ва шакл, хусусиятҳои адабиёти бадеӣ ва қонунияти инкишофи он, забон ва ҳусни баён, маҳорати адабӣ, образу образнокӣ, шеъру шоирӣ, вазифаҳои эҷодкор ва суханвар, нақш ва мақоми суханвар дар ҷомеа, тасвир ва роҳу василаҳои офариниши образи бадеӣ, равобити адабӣ, назму тартиби кори эҷодии суханварон, омӯзиши мероси адабӣ, анъана ва навоварӣ, мактаби адабӣ, тарҷумаи бадеӣ, ҷаҳонбинӣ ва тахайюли адабӣ, тарзи тасвири ҳикмати зиндагӣ, арзиши ҳунарӣ, маърифатӣ ва тарбиявии адабиёти бадеӣ бо камоли фасоҳат ва далоили муътамад баён шудаанд, ки омӯзишу тадқиқи ҳамаҷонибаи онҳо барои рушду нумуи илми адабиётшиносӣ ба ҳайси ганҷинаи бебаҳое хидмат мекунанд.

Ақидаҳои адабию эстетикии устод Айнӣ ба тамоми асарҳои бадеии ӯ ва хусусан, ба мукотиботаш робитаи ҷудоношуданӣ доранд. Агар мо ба асли ин мавзуъ мутаваҷҷеҳ шавем, дармеёбем, ки бахши аъзами номаҳои С. Айнӣ ба А. Лоҳутӣ ва махсусан ба дигар нависандагон ва эҷодкорон бевосита ё бавосита ба афкори адабию эстетикии онҳо алоқаманд буда, нуктаҳои муҳимми назару мулоҳизаҳои онҳоро инъикос намудаанд. Устод Айнӣ дар ҳошияи мақолаву асарҳо ва дар мактубҳо бо шогирдону дӯстонаш – А. Лоҳутӣ, А. Ҳамдӣ, А. Мунзим, Ҷ. Икромӣ, Р. Ҳошим, А. Деҳотӣ, С. Улуғзода, М. Раҳимӣ, М. Турсунзода, М. Миршакар, П. Толис ва дигарон оид ба масъалаҳои гуногуни эҷодӣ андешаҳои пурарзиш баён кардааст. Устод Айнӣ дар ҳама соҳаҳои илми филология саҳми шоиста гузоштааст. Хусусан қайдҳои устод Айнӣ дар

мактубҳояш ба А. Лоҳутӣ оид ба масъалаҳои адабиётшиносӣ бештар ба назар мерасанд. С. Айнӣ аз худ мероси гаронбаҳои илмию адабӣ боқӣ гузоштааст, ки дар ин ҷода мактубҳояш аз лиҳози муҳтаво ва фарогирии мавзуъ ва муаммоҳои мубрами адабию фарҳангӣ ва таъриху тамаддуни тоҷик бағоят арзишманд мебошанд. Дар мукотиботи С. Айнӣ, хусусан мактубҳои ӯ ба яке аз поягузорони назми инқилобии тоҷику форс А. Лоҳутӣ муҳимтарин масъалаҳои адабию эстетикӣ бозтоб гардидаанд.

Кӯшиши пурсамари устод Айнӣ ва А. Лоҳутӣ дар эҷоди мактубҳо, ки дар солҳои мухталифи фаъолияти адабию иҷтимоияшон навишта шудаанд, афкори адабию эстетикии онҳоро то ҳадде равшан мекунанд ва аҳаммияти онҳоро дар ҳаёти фарҳангӣ ва ҷамъиятии он солҳо нишон медиҳанд. Ҷолиби диққат ин аст, ки онҳо дар номаҳо бо як эҳсоси дилгармона суханронӣ намудаанд ва суханҳои ҳикматноки ин суханварони бузург ба ҳар фарди ватандӯсту маърифатпарвар таъсири бузург расонида, меҳру муҳаббати шахсро нисбат ба адабиёту фарҳанг афзун менамоянд.

Афкори адабию эстетикии устод Айнӣ тақрибан дар ҳамаи номаҳое, ки ба А. Лоҳутӣ фиристодааст, баён шудаанд. Барои равшантар гардидани ин қазия якчанд номаи устод Айниро, ки ба А. Лоҳутӣ ирсол намудааст, ёдовар мешавем. Устод Айнӣ дар масъалаҳои бурду бохти эҷодӣ ва комёб шудан дар кори эҷодӣ табодули назари дӯсташро пураҳаммият мешуморад. Баъд аз мутолааи номаи аз 4 августи соли 1940 навиштааш ба А. Лоҳутӣ маълум мегардад, ки дар таҳқиқ ва бозёфтҳои далелҳои адабӣ ба мутолиаи эҷодиёти суханварони классик мепардохт ва ҳақиқати ҳоли онҳоро муайян менамуд ва доир ба ин масъалаҳо бо дӯсташ дар мактубҳо андешаашро баён мекард [23, с. 98]. Барои равшан намудани ин далел ба китоби адабиётшинос А. Маҳмадаминов «Айнишиносӣ ва замони ҳозира» таваҷҷуҳ кардем. Муҳаққиқ доир ба ин масъала менависад, ки «Айнӣ ҳамчун донишманди баркамоли адабиёти тоҷик дар «Намунаи адабиёти тоҷик» нуқтаи назари худро доир ба масъалаҳои гуногуни эҷоди бадеӣ ва осори адибон баён кардааст. Ӯ ба туфайли биниши дақиқи эстетикӣ масъалаҳои умдаи адабӣ,

хусусиятҳои муҳимтарини эҷодии адибон ва мақоми онҳоро дар таърихи адабиёт борикбинона муайян мекунад...» [97, с. 21].

Ақидаву андешаҳои устод Айнӣ дар мактубҳо барои равшан гардидани як қатор масъалаҳои адабиётшиносӣ аз ҳар ҷиҳат арзишманд мебошанд. Умуман, тамоми мактубҳои устод Айнӣ бағоят ибратомӯзанд, чунки дар мактубҳо афкори адабию эстетикии мусанниф баён шудаанд.

Устод Айнӣ ҳамчун поягузори насри нави тоҷик ба мукотиба аҳаммияти ҷиддӣ медод. Аз ҳар як номаи ба унвони А. Лоҳутӣ фиристодашуда андешаҳои адабиву эстетикии ӯ равшан ба назар мерасанд.

Устод Айнӣ андешаҳояшро бештар ба воситаи номаҳояш ба А. Лоҳутӣ баён мекард. Ақидаҳои С. Айнӣ дар мукотиботаш барои тоза нигоҳ доштани забони тоҷикӣ ҷолиби диққат мебошанд. Устод Айнӣ, вақте ки дар бораи забони тоҷикӣ луғате тартиб доданӣ мешавад, яъне «Луғати нимтафсилии тоҷикӣ барои забони адабии тоҷикӣ», дар як номааш аз таърихи 7 октябри 1937 ба А. Лоҳутӣ андешаашро дар ин бобат иброз намудааст. Дар ин нома устод Айнӣ ҳамчун нависандаи пуркор ба назар мерасад. Ӯ вақти бисёри худро ба кори эҷодӣ сарф карда, барои ояндаи ҷавонон кӯшиш мекунад, ки содагӣ ва оммафаҳмии луғатро ба тамоми нозукӣ санҷида барояд. устод Айнӣ ба А. Лоҳутӣ иброз медорад, ки то даҳсолагии Тоҷикистон бояд китоби мазкурро ба итмом расонад.

Миқдори номаҳои фиристодаи устод Айнӣ ба А. Лоҳутӣ дар солҳои 30-юму 50-уми асри XX наздики 40 ададро ташкил додаанд, ки аксар масъалаҳои соҳаи адабиётшиносиро дар худ ғунҷонидаанд. Муҳим он аст, ки ба бисёре аз номаҳои С. Айнӣ дар навбати худ А. Лоҳутӣ ҷавоби муфассал додааст. Яъне устод Айнӣ аз ҷиҳати шумора ба унвони А. Лоҳутӣ бештар мактуб ирсол намудааст, ки аз ақоиди адабӣ-эстетикӣ холӣ нестанд ва як ҷилд китобро низ ташкил медиҳанд.

Дар мактубҳои С. Айнӣ ва А. Лоҳутӣ бештар доир ба адабу фарҳанг сухан меравад, ки бо самимият, ҳарорат ва ба як эҳтироми махсус навишта шудаанд. Аз мутолааи онҳо дарк намудан имконпазир аст, ки устод Айнӣ ва А. Лоҳутӣ доир ба масъалаҳои адабиётшиносӣ бо як ангезаи самимӣ ба ҳамдигар изҳори ақида мекарданд.

Устод Айнӣ ҳамчун саромади адабиёти нави тоҷик бо андешаҳои адабиву эстетикии камназири хеш, бо фаъолияти таърихшиносӣ, забоншиносӣ, мактубнависӣ ва рӯзноманигориаш адабиёту фарҳанги тоҷикро давом ва инкишоф додааст ва то имрӯз ҳам адабиёти тоҷик аз баракати андешаҳои арзишманди устод торафт рушду камол ёфта истодааст. «Афкори адабии Айнӣ, – қайд мекунад Н. Аслонова, – ӯро ҳамчун адиби маърифатманди қарни XX муаррифӣ карда тавонистааст» [41, с. 311].

Номаҳои устод Айнӣ дар айни замон бо аслу моҳият ва хусусияти хоси худ асари хурди насрие мебошанд, ки ба воситаи онҳо кас метавонад андешаҳои устодро дар бисёр мавзуъ ва масъалаҳои адабиётшиносӣ дарёбад ва самтҳои нави фаъолияти таҳқиқиро аз онҳо пайдо кунад.

Ҳамин тавр, метавон гуфт, ки афкори адабию эстетикии устод Айнӣ дар ҳамаи асарҳои ӯ ба мушоҳида мерасад, вале бояд махсус таъкид намоем, ки мукотиботи нависанда бо А. Лоҳутӣ фарогирандаи масъалаҳои муҳимми адабиётшиносӣ, аз ҷумла анъана ва навоварӣ, мундариҷа ва шакли шеър, мулоҳизаҳои С. Айнӣ дар бораи шеъру шоирӣ, масъалаҳои омӯзиши мероси адабӣ ва таъини ҳуқуқи халқи тоҷик ба мероси гузашта, таҳқиқи рӯзгори устод Рӯдакӣ, Саъдии Шерозӣ ва дигар чеҳраҳои адабӣ мебошанд ва дар навбати худ, ҷавоби мактубҳои ӯ аз тарафи А. Лоҳутӣ андешаҳои ин шоирро оид ба осори устод Айнӣ ва маҳорати адабии ӯ дар худ маҳфуз медоранд. Бинобари ин, дар боби мазкури диссертатсияи мо масъалаҳои зикршуда мавриди баррасӣ қарор мегиранд.

2.1. Анъана ва навовариҳои А. Лоҳутӣ аз назари С. Айнӣ

Устод Айнӣ шоирест, ки ҳангоми ба майдони адабиёт даромаданаш муваффақияти бузурги адабиро соҳиб шуда буд ва комёбии асосии адабии ӯ ин аст, ки аз истифодаи анъанаҳои пешин мувофиқи талаботи замон чун таҷрибаи мавҷуда ва муваффақ истифода кардааст. Ӯ яке аз ҳамон шоиронест, ки дар эҷодиёти худ аз анъанаҳои маъмули адабиёти тоҷик баҳра гирифта, дар баробари

ин, аввалин навовариҳои худро дар шеърҳояш, махсусан «Марши ҳуррият» ба вуҷуд овард. Адабиётшинос Муҳаммадҷон Шакурӣ дуруст қайд мекунад, ки «аз аввали револютсия аз шеъри Айнӣ «Марши ҳуррият» (1918) сар карда, мавзую масъалаҳои назм ба куллӣ дигар шуд. Дар натиҷа дар воситаҳои тасвир, қофияву бандсозӣ, ҳатто дар вазн дигаргуниҳо рӯй додан гирифтанд. Бо вуҷуди ин, структураи тафаккури бадеӣ дар шеър хусусиятҳои асосии анъанавиро бештар нигоҳ медошт ва мазмуни нав асосан ба тарзҳои кӯҳна ифода меёфт» [148, с. 79-80].

Устод Айнӣ ҳамчун шоири ҳушдону закӣ ва олими дурандеш, дар тамоми солҳои фаъолияти эҷодиаш ҳамвора мубориза бурда, адибони баъдинаи худро бо суханони наву анъанаҳои шоистаи классикони бузург ошно намудааст. Ӯ дар мактубҳо ва сарсухану мақолаҳои ҷудогонааш доир ба осори адибони классик ва муосири тоҷик дар зимни баъзе масъалаҳои адабӣ оид ба анъана ва навоварӣ андешаҳои судманд баён намудааст, ки онҳо аҳаммияти бузурги назариявӣ ва таҷрибавӣ доранд. Ин ҷиҳати фаъолияти устод Айнӣ нишон медиҳад, ки масъалаи анъана ва навоварӣ ҳамвора дар меҳвари нуқтаи назари ӯ меистодааст.

Устод Айнӣ дар баробари эҷодиёти классикон дар мактубҳояш таҳрири шеърҳои А. Лоҳутиро бо таваҷҷуҳ бар мабҳаси анъана ва навоварӣ анҷом додааст. Ҳаминро гуфтан лозим аст, ки таваҷҷуҳи С. Айнӣ дар эҷодиёти А. Лоҳутӣ бештар ба навовариҳои ӯ дар номаҳо дида мешавад. Ба майдони адабиёт даромадани А. Лоҳутӣ, ки дар давраи ҳаракати озодихоҳии халқи Эрон ва дар замони шуроӣ ба камолоти эҷодӣ расида буд, вобаста ба ҳамин шароиту давраҳои таърихӣ ақидаю ашъораш инкишоф ёфта буд, бо вуҷуди ин, замони ба Тоҷикистон қадам монданаш устод Айниро муҳаррири адабии ғазалҳои худ медонад.

Як қисми умдаи таълифоти арзишманди бунёдгузори адабиёти навини тоҷик устод Айниро мактубҳо ташкил медиҳанд, ки ин номаҳои устод як ганҷинаи бебаҳои фарҳангӣ буда, барои ҷомеаи мо аҳаммияти фавқулодае доранд. Дар байни мукотиботи С. Айнӣ, махсусан мактубҳои ӯ ба яке аз асосгузорони назми инқилобӣ – устод Лоҳутӣ мақоми марказӣ доранд. А. Лоҳутӣ

ҳар як ғазали тозаэҷоди худро ба тариқи нома ба устод Айнӣ мефиристод ва устод Айнӣ ғазалҳои дӯсташро аз назар гузаронида, фикру андешаашро доир ба ҳосили эҷоди ӯ баён намуда равон менамуд. Аз он давра ки А. Лоҳутӣ ба майдони адабиёт, махсусан ба назми тоҷик дохил шуд, ба назари С. Айнӣ, шеъри тоҷик равони тоза ба худ гирифт. Устод Айнӣ асарҳои таърихию инқилобӣ менавишт, А. Лоҳутӣ бошад, шеъру достонҳо ва ғазал эҷод мекарду ақидаҳои устодро нисбат ба навпардозиҳояш ба эътибор мегирифт. Суханварон ҳампешагони худро ба интихоби мавзуъҳои наву замонавӣ даъват менамудаанд.

Ҳаминро гуфтан бамаврид аст, ки анъанаю навоварӣ дар ашъори А. Лоҳутӣ аз нигоҳи устод Айнӣ барои ҳалли бисёр ҷиҳатҳои назариявии соҳаи адабиёт ёрӣ мерасонад.

Ҳаракат ва ҷаҳдҳои навоварии собиқ дар заминаҳои мухталиф нисбат ба асрҳои пешин дар доираи пешрафту таназзули як ҷамъият – ҷамъияти феодалӣ ба миён омада бошад, дар асри ХХ шаклгирии навоварӣ давраи аз ҷамъияти буржуазӣ гузаштаро гирифтааст. Дар ин мақоми инкишофи ҷамъият рӯзгор на танҳо навоварии услубу симо, балки табдилёбии муҳтавои адабиро низ талаб менамуд. Бояд қайд кард, ки ҳанӯз пеш аз инқилоб шоирон услуби куҳнаро танқид намуда, адабиётро ба назми нав даъват мекарданд. Баъд аз инқилоб низ шоирони тараққипарвар, ватандӯст ва халқпарвар роҳи навро интихоб намуданд. Яке аз чунин шоирони навҷӯву навовар устод Лоҳутӣ мебошад.

Ҳангоме ки устод Айнӣ дар бораи ғазалҳои А. Лоҳутӣ сухан меронад, пеш аз ҳама, кӯшиш менамояд, ки навовариҳои ӯро муайян кунад. Устод бо як шавқу ҳаваси беандоза навовариҳои А. Лоҳутиро тарафдорӣ намуда, бо маслиҳатҳои худ мехоҳад ба ӯ ёрӣ расонад. С. Айнӣ аҳаммияти бузурги шеърҳои А. Лоҳутиро дар тараққиёти афкори иҷтимоии халқ ба хубӣ дарк менамуд. Ӯ кӯшиш мекунад, ки ғазалҳои А. Лоҳутӣ аз саҳву ғалат орӣ бошанд. Устод Айнӣ аз ғалатҳо огоҳ кардани А. Лоҳутиро вазифаи худ меҳисобид. Ӯ дар «Достони гул»-и А. Лоҳутӣ ба яке аз иштибоҳоти ӯ диққат дода, дар он маврид батафсил нуқтаи назари худро баён доштааст. Устод Айнӣ таърифу тавсиф ва мадҳгӯии шахсро дар шеър

намеписандид. А. Лоҳутӣ ба ин фикри ӯ розӣ мешавад. Аз ин рафтори А. Лоҳутӣ маълум мешавад, ки вай С. Айниро устоду маслиҳатчии хуби худ медонистааст.

Устод Айнӣ дар ашъори А. Лоҳутӣ на фақат бо бурдборию хунсардӣ сухан рондааст, балки дар айни замон дар бобати ғазалҳои А. Лоҳутӣ аз суханони вай шодиомезӣ, ҳаяҷонангезӣ, ҳарорати баланди шавқмандии ӯро эҳсос кардан мумкин аст, ки баъди мутолиаи онҳо аз таъсири шеърҳои А. Лоҳутӣ хонанда на фақат лаззат мегирад, балки як завқу ҳаяҷони руҳбахш дар дил пайдо мекунад.

Ҳаминро гуфтан лозим аст, ки яке аз мавзуъҳои марказии мукотиботи устод Айнӣ фикру мулоҳизаҳои ӯ доир ба анъана ва навовариҳо дар ашъори А. Лоҳутӣ мебошад. Устод Айнӣ дар се мактуби худ бевосита (11 феврали 1939, 12 марти 1939, 18 марти 1939) дар бораи ғазалҳои А. Лоҳутӣ доир ба анъана ва навоварӣ баёни ақида намудааст. Барои исботи ин ҳолат аз мукотиботи ин ду устоди бузург ёдовар мешавем ва мисол оварда хосият ва ҷузъҳои таркибии номаҳоро доир ба муҳарририи устод Айнӣ аз шеърҳои офаридаи А. Лоҳутиро изҳор мекунем. Устод Айнӣ аз 1 марти соли 1939 ба А. Лоҳутӣ мактуб навишта, ғазали навэҷодкардаи ӯро мефиристад ва мегӯяд: «Мактуби якуми март навиштаатонро бо шоҳғазал бо ин мактуби аз Звенигород фиристодаатон 8-уми моҳи март гирифтам. Ин ғазал, ки ман мислашро аз ин пеш надидаам, маро девона кард:

«Ин шеъри тару тоза зад оташ ба ниҳодам,
Дар даҳр чунин оби шарарбор кӣ дидаст»,

ки ман дида бошам. Хусусан байти савум –

«Ғайр аз дили ман шери ситамкаш, кӣ шунидаст?
Ҷуз чашми вай оҳуи ситамгор кӣ дидаст?» –

тамоман як эҷоз аст. Ситамкашии шерона ва ситамгории оҳувона, ки ҳардуи инҳо ҳам дида нашудаанд, муқобили якдигар афтода, аввалӣ ҳолати дили ошиқи шоирро ва дуюмӣ хусусияти чашми маъшуқи ӯро баён карда, як қиёмат барпо медоранд. Ин як қиёматест, ки пеш аз ин воқеъ нашудааст ва баъд аз ин воқеъ шуданаш ҳам (мисли қиёмати динӣ) мумкин нест.

«Чашмаш ба нигоҳи ғазаб аз ҳар тарафам тир,
Бар дил занад ин гуна тарафдор кӣ дидаст?»

Ин як мазмуни бикр аст, ки то ҳол касе тасарруф накардааст ва натавонистааст, ки тасарруф кунад» [23, с. 72-73].

Устод Айнӣ дар эҷодиёти А. Лоҳутӣ ба ду тарзи ғазалсароии ӯ диққат кардааст. Дар аввал тарзи анъанавӣ ва баъд дар баробари таҷрибаву маҳорати ӯ, навоварӣ, ки устодона ба таври равону ширин ворид намудааст. Устод ҳар банд ва байтҳои ӯро аз ҷиҳати услуб санҷида, фикрҳои тару тозаро мушоҳида мекунад ва ба шоир баҳои баландро бо суханони ҳаяҷоновари худ ҳадя мекунад. Аммо аз андешаҳои худ дар боби мисраъҳои баъдӣ канорачӯӣ накарда, барои ивази онҳо андешаашро гуфтааст.

Суханони устод Айнӣ қобилияту маҳорати шоирии А. Лоҳутиро бештар равшан менамуданд. Аз ҳамин сабаб, А. Лоҳутӣ истифодаи анъанаҳои классиконро бо қобилияту ҳунарнамоии худ кор фармуда, навовариҳои мақбулу писандида ба вуҷуд меоварду ба хонандагонаш пешкаш мекард. Устоди ғазал унвон гирифтани А. Лоҳутӣ аз тарафи устод Айнӣ дар номаҳо падидор аст. «Ҳам Айнӣ ва ҳам А. Лоҳутӣ, – қайд мекунад Ш. Раҳмонов, – шаклҳои анъанавиро дар мазмуни нави замонӣ мувофиқ карда шеър менавиштанд, ки дар он дохил хусусан ғазал ба мақоми баландтаре сазовор буд» [119, с. 63].

Воқеан, А. Лоҳутӣ дар ин ҷода низ бо ёрии устод Айнӣ комёб шудааст ва далели ин андеша дар мактубҳои онҳо возеҳу равшан акс ёфтааст. Аз ҷумла, дар мактубе, ки 12 марти соли 1939 ба А. Лоҳутӣ ирсол доштааст, оид ба хусусиятҳои поэтикӣ ва навоварии шоир дар мазмун чунин ифодаи андеша мекунад: «...Мо дар шеърҳои Шумо ғазалҳои равони ҳаяҷонбахшро бисёр хондаем. Аммо аҳаммияти хусусии ин ғазал дар он аст, ки бо тақлид кардани вазн, қофия ва услуби як ғазал тамоман мазмунҳои бикр суруда шудааст. Ин ғазали содаи равонбахшро ҷуз «саҳли мумтанеъ» гуфтан дигар таъбире намеёбам. Аммо ман аз баҳо додан ба ду байти охирини ин ғазал:

Ё чашми ту бар дилам рафиқ аст,
Ё шери сияҳ хатар надорад.
Ё бо дили хаста меҳрубон бош,
Ё ҷон биситон! Зарар надорад, –

оҷиз ҳастам. Инро ҳам бояд бигӯям, ки

Ё бар рухи ман намешавад боз,
Ё қалъаи бахт дар надорад, –

ҳарчанд аз ҷиҳати шеърият мисли ҳамқаторони худ дар пояи аълост ва ҳарчанд мутолаакунандагони холис мефаҳманд, ки гап дар бораи ишқ меравад, дар ин ғазал мувофиқ нест. Ин бояд дар қатори он байтҳое, ки барои ғазали ҷудогона мондаед, дароварда шавад, ё ки дар ҷойи калимаи «бахт» калимаи «васл» дароварда ба ин тариқа:

«Ё бар рухи ман намешавад боз,
Ё қалъаи васл дар надорад».

хонда шавад. Ва инчунин ба хотири ман мегузарад, ки агар байти

«Ё тири ту бигзарад ниҳонӣ,
Ё синаи дил сипар надорад.
Ё тири ту бигзарад ниҳонӣ,
Ё синаи ман сипар надорад».

мебуд, бо байтҳои болоии худ (бо таъбири тоҷикӣ) «беширеш мечаспид...» [23, с. 67-68].

Дар ин мактуб дар ғазали зикршудаи А. Лоҳутӣ устод Айнӣ танҳо ҷойи ду калимаро иваз мекунад ва як байти онро ҳам барои ғазалҳои дигари шоир мувофиқ донистааст. Устод Айнӣ навҷӯиву навпардозиро дар эҷоди ғазалҳои А. Лоҳутӣ мушоҳида намуда, ба маҳорати шоир баҳои баландро сазовор донистааст. Устод Айнӣ, ки назму насри классикии тоҷикро хеле хуб медонист, шеъри «Арзандатар аз ишқ»-и А. Лоҳутиро ба таъбиру баёни Абдурраҳмони Ҷомӣ

«саҳли мумтанеъ» номида, фикри худро равшан баён намуда мефармояд, ки дар афкори бархе аз мутафаккирони сӯфияи ислом калимаи ишқ сабаби хилқат гуфта шудааст, аз ин рӯ, бо вуҷуди хеле равон ва мавзун будани мисраи «Покиза бидораш, ки ба ҳастӣ сабаб аст ин» ба таҳрир муҳтоҷ мебошад. Бояд гуфт, ки А. Лоҳутӣ ин маслиҳатҳои устод Айниро бо дилу ҷон қабул мекунад.

Устод Айнӣ ҳам аз муваффақияти дӯсти худ хурсанд мешуд ва ҳам аз ғазалҳои баландмазмуни ӯ лаззат мебурду ба онҳо бо назари мунаққиди борикфаҳм ва нозуксанҷ менигарист.

С. Айнӣ дар номаҳояш доир ба ғазалҳои А. Лоҳутӣ андешаҳояшро баён мекард, онҳоро ба хушӣ қабул менамуду ба навовариҳои ғазалҳои дӯсташ баҳои баланд медод. Гуфтан бамаврид аст, ки ба ғазалҳои офаридаи А. Лоҳутӣ дигар адабиётшиносон низ баҳои баланд додаанд. Аз ҷумла шарқшиноси машҳури рус Е.Э. Бертелс аз навқаламон барои бештар ба муваффақиятҳо ноил шуданашон даъват менамояд, ки ба ашъори шоир ҳамчун намуна муроҷиат фармоянд ва бо се таъкиди худ маслиҳат медиҳад, ки: «Бояд ҳар шоири ҷавон ба эҷодиёти Лоҳутӣ бо чашми ибрат нигоҳ кунад, ғайр аз ин ҳеҷ роҳи дигаре наметавонад шоирро ба чунон ғалабаи дурахшон бирасонад. Ин роҳи мураккабест аз се нуқтаи аслӣ, ки тарки ҳар яке аз онҳо расидан ба мақсадро ғайримумкин хоҳад кард: ихлосмандӣ ба мақсади бузург, ки озодии тамоми ранҷбарони олам мебошад, таҳсил кардани доимӣ, кор кардан барои ҷомеаи худ ҳамроҳи ин ҷомеа. Ин аст сирри зиндагонии ҷовидонӣ ва ҷавонии безавол» [53, с. 3].

Аввалин шахсе, ки ба ғазалҳои А. Лоҳутӣ баҳои баландро сазовор донистааст, устод Айнӣ мебошад. Ӯ хидмати бузурги А. Лоҳутӣ ва ташаббусу саҳми шоистаи шоирро дар эҷоди ашъори инқилобӣ махсус таъкид карда, чунин гуфтааст: «Сазовор аст, ки таърих ба Лоҳутӣ хитоби «адиби сурх»-ро бахш намояд. Зеро мумиилайҳ аввалин касест, ки ба забони форсӣ шеърҳои ҳақиқатан инқилобӣ сурудааст» [19, с. 389].

С. Айнӣ достонҳои А. Лоҳутиро низ ба дараҷаи аъло бароварда, А. Лоҳутиро ба Саъдиву Ҷалолуддини Румӣ монанд кардааст. Шеъри ӯро «саъдиёна ва румиёнаи муосир» номидааст: «...Достонҳо Саъдиёна ва Ҷалолиддини

Румиёнаи советӣ аст, – мегӯяд устод Айнӣ, – Ҳарчанд мо онҳоро аз ҷиҳати услуб саъдиёна ва Ҷалолиддини румиёна мегӯем, аз ҷиҳати мазмунҳои бикр бериёёна мегӯем, ки онҳо ба гӯяндаи ин достон нахоҳанд расид. «Шамъи бино» – ин унвон ва исботи ин унвон бо мисоли ҳаётии ҳақиқӣ дар фикри ҳеҷ классик нарасида буд...» [23, с. 67].

Устод Айнӣ аз меҳри пурҷӯше, ки ба А. Лоҳутӣ дошт, дар ин ҷо муболиғаро ба кор бурда, ин шоҳкории ӯро аз эҷоди классикон арзишмандтар донистаст. Дар мактубҳояш, пеш аз ҳама, ба навовариҳои А. Лоҳутӣ диққат медод ва ҳамеша кӯшиш мекард, ки вазифаи муқаддаси худро иҷро намояду навовариҳои ӯро ҳимоя кунад, бо маслиҳатҳои худ дар эҷоди ғазалҳои нави ӯ кумак расонад.

Аз мутолааи мактуби А. Лоҳутӣ, ки 28 декабри соли 1938 ба устод Айнӣ навиштааст, маълум мегардад, ки А. Лоҳутӣ мунтазири танқиди устодаш буда, шеърашро, ҳамин ки эҷод кард, фавран ба С. Айнӣ фиристода хоҳиш мекунад, ки дар хусуси шеъраш фикрашро ба ӯ гӯяд: «Ман як шеър (138 мисраъ) навиштаам… Истидъо дорам, ки фикри худро дар ин бора ба банда бинависед, бисёр мамнун мешавам» [23, с. 60].

Устод Айнӣ ҳам хоҳиши шоири навҷӯю навпардозро, албатта, беҷавоб намемонад. Муваффақияту навпардозиҳои А. Лоҳутӣ барин як шоири машҳур ӯро хушнуду сарфароз мегардонад.

Аз ин номаҳо маълум мешавад, ки устод Айнӣ бо суханони ҳароратноки пурмеҳри худ дили А. Лоҳутиро ба шеъру ғазал гарм месохт ва ба ин восита дар дили ӯ қуввату тавоноии тозаро эҷод мекард. Гарчанде ки ғазалҳои А. Лоҳутӣ пурмазмун ва ҳаяҷонангез ҳам буданд, устод Айнӣ кӯшиш мекард, ки онҳо боз ҳам хубтар садо диҳанд. А. Лоҳутӣ устод Айниро устоди бемисл медонист, аз суханони устод Айнӣ А. Лоҳутӣ руҳбаланд мешуд. Ҳамкорӣ кардан бо устод Айнӣ барои А. Лоҳутӣ муҳим буд ва маслиҳатҳояшро гирифта, дар иншои шеъру ғазал аз ҷиҳати анъанаю навоварӣ фикрашро қавитар менамуд.

Мактубҳое, ки бо унвони А. Лоҳутӣ ирсол шудаанд, дурандешии устод Айниро дар хусуси эҷодиёти Лоҳутӣ нишон медиҳанд.

Устод Айнӣ барои дӯстону шогирдонаш вақти қиматбаҳои худро дареғ намедошт. Ҳарчанд ғазалҳои А. Лоҳутӣ аз ҷиҳати мазмун баланд ҳам буданд ва ҳарчанд устод Айнӣ онҳоро бо як муҳаббати беандоза қабул мекард, мулоҳизаву андешаҳояшро иброз мекард ва аз хурдагириҳои танқидӣ низ канорҷӯӣ наменамуд. «Айнӣ ҳар як ғазали А. Лоҳутиро бо хурсандӣ ва шодмонии тамом пешвоз мегирифт, – менависад Ш. Раҳмонов, – ба ҳаёту зиндагӣ чӣ дараҷа мувофиқ гуфта шудан, ба тарзи аъло ифода гардиданашро гоҳо байт ба байт таъкид менамуд. Ӯ баъзе ғазалҳои Лоҳутиро, ки бо самимияти беандоза ба ҳаёти навини сусиёлистӣ навишта шуда буданд, беназир медонист, ба таъкид қайд менамуд, ки ин ғазалҳо бо тамоми ҷиҳатҳои жанрии худ пеш аз ин воқеъ нашуда ва баъд аз ин воқеъ шуданашон мумкин нест» [119, с. 63].

Албатта, номаҳои устод Айнӣ ва А. Лоҳутӣ дарак медиҳанд, ки онҳо дар бораи фарҳанг, некандешӣ, илмдӯстӣ ва тамоми илмҳои забоншиносию адабиётшиносӣ маълумоти пурқимат додаанд, ки барои ҳар як шахси фарҳангдӯст ганҷинаи бебаҳо ба ҳисоб мераванд.

Умуман, дар мактубҳо фаъолияти адабиётшиносии С. Айнӣ серпаҳлу ва доманадор буда, масъалаҳои таърихи адабиёт, назарияи адабиёт, нақди адабӣ, забону услуб ва хусусан, анъана ва навоварӣ борикбинона мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд, ки аҳаммияти калони илмию амалиро доро мебошанд.

Номаҳои устод Айнӣ ва А. Лоҳутӣ собит месозанд, ки онҳо дорои мавзуву мундариҷаи муҳим буда, дар ин номаҳо фикру мулоҳизаҳо доир ба анъана ва навоварӣ аз ҳар ҷиҳат қобили таваҷҷуҳ мебошанд ва дар ин фасл андешаҳои устод Айнӣ оид ба ғазалҳои А. Лоҳутӣ, мазмуну шакл, маҳорати адабӣ ва анъанаю навовариҳои А. Лоҳутӣ дар ҷодаи ғазалсароӣ дида шуд.

Ҳамин тавр, дар номаҳо андешаҳои устод Айнӣ доир ба ашъори А. Лоҳутӣ дар ҷодаи ғазалсароӣ дар заминаи мабҳаси анъана ва навоварӣ таҳлил гардид, ки ин ҷиҳати масъала барои нақди адабӣ аҳаммияти калон дорад.

2.2. Мулоҳизаҳои С. Айнӣ оид ба мундариҷа ва шакли шеър

Шоирони бузургамон ҳамеша дар паю талоши он буданд, ки асар ва ё шеъри имрӯза эҷодшудаи онҳо нисбат ба дирӯза ҳам аз ҷиҳати мавзую мундариҷа ва ҳам мавзую шакл, забону услуб хубтару ҷолибтар ва як дараҷа баландтар бошад, то ки дар дили хонанда маскан гирад. Манзури мо аз ин қабил шоирон, адиби бузурги назм ва насри мо устод Айнӣ мебошад, ки аввалин шуда дар адабиёти навини тоҷику форс доир ба ин масъала тадқиқоти мукаммале бурдааст.

Дар системаи таълимоти адабӣ-эстетикии устод Айнӣ мундариҷа ва шакли шеър мавқеи калонро ишғол менамояд. Ӯ бо эҷодиёти шоирони классик аз солҳои кӯдакиаш шинос шуда, дар даврахои минбаъда онҳоро ҳарҷониба омӯхта, баъдан дар бораашон рисолаҳои алоҳидае низ навиштааст. Дар ин робита муносибати устод Айнӣ ба мундариҷа ва шакл, ғоя ва услуби эҷодиёти адибони гузашта ва муосир яке аз масъалаҳои бунёдӣ маҳсуб меёбад. Аз ин ҷиҳат, ақидаҳои устод Айнӣ дар бораи мундариҷа ва шакл, ғоя ва мазмуни шеър қимати калони илмию амалӣ доранд.

Мулоҳизаҳои устод Айнӣ доир ба мундариҷа ва шакли асари бадеӣ, мавзуъ ва ғоя дар мақола, тақриз, сарсухан ва асарҳои ҷудогонаи ӯ, ки солҳои 20-уму 50-ум таълиф кардааст, баён шудаанд. С. Айнӣ муҳимтарин хусусиятҳои ашъори симоҳои барҷастаи адабиёт, ба мисли устод Рӯдакӣ, Абулқосим Фирдавсӣ, Ибни Сино, Саъдии Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ, Сайидо, Абдулқодири Бедил, Аҳмади Дониш, Шамсиддини Шоҳин, Абдулқодирхоҷаи Савдо, Тошхоҷаи Асирӣ, Зуфархони Ҷавҳарӣ, Абулқосим Лоҳутӣ ва дигаронро аз ҷиҳати шакл ва мазмун таҳлилу баррасӣ ва доир ба ашъори онҳо фикру мулоҳизаҳои худро баён намудааст. Ӯ баъдан ба навқаламон низ роҳи дурустро нишон медиҳад, ки дар ин байн таваҷҷуҳи устод Айнӣ бештар дар ашъори А. Лоҳутӣ мебошад.

Мулоҳизаҳои устод Айнӣ дар бораи ғазалҳои Лоҳутӣ дар мактубҳояш акс ёфтаанд ва аз онҳо дармеёбем, ки шеърҳои А. Лоҳутӣ диққати устодро ба худ кашидааст. Ҳангоми шиносоӣ бо А. Лоҳутӣ дар вақти тартиби «Намунаи адабиёти тоҷик» устод Айнӣ шеърҳои ӯро дар китобаш ворид карда, ба ашъори ӯ

баҳои арзишнок дода буд. Минбаъд суҳбатҳои онҳо дар мактубҳо давом мекунанд.

Вақте ки аввалин маҷмуаи ашъори А. Лоҳутӣ бо номи «Адабиёти сурх» дар Тоҷикистон соли 1926 чоп мешавад, устод Айниро мазмуни баланди ин ашъор мафтун карда, ба завқ меорад ва менависад, ки «Мо дар соли 1923 дар як маҷмуае, ки дар Маскав ба шарафи соли шашуми Инқилоби Октябр нашр шуда буд, байти болоро хонда гӯяндаашро ба сифати адиби сурх шинохта будем» [10, с. 341]. Устод дар идомаи андешаи худ боз мефармояд: «Имрӯз як китобчаи ашъор аз осори қалами оташбори ин адиби номдор ба дасти мо афтод. Ин сифатро ба камолу тамом (ба шарти будани завқи адабӣ) дар «Адабиёти сурх»-и Лоҳутӣ ҳар кас меёбад». Устод Айнӣ А. Лоҳутиро ҳамчун шоири беҳамто медонист ва шеърҳои тоҷикистонии ӯ соли 1940 бо сарсухани худи С. Айнӣ ба табъ расида буд.

«Як сифати дигаре, ки мо дар «Адабиёти сурх»-и Лоҳутӣ мебинем, –мегӯяд устод Айнӣ, – мавзуи он аст. Мавзуи «Адабиёти сурх» сар то по ранҷбар, коргар, деҳқон, озодии занон ва духтарон, кӯбак, дос, каланд, муборизаи синфӣ ва монанди инҳост. Ба арбобаш маълум аст, ки аз ин қабил мавзуъҳои модариро шеър кардан, ҳам ҳақиқатан шеър кардан, илова бар иқтидори фавқулода самимияти комилеро талаб мекунанд» [10, с. 341].

Ба ақидаи устод Айнӣ шеъри воқеӣ як чизест, ки ба осонӣ ба кас фароҳам ва муҳайё намешавад. Барои навиштани чунин шеър ғайр аз ҳолати изтироби қалбию фикрӣ, инчунин самимият зарур аст. Шарти дигари устод Айнӣ барои навишта шудани шеъри ҳақиқӣ услуби ягонаю муайян ва амиқи худи муаллиф аст, ки ин сифотро устод дар ашъори А. Лоҳутӣ пай бурда буд. «Ба фикри муаллиф ин ду омил, – қайд мекунад Ш. Раҳмонов, – яъне самимият ва услуби шахсии муалиф дар шеър наомада бошад, шеър бо вуҷуди мазмуни баланд доштан сарду беруҳ шуда, шакли дурусти ифода низ нагирифта, ба кас таъсири амиқ (ҳаяҷони ҳақиқӣ) расонда наметавонад. Шеър умуман, маҷмуи ифодаҳоест, ки ягон ҷиҳати он номувофиқ ояд, гӯшхарош, дилбазан мешавад, ноҷӯр меояд, нуқсу иллат мегирад» [119, с. 46].

Устод Айнӣ бештар масъалаҳои мундарича ва шакли шеър, инчунин забону услуби онро яке аз асоситарин масъалаҳои адабиётшиносӣ меҳисобад. Ӯ ин масъаларо мавриди таҳқиқ қарор дода, қайд мекунад, ки А. Лоҳутӣ дар ҳалли онҳо бо мувафақиятҳои нодир ноил шудааст.

Барои дарки моҳияти ин қазия мо мухтасаран гуфтаҳои устод Айниро меорем. Масалан, устод Айнӣ қайд мекунад, ки «...шеърҳои Рӯдакӣ бисёр сода ва табиист ва дар болои ин, бисёр лаззатбахш ва ҳаяҷоновар аст. Мо дар шеърҳои ӯ тумтароқҳои шоирони дигарро намебинем, аммо аз хондани онҳо чунон лаззат мебарем, ки бо хондани бисёр шеърҳои шоирони дигар ин лаззат кам муяссар мешавад.

Агар мо шеърҳои Рӯдакиро «саҳли мумтанеъ» гӯем, мувофиқ меояд. «Саҳли мумтанеъ» чизест, ки дар дидан осон ва сода менамояд, аммо кардан ва ба вуҷуд овардани вай мумтанеъ, яъне номумкин аст. Бештарин шеърҳои Рӯдакӣ ҳамин хусусиятро доранд...» [4, с. 30].

Устод Айнӣ забони «Шоҳнома»-и безаволи Фирдавсиро низ аз содатарин ва софтарини забонҳои классикони Эрон номидааст. Аз ҷумла қайд мекунад: «Вазифаи мо, хонандагон, аз санъат, услуб, салосат ва забони ин устод... фоида бурдан аст. Ин забон ҳарчанд (чунон ки тазкиранависон мегӯянд) тамоман беарабӣ набошад ҳам, бо вуҷуди ин ки дар замони истилои араб бар Аҷам навишта шудааст, ба дараҷае ки беарабӣ гуфтан тавон, камарабист. Бештарини арабиҳои дар ин китоби бузург кор фармудашуда ҳам монанди ҳадя, аҳсан, ғам, навбат арабиҳои ба даруни форсӣ ҳазмшуда ё ин ки монанди малак, фалак, қазо, қадар исмҳои ба ҳар форсизабон фаҳмо мебошад. Ба ҳар ҳол, арабиҳои авомнофаҳмаш кам андар кам аст» [10, с. 43].

Устод Айнӣ Саъдии Шерозиро бошад, васеъкунандаи шакли шеъри форсӣ-тоҷикӣ номидааст. Масалан, мегӯяд: «То Саъдӣ дар шеъри форсӣ-тоҷикӣ ғазал як шакли алоҳида ҳисоб намеёфт. Дуруст аст, ки аввалин устоди шеъри тоҷикӣ Рӯдакӣ ғазалҳо навишта буд. Инчунин баъзе шоирони дигар ҳам ғазал гуфтаанд, ё дар аввали қасидаҳошон ба тарзи «тағаззул» ғазалсароӣ кардаанд. Лекин бо ҳамаи ин, то Саъдӣ ғазал рукни асосии куллиёти осори як шоир ҳисоб наёфтааст.

Ҳарчанд Саної, Хоқонӣ, Ҷалолиддин ва Камолиддини Исфаҳонӣ барин шоирон ба дараҷае ки девон гуфта шавад, ғазал гуфта бошанд ҳам, ғазалҳои онҳо бештарин аз ҷиҳати мазмун характери қасидагӣ ва қитъагӣ дошт ва дар ҳар ҳол шарафи эҷоди ғазалҳое, ки аз байтҳои гуногунмазмун таркиб ёфта бошанд, ба Саъдӣ махсус аст» [9, с. 114-115].

Устод Айнӣ боз қайд мекунад, ки «шакли муламмаъ ҳам, ки ин шаклро дар адабиёти тоҷик «ширу шакар» меноманд, аз ихтироъҳои Саъдӣ аст. Саъдӣ азбаски забони арабиро хуб медонист, мисраъҳо ё байтҳои арабиро бо мисраъ ва байтҳои форсӣ-тоҷикӣ омехта ин шаклро ба вуҷуд овардааст (шоирҳои замони охири тоҷик мисраъҳои ӯзбекиро бо мисраъҳои тоҷикӣ омехта муламмаъ – ширу шакар сохтаанд).

Шакли тарҷеъбанди Саъдӣ ҳам як хусусияти алоҳида дорад, ки пасояндагони ӯ ин шаклро ба сифати як шакли марғуби дилчасп қабул намудаанд» [9, с. 115].

Устод Айнӣ ҳанӯз падид омадани ҷиҳатҳои шакл ва мазмуни ашъори адибони классикро, аз қабили Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Камоли Хуҷандӣ, Ҳофизу Бедил, Ҷомию Навої ва дигарон мушоҳида намуда, дар «Намунаи адабиёти тоҷик» таҳлилу барассӣ намудааст. Ӯ дар шинохт ва таснифи назми тоҷикӣ, чӣ дар мазмун ва чӣ дар шакл, кори тозае анҷом додааст. Ӯ барои навқаламон вазифаи муқаддаси роҳнаморо иҷро менамуд ва дар хусуси мундариҷа ва шакли шеър фикри худро дар як номааш ба Ҷалол Икромӣ низ чунин баён менамояд: «...Агар он асар як асари шеърӣ бошад, ин талаб ва лузум боз ҳам қатъитар ва пурзӯртар мешавад, зеро дар асари шеърӣ роли калонро на танҳо мундариҷа, балки ба чӣ тарз ифода шудани он мундариҷа бозӣ мекунад. Бино бар ин, Горкий мегӯяд: Он муҳим нест, ки чӣ гуфтааст, балки он муҳим аст, ки ба чӣ тарз гуфтааст» [7, с. 46].

Устод Айнӣ ҳангоми хондан ва таҳлил намудани шеърҳои адибон, аз як тараф, ба ғояву шакл ва услубу мундариҷаи онҳо аҳаммияти ҷиддӣ медод ва аз тарафи дигар, ҷиҳатҳои пешқадами шеърҳои онҳоро нишон медиҳад. Ӯ ҳамчун донишманди баркамол, фикру мулоҳизаҳои худро доир ба эҷодиёти шоирони

муосир низ ҳамчун мураббӣ баён мекунаду дар ин ҷода онҳоро роҳнамоӣ менамояд ва ҳар шеъри тозаэҷоди онҳоро аз ҷиҳати мавзуву мундариҷа ва шакли онҳо дида мебарояд, ки яке аз инҳо А. Лоҳутӣ мебошад. Дар ин фасли кор, пеш аз ҳама, ба масъалаи баҳо додан ба мазмуни шеърҳои А. Лоҳутӣ аз тарафи устод Айнӣ таваҷҷуҳ карда мешавад. Шеърҳои А. Лоҳутӣ бисёр баландмазмун буданд ва ин шеърҳои навоваронаи ӯ устод Айниро ба ваҷд меовард. Аслан, яке аз хидматҳои А. Лоҳутӣ навоварӣ дар шакл ва мазмуни адабиёти нави тоҷик мебошад.

А. Лоҳутӣ, ки аз хурдӣ бадоҳатан шеър мегуфт, бо вуҷуди ин, пеш аз он ки шеърашро манзури хонанда гардонад, аввал ба устод Айнӣ мефиристод.

А. Лоҳутӣ мувофиқи шаклҳои анъанавӣ дар мазмуни нави замонавӣ шеър менавишт ва устод низ чунин равиши эҷодии ӯро меписандид. Мазмунҳои баланде, ки воқеиятро, ҳақиқати ҳаётро дар худ таҷассум кардаанд, устод Айнӣ аз ашъори А. Лоҳутӣ дарёфт менамояд.

Устод дар чунин номаҳо достонҳои А. Лоҳутиро «Саъдиёна ва Ҷалолиддини румиёнаи советӣ» ном бурдааст ва агарчи муболиғаомез ин достонҳоро аз шеъри «саъдиёна» ва «румиёна» болотар дониста бошад ҳам, аммо дарвоқеъ, нисбат ба мазмунҳои тару тоза доштани ин достонҳо иблоғе накардааст.

Устод Айнӣ дар хусуси ашъори А. Лоҳутӣ сухан ронда, иброз медорад, ки «Мо дар шеърҳои Шумо ғазалҳои равони ҳаяҷонбахшро бисёр хондаем. Аммо аҳаммияти хусусии ин ғазал дар он аст, ки бо таҡлид кардани вазн, ҡофия ва услуби як ғазал тамоман мазмунҳои бикр суруда шудааст. Ин ғазали содаи равонбахшро ҷуз «саҳли мумтанеъ» гуфтан дигар таъбире намеёбам [23, с. 66-67].

Чунон ки дида шуд, С. Айнӣ дар ин мактуб дар шаклу услуби маъмулӣ бо маҳорати баланд ифода карда тавонистани мазмуни баланд, мундариҷаи аниқ аз тарафи А. Лоҳутиро махсус таъкид кардааст. С. Айнӣ шеърҳои А. Лоҳутиро дорои моҳияти амиқ ва мазмуни баланд меҳисобад ва ӯро ба Саъдию Ҷалолиддини Румӣ монанд мекунад. Илова бар ин, баъзе ислоҳу иловаҳоро низ барои дурусттар шудани шакл ва мундариҷаи шеърҳои ӯ зарур мешуморад.

Устод Айнӣ дар баробари мавзую мундариҷаи баланду олӣ, тадқиқи услуб, жанрҳои шеър, хусусиятҳои маҷмуи дохилии шеърро яке аз масъалаҳои муҳимми касби шоирӣ меҳисобад ва ба ин масъалаҳо диққати ҷиддӣ медиҳад.

Дар мактуби 12 марти соли 1939 ба мушоҳида мерасад, ки чанде аз байтҳои ғазали А. Лоҳутӣ, аз ҷумла мисраъҳои «шоҳғазал»-и ӯ, устод Айниро ба қавли худаш «девона» кардааст. Устод бо як паёми саршор аз эҳсос менависад, ки: «Ин як қиёматест, ки пеш аз ин воқеъ нашудааст ва баъд аз ин воқеъ шуданаш ҳам (мисли қиёмати динӣ) мумкин нест» [23, с. 72-73].

Устод Айнӣ дар ғазали «Кӣ дидаст?» навовариҳоро мушоҳида мекунад ва муътақид аст, ки то кунун касе ба маънии

«Кораш ҳама ноз аст, чунин ёр кӣ дидаст?
Нозаш ҳама бо мост, чунин кор кӣ дидаст?» [23, с. 72-73].

байте нагуфтааст ва албатта, ин байтро барои матлаи шеър муносиб донистааст.

Лекин фикри худро дар бобати мисраи дуюм каме тағйир дода мегӯяд: «Нозаш ҳама бо мост…», «Нозаш ҳама кор аст…» мебуд, илова бар он ки сар то пойи матлаъ «породукс»-и пурра мегардид, як тозагии дигар ҳам пайдо мекард. Нози маҳбуби А. Лоҳутӣ ҳам бояд бар хилофи нози маҳбубони дигар ҳама кор бошад» [23, с. 72-73].

Ба ин тариқ, андешаҳои устод Айнӣ доир ба мавзуъ ва мундариҷаи ашъори А. Лоҳутӣ аз ҳар ҷиҳат арзишманд буда, аҳаммияти калони илмию амалӣ доранд. Устод Айнӣ дар шеърҳои А. Лоҳутӣ тағйирот кам ворид менамуд, аммо ба ҳар як банди шеърҳои ӯ диққат дода, шакл ва мазмунҳои амиқро эҳсос намуда, бо маслиҳатҳои худ мавзуъ ва ғояи шеърҳои ӯро хеле бой гардонидааст.

Устод Айнӣ дар номае аз 11 феврали соли 1939 менависад: «Шеърҳои шумо бо дастхатҳои худатон дар архиви ман будан ва барои тамҷиди хотир ҳамеша тайёр истодан (ашон) барои ман як фахр, як шараф ва як гавҳари гаронбаҳост» [23, с. 66].

Устод Айнӣ тамоми нозукиҳои ҳунари адабиву эҷодиро дар мактубҳояш ба А. Лоҳутӣ иброз доштааст. Аз ин ҷост, ки А. Лоҳутӣ сабаку маслиҳатҳои ин адиби соҳибтаҷрибаро сармашқи кори эҷодӣ қарор додааст.

Муҳимтарин хосияти мактубҳои устод Айнӣ бештар дар он аст, ки андешаҳои ӯ на фақат ба осори А. Лоҳутӣ арзиши калон доштанд, балки барои афзудани завқи бадеӣ ва барои қувват гирифтани шавқи дигарон низ нисбат ба адабиёт ёрии калон мерасонад. Ақидаҳои адабию эстетикие, ки устод Айнӣ дар мукотиботаш ба А. Лоҳутӣ иброз доштааст, на танҳо паҳлуҳои гуногуни эҷодиёти ин шоири бузурги инқилобӣ ва навоварро равшан мекунад, балки барои таҳқиқи муҳимтарин масъалаву муаммо ва самту тамоюлҳои инкишофи таърихи адабиёти нави тоҷик кумаки беандоза менамояд.

Аз давраи пайдоишаш мавқеъ ва нақши шеъру шоирӣ дар адабиёти тоҷику форс асоси назарияҳои адабӣ ва бадеии мунаққидонро ташкил медиҳад. Яке аз манбаъҳои муҳим барои муайян кардани назариёти устод Айнӣ нисбат ба шеъру шоирӣ мукотиботи ӯ бо дӯстону шогирдонаш мебошад. Аз мактубҳо аён аст, ки дар аксар фурсат аз тарафи устод фикрҳое баён карда мешаванд, ки ҳанӯз ба дараҷаи пажӯҳиши алоҳида такмил нашудаанд, вале баёнгари афкори нависанда мебошанд. Устод Айнӣ ба арсаи адабиёт аз соли 1895 бо тахаллуси маъруфи «Айнӣ» шеърҳо ба вуҷуд овард, ки то ҳозир ва бо ҳамин ном дар адабиёт шуҳрат ёфтааст. Устод Айнӣ аввалин бор бо шеърҳои худ ба майдони адабиёт қадам ниҳода ва маҳсулу самараи адабии ӯ пеш аз инқилоб моҳиятан аз назм иборат аст. Фаъолияти шоирии устод ба айёми таҳсил дар Бухоро тааллуқ дорад. «Сифлӣ», «Муҳтоҷӣ» ва «Ҷунунӣ» ибтидои лақабҳои устод Айнӣ бошанд ҳам, аз сабаби шогирдона будани онҳо ва камбудии онҳо аз ҷиҳати шаклу мазмун, устод дар ҳамон давра онҳоро аз байн бурдааст ва ба ҳамин далел ягон шеъри устод бо чунин тахаллусҳо то замони мо омада нарасидааст.

Агар дар дили устод Айнӣ ҳисси хуби шеъру шоириро Ҳабиба, Тӯтапошо ва Ҳайрат бедор карда бошад, нахустин шахсе, ки дар кӯдакии устод роҳи ӯро дар ин ҷода равшантар намуду оташи сӯзони ин ҳунарро дар дили ҷавони шеърдӯст ҷой дода буд, ин падараш Сайид Муродхоҷа мебошад. Устод Айнӣ дар

«Ёддоштҳо» сухани падарашро чунин зикр мекунад: «Шоир шуданат мумкин аст, лекин барои ин шеърҳои шоирони калонро бисёртар хонданат, ёд карданат ва навишта гирифтанат ва бо шоирҳои калон ҳамсуҳбат шуда, аз онҳо омӯхтанат лозим аст. Ҳоло ки ту хурдсол ҳастӣ, вазифаи ту дарс хондан, шеър хондан, шеър ёд карда ва шеър навишта гирифтан аст. Ҳоло ба фикри шеъргӯӣ худро овора накун» [16, с. 97].

Дар мактубҳояш устод Айнӣ бештар ба адибони тоҷик – А. Лоҳутӣ, М. Турсунзода, Ҷ. Икромӣ, С. Улуғзода, К. Айнӣ, Н. Шанбезода, А. Деҳотӣ ва дигарон як силсила ақидаҳояшро доир ба шеъру шоирӣ баён кардааст, ки ифодагари нуқтаи назари ӯ оид ба чигунагии каломии мавзун ва мақому ҷойгоҳи он мебошанд. Устод Айнӣ дар номаҳояш доир ба ҳама гуна мавзуъҳои адабию фарҳангӣ бо шогирдону дӯстонаш изҳори ақида кардааст. Алалхусус фикру андешаҳои устод Айнӣ дар мактубҳояш ба А. Лоҳутӣ аз ҳар ҷиҳат бағоят қобили таваҷҷуҳ мебошад.

«Садриддин Айнӣ, – хотиррасон кардааст Ш. Ҳусейнзода, – нисбат ба нависанда ва арбоби санъати мо бо як меҳрубонии махсус рафтор мекунад. Вай муваффақияти эҷодии ҳар як нависандаро муваффақияти тамоми адабиёти советӣ мешуморад. Ҳар гоҳ ягон норасоӣ дар кори эҷодии ин ё он нависанда содир гардад, онро ҳамчун рахнае дар фронти адабиёти советӣ медонад» [135, с. 171].

Устод Айнӣ дар эҷодиёти А. Лоҳутӣ доир ба масъалаҳои муҳимми шеъру шоирӣ, мундариҷа ва шакл, забону услуб ва навовариҳои ӯ сухан ронда, намунаҳои беҳтаринро интихоб намуда, барои сайқали маҳорат ва такмили ҳунари шоирии дӯсташ хидмати шоистаеро анҷом додааст.

Мулоҳизаҳои устод Айнӣ доир ба ҳунари нигорандагӣ, забону услуб, шеъру шоирӣ ва умуман оид ба бадеиёти ашъори А. Лоҳутӣ низ хеле ҷиддиву пурвусъат ва аз ҳар ҷиҳат арзишманд мебошанд. Пеш аз таҳлил намудани мактубҳои устодон доир ба мавзуъ мо ин ҷо каме ба ақидаҳои гузаштагон доир ба шеъру шоирӣ истода мегузарем.

Вақте ки сухан дар бораи шеъру шоирӣ меравад, фикру ақидаҳои донишмандони гузашта ва ҳозираро оид ба чигунагии шеър ва кӣ будани шоир

зикр кардан бамаврид аст. Ин масъала дар тӯли таърихи дуру дарози адабиёти тоҷику форс ва халқҳои дигар ҳама вақт дар мадди назари донишмандон будааст. Аз ҷумла Афлотун дар «Ҷумҳур» дар мавриди ҷиддияти таъсири шеър ба руҳи инсон ва умуман кори шоирӣ сухан карда, фармудааст: «Боре мо инро фаҳмидаем, ки набояд ҳунари шоирро ба тасаввури он ки бо баёни ҳақиқат сару кор дорад ба ҷидд гирифт, балки ҳар кас, ки бо шеър гӯш диҳад, бояд муроқиб бошад, ки аз ин раҳ латмае ба саломатии нафси вай ворид наёяд ва бояд он чиро, ки дар бораи шеър гуфтем, дар ҳукми қонун дониста ва риоят кунад» [20, с. 275-276].

Дар «Ал-муъҷам»-и Шамс Қайси Розӣ бошад, доир ба шеър, моҳият ва чигунагии он низ андешаи зерин баён шудааст: «Бидон, ки шеър дар асли луғат дониш аст ва идроки маъноӣ ба ҳадаси соиб ва андешаю истидлолрост (бурҳонрост) ва аз рӯйи истилоҳ суханест андешида, мураттиби маънавии мавзун, мутакаррири (такрорёбандаи) мутасовӣ (ба ҳам баробар), ҳуруфи охирини он ба якдигар монанда. Ва дар ҳад гуфтаанд сухани мураттаби маънавӣ, то фарқ бошад миёни шеър ва ҳазёну (сухани бемаза) каломи номураттаби бемаънӣ» [27, с. 164].

Ибни Сино шеъри комилро, ки пешравандаи хаёлот ва дорои вазну соҳиби қофияи муносиб бошад, таъсирбахши нафсҳо гуфтааст. Ӯ аз ҷумла мефармояд: «Шеър он гоҳ шеъри комил мешавад, ки агар бо муқаддимоти мухайила буда, дорои вазне, ки соҳиби қофияи мутаносиб бошад. Дар ин дам шеър дар нафсҳо таъсироти тезтарин медорад. Зеро ки нафсҳо бар он чи ки таркибашон мунтазам ва оҳангдор бошад, майл мекунанд» [125, с. 243]. Ва дар ҷойи дигар шоиронро табиби руҳ ва табибонро парасторони тан гуфтааст, ба ин маънӣ: «Шоирон амирони забонанду табибон бошанд, подшоҳони бадананд. Яке руҳро ба фасоҳати калом ҳаловат бахшида, дигаре танро бо парасторӣ табобат мекунад» [125, с. 254].

Ба ақидаи адабиётшинос Х. Шарифзода, «шеър ҳамчун баёни шавқи одамӣ бояд рӯй бар осмони маънавӣ дошта бошад» [140, с. 97].

Ҳисси оҳанг ва вазни шеърро адабиётшинос Р. Ваҳҳобзода, ки дар ҳафтаномаи «Адабиёт ва санъат» силсилаи мақолаҳои муаллиф бо унвони «Шеър

ва дониш» ҳақиқати ин мавзуъро аз классикон то муосирон ва шоирони давраи Истиқлол таҳқиқ кардааст, азалӣ медонад. Махусусан ҷое қайд мекунад, ки «дар вуҷуди инсонҳо ва ҳатто баъзе ҷонварон ва назар ба ёфтаҳои охирини илм, наботот ин ғариза (инстинкт) ҷой дорад ва ҳама ҷаҳони ҳастиро ба навъе фаро мегирад, ки он зуҳури падидаи дигари ҷомеътар ва фарогиртар бо номи «таносуб» мебошад. Ба иборати дигар, вазн таносуб дар садо мебошад» [60, с. 4]. Дар идома ҳунари шоирро аз тарафи хонандае, ки ба худ таъсири амиқ аз шеъри шоир гирифтааст, тавонотару қувватнок мешуморад ва давом дода қайд мекунад, ки «муштарак будани ғариза миёни шоир ва хонанда боиси хуш пазируфта шудани зарофаткориҳои шоир дар вазни шеър мегардад. Бадеҳист, ки ин ғариза дар шоир нерумандтар аст ва ӯ аз ин тариқ ба хонандаи худ ғизои бештари маънавӣ медиҳад» [60, с.4].

Ба ақидаи устод Айнӣ шеъри ҳақиқӣ он аст, ки ба хонанда ва шунаванда ҳаяҷони ҳақиқӣ бахшад.

Устод Айнӣ шеърҳои эҷодкардаи А. Лоҳутиро хонда, ҳам муваффақият ва ҳам баъзе камбудҳои онҳоро ба назар гирифта, калимаҳои муносибро дар онҳо ҷой медод ва агар шеърҳо аз назари устод дуруст мебуданд, пас аз он А. Лоҳутӣ барои идомаи шеъраш мепардохт. Андешаҳои С. Айнӣ чун адиби борикфаҳм барои ӯ арзиши баланд доштанд ва устод Айнӣ аввалин мунаққиди бисёр шеърҳои А. Лоҳутӣ низ ба ҳисоб меравад.

Акнун мегузарем ба таҳлили номаҳо, ки чӣ гуна шеърҳои А. Лоҳутӣ аз тарафи устод Айнӣ таҳрир шудаанд ва назари устод Айнӣ ба ҳунари шоирии А. Лоҳутӣ чӣ гуна аст.

Вақте ки мактубҳоро мутолиа мекунем, ҳаминро хубтар мушоҳида мекунем, ки доир ба шеърҳои А. Лоҳутӣ устод Айнӣ бо ҳаяҷон баҳои баланд додааст ва ӯро барои идома додани шеърҳяш илҳом мебахшидааст. А. Лоҳутӣ ин шеърҳоро пурра карда, боз ба устод мефиристодааст. Масалан, устод Айнӣ дар ҷавоби яке аз мактуби ӯ арзиши ҳунари шоирии А. Лоҳутиро қадр карда, сифати хоси ғазали «Ҷуз ишқ ҷаҳон ҳунар надорад»-ро «саҳли мумтанеъ» гуфта, ба қавли худаш «дигар таъбире» наёфтааст.

Ё чашми ту бар дилам рафиқ аст,
Ё шери сияҳ хатар надорад.
Ё бо дили хаста меҳрубон бош,
Ё ҷон биситон, зарар надорад.
Ё бар рухи ман намешавад боз,
Ё қалъаи бахт дар надорад.

Байти охири овардашударо дар давоми дигар мисраъҳои болоӣ гуфта бошад ҳам, аммо худаш онро мувофиқи байтҳои дигари ғазали алоҳидааш донистааст.

Устод Айнӣ фикри худашро дар бобати байти зерини шоир чунин гуфтааст:

«Ё тири ту бигзарад ниҳонӣ,
Ё сина дил сипар надорад».

«Ё тири ту бигзарад ниҳонӣ,
Ё синаи ман сипар надорад» мебуд, бо байтҳои болоии худ (бо таъбири тоҷикӣ) бе ширеш мечаспид» [23, с. 67-68].

Устод Айнӣ дар мактубҳояш ба А. Лоҳутӣ роҷеъ ба шеърҳои ӯ изҳори ақида намуда, онҳоро хуш қабул мекардааст ва каму беш ба онҳо тағйирот дохил мекард. Ӯ дар ин шеъри А. Лоҳутӣ ислоҳу иловаҳои зиёд надорад, танҳо дар ду байти он ду калимаро иваз намуда, дар ҷойи калимаи «бахт» калимаи «васл» ва дар ҷойи калимаи «дил» калимаи «ман»-ро гузоштааст.

Устод Айнӣ ҳар як шеъри А. Лоҳутиро бо шодмонию хуррамии беандоза пешвоз мегирифт, аз он ба ваҷд меомад, ки то чӣ дараҷа мутобиқ ба ҳаёт гуфта шудааст ва ба тарзи аъло баён карданашонро гоҳо байт ба байт аниқ менамуд. С. Айнӣ нисбати ҳунари шоирии А. Лоҳутӣ муҳаббат ва дилбастагии бепоён, ки дошт, шеърҳои А. Лоҳутиро аз лиҳози мавзуъ ва маҳорати адабӣ беназир медонист ва бо таъкид қайд менамуд, ки ин ғазалҳо бо тамоми ҷиҳатҳои жанрии худ пеш аз ин воқеъ нашуда ва баъд аз ин воқеъ шуданашон ҳам мумкин нест.

Андешаҳои устод Айнӣ оид ба мавзуву мундариҷаи ашъори шоир хеле хуб ба назар мерасанд. « Айнӣ, – ҷойи дигар боз қайд мекунад Ш. Раҳмонов, – шеъри ҳақиқиро дар таъсири ба омма, аҳаммияти иҷтимоиашро қайд ва хотирасон мекард» [119, с. 47].

Устод Айнӣ, ки бештар дар номаҳояш бо А. Лоҳутӣ аз хусуси шеъру шоирӣ сухан рондааст, ҳар шеъри эҷодкардаи ӯро аз назар мегузаронид. Номаҳои устод Айнӣ ба А. Лоҳутӣ ва дигар адибони ҷавон аҳаммияти муҳимми таърихӣ ва адабӣ доранд. Ба шоирони тоҷик на танҳо осори С. Айнӣ, балки шахсияти ӯ таъсири амиқ мерасонад. Чунончӣ, таъсире, ки осор ва шахсияти С. Айнӣ ба устоди назми инқилобии Шарқ А. Лоҳутӣ бахшидааст, ҳамин гуна мебошад. Ин классикони адабиёти шуравии тоҷик на танҳо дӯстони қадрдону қадршинос, балки устоду шогирди ҳамдигар низ буданд.

Устод Айнӣ эҳтиромӣ худро дар дил ба шахсият ва эҷодиёти А. Лоҳутӣ бо як муҳаббати беандоза мепарварид ва баҳои баландро барои шоири инқилобӣ сазовор медонист, ки ин ҷиҳатҳо бештар дар мактубҳояшон ба чашм мерасанд.

«Шоир, – менависад С. Айнӣ дар як мактуби ба А. Деҳотӣ фиристодааш, – бояд дар иншо кардани шеъре на танҳо робитаи сар то пойи шеърро, на танҳо ҳар банд ё байт ва ё мисраъро мулоҳиза намояд ва дар болояш кор кунад, дар айни замон бояд ҳар калимаи ҷудогонаро ҷудо-ҷудо аз назар гузаронад ва робитаи маънавӣ ва оҳанги лафзии онро ба мулоҳиза гирад, на танҳо як бор, балки борҳо ин корро такрор намояд. Дар он сурат шеър нағз мешавад, шоир пеш меравад, қобилияти шоириаш ба камол мерасад, дар охир маллакаи шеъриа пайдо карда, мисли Лоҳутӣ бе ҳеҷ душворӣ сеҳрҳо, эҳҷозҳо ба вуҷуд оварда метавонад» [17, с. 187].

Бояд гуфт, ки мактубҳои устод Айнӣ ва А. Лоҳутӣ маводест, ки дар онҳо вобаста ба ин ё он рӯйдод нависандагонаш изҳори ақида намуда ва дар айни замон нуқтаи назари худро ба нуқтаи назари ҷамъият мувофиқ гардонидаанд. Чӣ тавре ки маълум аст, мактуб нуқтаи назари як шахс доир ба зиндагӣ ё паҳлуҳои гуногуни он, муаммоҳои ҳаёт, ҷамъият ва давлат мебошад. Дар мактубҳои нависанда бошад, умдатарин маълумот дар бораи эҷоди нависандагон ҷой дорад ва аз бурду бохти онҳо доир ба шеъру шоирӣ изҳори ақида карда мешавад.

Бинобар ин, бо боварии комил гуфтан мумкин аст, ки мактубҳои нависандагон, алалхусус мукотиботи С. Айнӣ ва А. Лоҳутӣ як навъ ҳисоботи эҷодии ин ду шоҳсутуни адабиёт ба хонандагон мебошад. Дар мактубҳои С. Айнӣ ва А Лоҳутӣ фикру мулоҳизаҳои онҳо доир ба шеъру шоирӣ, нақши он дар тарбияи завқи эстетикии одамон ифода ёфтааст, ки наслҳои нави адабиётшиносон аз фикру мулоҳизаои онҳо чун роҳнамои боарзиш истифода мебаранд.

2.3. Масъалаҳои омӯзиши мероси адабӣ ва таъини ҳуқуқи тоҷикон ба осори адабии гузашта

Яке аз нишондодҳои назариявӣ ва амалӣ дар номаҳои устод Айнӣ, ки ба тақдири мероси адабии тоҷикон дахл дорад, масъалаи омӯзиши мероси адабӣ ва муайян намудани ҳуқуқи тоҷикон ба мероси гузаштаи худ мебошад. Ин хидмати таърихии устод Айниро барои ҳалли қазияе, ки дар асри гузашта воқеан тақдирсоз буд, дар ин фасли кор мавриди пажӯҳиш қарор додем.

Бояд гуфт, ки масъалаи мероси адабӣ яке аз масъалаҳои муҳимтарини адабиётшиносии солҳои 20-ум то солҳои 40 – 50-уми асри ХХ ба ҳисоб мерафт, ки ин масъала на танҳо дар Тоҷикистон, балки дар ҷумҳуриҳои дигари Иттиҳоди Шуравӣ, хусусан дар ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна масъалаи ниҳоят муҳим ба ҳисоб мерафт. Баъд аз Инқилоби Октябр ақидае ба миён омада буд, ки онро пролеткулт (пролетарская культура), яъне маданияти пролетарӣ меномиданд. Барои равшан кардани ин матлаб мактуби В.И. Ленин ба Комитети Марказии РКП (б) қобили таваҷҷуҳ мебошад. В.И. Ленин зимнан доир ба масъалаи маданияти пролетарӣ дар съезди сеюми комсомол (соли 1920) нутқ эрод карда, аз ҷумла мегӯяд, ки «Маданияти пролетарӣ як чизи аз ҷойи номаълум ҷаҳида баромадагӣ нест, гапи аз худ бофтаву сохтаи одамоне нест, ки худро мутахассисони соҳаи маданияти пролетарӣ меноманд. Ин ҳама саросар сафсата аст. Маданияти пролетарӣ бояд тараққии қонунии ҳамон захираҳои дониш бошад, ки инсоният онҳоро дар зери зулми ҷамъияти ғуломдорӣ, помешикӣ ва капиталистӣ ҳосил кардааст» [82, с. 19-20].

Яъне тамоми пешравиҳои ба даст овардаи инсоният дар муддати 2500 соли тараққиёт маҷмуи ҳамин ақидаҳост, ки маданияти пролетариро ташкил медиҳад.

Салбӣ будани мероси адабии гузашта, таъсири хисорати пролеткулт ҳисобида мешуд. Ҷонибдорони маданияти пролетарӣ тамоми мероси маданиву адабии гузаштаро инкор мекарданд. Дар ҳамин гуна вазъият бузургтарин намояндагони адабиёти гузашта, аз қабили Саноии Ғазнавӣ, Фаридаддуни Аттор, Ҷалолиддини Балхӣ, Аҳмади Ғазолӣ, Бедил ва дигарон на танҳо омӯхта намешуданд, балки дар китобҳои мактабҳои миёна ҷариб то солҳои ҳаштодум ворид набуданд. Дар ибтидои роҳи дурусти муносибат ба мероси адабии гузашта устод Айнию А. Лоҳутӣ ва шогирдони онҳо меистоданд.

Ҳамаи адибони гузашта дар он замон ба эрониён нисбат дода мешуданд. Андешаҳо мухталиф буданд, сароғози мероси адабии тоҷикиро мутобиқ ба асри XV медонистанд ва баъзеҳо ақида доштанд, ки адабиёти тоҷик аз асри XIX шуруъ шудааст. Лекин устод Айнӣ ва А. Лоҳутӣ дар ҳамин ақида буданд ва ҳамин гуна равияро пайгирӣ мекарданд, ки адабиёти тоҷик давраи аз асри IX-X оғоз мегардад. Бо вуҷуди ин, то соли 1940 Низомӣ, Умари Хайём, Саъдӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Абдурраҳмони Ҷомӣ, ки сирф ба эрониён нисбат дода мешуданд, дар китобҳои мактабҳои миёна аз онҳо чизе гуфта намешуд.

Аммо соли 1940 «Намунаҳои адабиёти тоҷик» ном китобе бо хатти лотинӣ матраҳ гардид ва масъалаи таърихи адабиёти тоҷик аз ҷиҳати илмӣ, таърихӣ, адабӣ асоснок карда шуд. Бо вуҷуди ин, баҳсу мунозираҳо дар доираҳои Маскаву Ленинград низ давом мекунанд, баъдан дар давраи бозсозӣ (демократия) аз соли 1985 то соли 1991 муносибат ба мероси адабии гузашта дигар мешавад. Устод Айнӣ аз солҳои бистум бисёр бо қатъияту ҷиддият ва устуворона дар ҳамин роҳ меистад ва ҳуқуқи тоҷиконро ба мероси адабии гузашта аз нигоҳи илмӣ дуруст муайян мекунад.

Адабиётшинос А. Маҳмадаминов қайд карда мегузарад, ки «Дар вобастагӣ бо ниёзҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ ва адабии халқи тоҷик дар солҳои 20-ум Айнӣ дар «Намунаи адабиёти тоҷик» аз ҳама пештар сари чор масъалаи бунёдии рӯз боз истодааст. Он масъалаҳо инҳоянд: а) исботи мавҷудияти таърихии халқи

тоҷик ва забону адабиёти он; б) тарғиби омӯзиши мероси адабӣ; в) ташвиқи неруҳои нав ба кори эҷодӣ; г) баёну шарҳи усул ва хусусиятҳои адабиёти шурӣ.

Бояд ёдовар шуд, ки ҳанӯз то «Намунаи адабиёти тоҷик» Айнӣ дар матбуоти даврии солҳои 1919-1925 бо чандин навиштори номанигорона бар ин масъалаҳо рӯй оварда буд. Аммо дар «Намунаи адабиёти тоҷик» паҳнаи бозрасиву бозҷӯии онҳо густариш ёфта, дар вобастагӣ бо равандҳои ҳазорсолаи дар рӯзгори моддиву маънавии мардуми тоҷик рухдода фародид шуданд» [96, с. 40].

Дар мактубҳое, ки устод Айнӣ ба А. Лоҳутӣ фиристодааст, яке аз масъалаҳои муҳим масъалаи тарғиби мероси адабӣ мебошад. Устод Айнӣ пеш аз ин дар «Намунаи адабиёти тоҷик» ин масъаларо ҳаллу фасл карда буд, лекин боз баҳсу мунозираҳо дар атрофи он оғоз мегарданд, муборизаҳо давом мекунанд ва дар мактубҳо роҳи дурусти муносибат ба мероси адабии гузашта баён карда мешавад. Ин воқеа як ҳолатеро дар таърихи адабиёт нишон медиҳад, ки маҳдудиятҳои Давлати Шуравӣ омӯхтани мероси адабии тоҷиконро, ки махсусан дар мавриди дину шариат сухан меравад, бераҳмона ихтисор карда буданд ва хондани онро мамнуъ медонистанд.

Устод Айнӣ ягона шахсе буд, ки борикбинона эҷодиёти классикони адабиёти форсу тоҷикро назар карда, яке аз заруртарин соҳаҳои фаъолияти гуногунҷиҳатаи худ қарор дода буд ва ҳосили ин кори бобарор ва муваффақи устод «Намунаи адабиёти тоҷик» буд. Ин ҷиҳати заҳамоти устодро А. Лоҳутӣ ҳангоми ба зиёрати С. Айнӣ мушарраф шуданаш дар сарсухани ҳамин китоб менависад: «Устод Айнӣ барои ёфтани баъзе аз нусхаҳои хаттии шоирони тоҷик басо рӯзҳое, ки дар ба дар, кӯча ба кӯча рафта, то онро ёфта ва ба даст оварда ва дар натиҷа заминаи ҳозире барои танқид ва таҳлилоти адабии тоҷикон омода намуда» [19, с. 6].

Воқеан, назари адабию эстетикии устод Айнӣ дар равиши тартибу интихоби осори адибони гузашта дар «Намунаи адабиёти тоҷик» равшан зоҳир мегардад, ки дар бунёди он майлу рағбати гуногуни ғоявию бадеӣ, хусусан ҷараёни инкишофи адабиёти тоҷикро муайян кардан мумкин аст. Ӯ дар ин миён

доир ба масъалаҳои адабию эҷодӣ бисёр муаммоҳои таърихи адабиётро нахустин бор дар адабиётшиносии тоҷик кашф кард, ки минбаъд дар мактубҳояш бештар инкишоф ёфтаанд. Устод Айнӣ дар мактубҳояш доир ба рисолаҳое, ки дар бораи классикон омода менамуд, ба А. Лоҳутӣ маълумот дода, дар атрофи онҳо фикри асосии худро мегуфт ва бештар андешааш ин буд, ки халқи тоҷик, хусусан ҷавонони наврас аз класикони худ бояд огоҳ бошанду донанд ва ному осори онҳоро бо ифтихор ба забон оранд.

Масалан, дар як номааш устод Айнӣ ба А. Лоҳутӣ аз 4 августи 1940 доир ба асарҳои аз чоп баромадааш, махсусан китобтобчаи дар бораи «Фирдавсӣ» навиштаашро хабар дода аз ду нусха фиристодан чунин башорат медиҳад: «... тафоул карда як нусхаашро ба номи Далер навиштам. Охир вай ҳам бояд мактабхон шуда бошад ва лозим аст бидонад, ки мо ҳам классик дорем» [23, с. 98-99].

Устод Айнӣ дар пажӯҳиши адабӣ ва мутолиаи эҷодиёти суханварони классик пардохтан ва аслу моҳияти онҳоро муайян намуданашро ба А. Лоҳутӣ дар мактубҳо баён менамуд. Ӯ барои пайдо кардани воқеияти таърихӣ, талошҳои худро дар роҳи дарёфтан ва шиносонидани мероси адабии гузашта бо овардани далелҳои раднопазир то охири умраш канор нагузошт. Яке аз ақидаҳои саҳван ва барғалати авоили асри гузашта ҳамин буд, ки гӯё тамоми адабиёти классикӣ ба тоҷикон иртиботе надоранд. Ҳамаи инро ба эрониён нисбат медоданд. Аммо яке аз ҳақиқатҳое, ки устод Айнӣ бо далелҳои боварибахш ошкор кардааст, тоҷик будани Саъдии Шерозӣ мебошад ва дар идомаи ҳамин нома ба А. Лоҳутӣ менависад: «Ман шунидаам, ки Саъдиро ба шоири форсу тоҷик номидан баъзе шарқшиносон розӣ нашудаанд, аммо ман аз тарҷеъбанди ӯ ёфтам, ки вай худро тоҷик номидааст. Ӯ мегӯяд:

Гуфтори хушу лабони борик,
Мо атяба фоқа ҷалла борик.
Ё зорибати би сайфи лаҳзен,
Валлоҳи қаталтани биҳотик.

Аз баҳри Худо, ки моликон ҷавр,
Чандин накунанд бар мамолик.
Шояд, ки ба подшоҳ бигӯянд,
Турки ту бирехт хуни тоҷик.

Ман ҳамин масъаларо ҳам дар охири муқаддима илова кардам. Ҳозир дар болои асарҳои тоҷикии Навоӣ кор карда истодаам» [23, с. 98-99].

Аз ин мактуби устод маълум шуд, ки тоҷик будани Саъдиро, ки аз шеъри ширу шакари ӯ пайдост, ба хубӣ муайян намудааст. Устод Айнӣ дар роҳи ба исбот расонидани ин ҳақиқат, ки тоҷикони Мовароуннаҳр ҳам баробари эрониён меросбари адабиёти пурғановати классикии форсу тоҷик ҳастанд, заҳамоти беандоза кашидааст ва нагузоштааст, ки мо, тоҷиконро аз мероси бузургтарин намояндагони адабиётамон ҷудо кунанд. Бо вуҷуди ин, ба қавли Б. Комиссаров «... Вале дар айни замон, ҳуқуқи эрониёнро ҳам ҳаргиз маҳдуд накардааст» [75, с. 133].

Устод дар мактубҳое, ки бештар ба А. Лоҳутӣ марбут ҳастанд, оид ба ин масъала суханронӣ намудааст. Ҳатто устод як нусхагӣ аз рисолаҳои навиштаашро дар мавриди классикон барои А. Лоҳутӣ мефиристод. Боре А. Лоҳутӣ доир ба шарҳи луғатҳо ба мушкилӣ дучор мешаваду аз устод мехоҳад ёрӣ бигирад ва номаи ҷавобии устод Айнӣ аз 21 июли 1946 ба А. Лоҳутӣ оид ба маънои калимаҳои тоҷикию эронӣ аст, ки дар ҳолати шигифтӣ ва таҳайюр дар поёни нома менависад: «Ман дар тааҷҷуб мондам, ки Шумо то ҳол китобчаи «Дар бораи Фирдавсӣ ва «Шоҳнома»-и ӯ навиштаи маро надидаед. Ман дар охири ин китобча як қисм луғатҳоеро, ки баъзе эрониён, ки луғатҳои махсуси тоҷикӣ медонанд, аз «Шоҳнома» ёфта дарҷ кардам, ки аз назар гузарониданаш бефоида нест» [23, с. 118].

Устод Айнӣ ҳар китобе, ки таълиф менамуд, ба мутолиаи дӯстону шогирдонаш пешниҳод мекард. Албатта, таҳқиқ дар атрофи мероси гузаштагон, таҳқиқи ягона фаъолияти эҷодии ӯ ҳисобида намешавад. Донишманди маъруф М. Шакурӣ дуруст мегӯяд, ки «Китобҳои машҳуре, ки Айнӣ дар бораи Рӯдакӣ,

Абуалӣ ибни Сино, Фирдавсӣ, Саъдӣ дар солҳои сӣ навишт, дар ҳалли ин масъала роли асосӣ бозиданд. Фикри асосии Айнӣ дар ин тадқиқот иборат аз ин буд, ки он суханварон ва мутафаккирони гузашта фарзандони бузурги халқ буданд ва ҳам эрониёни имрӯза, ҳам афғонҳо ва ҳам тоҷикон ҳақ доранд, ки бо номи онҳо фахр кунанд» [148, с. 7].

Устод Айнӣ ҳақиқату воқеияти ҳастии таърихи тоҷиконро бо ҳастии халқҳои дигари дуру наздик сахт вобаста медид. Ҳатто вақте ки устод Айниро ба муносибати садсолагии шоири туркман Камина ба Туркманистон даъват мекунанд, дар мактубаш ба А. Лоҳутӣ аз 14 июни 1939 аз бардошт ва таассуроташ, ки аз чунин ҷашнвора дар руҳияи ӯ хуш эҷод карда буд, мегӯяд. Ӯ иштиёқи мардуми туркманро нисбати ҷашни классикони худ ба мушоҳида гирифта, бо истиқболи хуш аз ин муносибат ҷашн гирифтани онҳоро қайд мекунад. Қадрдонии онҳо аз мероси гузаштагони худ бо баргузории ҷашни пуршукӯҳ бо иштироки миллатҳои гуногунро ба мушоҳида гирифта, ба А. Лоҳутӣ аз ин кори онҳо изҳори хушнудӣ кардааст.

Таҳайюри устод бештар дар ин аст, ки халқи тоҷик мероси чандинҳазорсолаи худро ба таври бояду шояд иззату икром намекунанд ва бо шикваву гила менависад: «Инҳо (туркманон – Ф. Н.) то инқилоб ҳаёти кӯчманчигӣ мегузарониданд. Аз партияи Ленин - Сталин чунон фоида бурданд, ки номи худро ба қатори миллатҳои мутамаддин дароварда тавонистанд. Аммо тоҷикон, ки маданияти чандинҳазорсола ва адабиёти ҳазорсолаи зинда доранд, бисёр суст меҷунбанд» [23, с. 101-102].

Устод Айнӣ ба А. Лоҳутӣ ҳушдор медиҳад, ки осори ниёгони гузаштаи тоҷик як хазинаи мустаҳками бузурги гавҳари адабист ва бепарвоӣ нисбати ин ганҷинаи пур аз дурру гуҳар камоли бадбахтист. Ба ҳамин хотир, устод барои бедор намудан ва дубора зинда гардонидани мероси адабии гузашта бо фитрату идроки ҷавонмардӣ кӯшиданро хеле зарур донистааст.

С. Айнӣ доир ба Алишери Навоӣ низ рисола навишт ва заҳматҳои худро барои тартиб додани ин рисола низ дар таърихи 15 феврали 1941 ба А. Лоҳутӣ

ёдовар мешавад: «Ман тамоми ин зимистонро дар мусофират гузаронидам. Аввалҳои декабр ба Тошканд ва Бухоро рафта, шеърҳои тоҷикии Навоиро ғун доштам. Дар бозгашти ин сафар чанд рӯз дар хона монда, маҷмуаи Навоиро, ки дар тоҷикӣ тартиб дода будам, бо шеърҳои мазкур пурра карда ба Тоҷгиз фиристодам.

Баъд аз он боз фаврӣ Тошканд рафтам, чунки рафиқони ӯзбек дида баромадани луғатҳои Навоиро, ки аксаран форсӣ ва арабӣ буда, ба чоп тайёр нашуда буд, ба ман ҳавола карда, маро ба Тошканд даъват карда буданд» [23, с. 112].

Фаъолияти эҷодӣ ва илмии устод Айнӣ доир ба мероси адабӣ, чунончи дидем, барои шиносонидани ҳақиқатҳои таърихӣ чӣ барои миллати мо, чӣ барои касоне, ки хоҳони канда кардани миллати тоҷик аз таърихи гузаштааш буданд, хидмат кардаанд. Ӯ ба А. Лоҳутӣ боз дар номае ҳангоми баррасии рисолаи Навоӣ аз 2 январи соли 1939 менависад: «Кори Навоӣ чунон аст, ки бояд ман дуру дароз мутолиа кунам. Масалан, дар натиҷаи мутолиаи шабонарӯзӣ ниҳояташ як сафҳа материал ғундорам ва баъд аз ҷамъ шудани материалҳо онҳоро ба шакли китоб нависам. Зеро (чунон ки медонед) манбаъҳои шарқӣ ҳамагӣ китобҳои бефеҳристанд, баъд аз хондани саҳифаҳо нохост ба як ҷумла вохурда мешавад, ки гирифтани он даркор аст. Бинобар ин, аз ваҷҳи курорт ба ҳамин қарор омадам, ки баъд аз ба роҳ мондани корҳои ба даст доштаам, агар фурсати муносибе ба назар намоянд, аз ин ваҷҳ менависам» [23, с. 62].

Аз мактубҳои С. Айнӣ ба А. Лоҳутӣ маълум мешавад, ки ҳамаи ҷидду ҷаҳди устод ба хотири ба ҷойгоҳи муносиби худ нишонидани миллати тоҷик дар арсаи байналмилалӣ будааст. Халқи тоҷик аз таҳқиқоти илмии устод Айнӣ таърихи пурғановати фарҳанги худро дурусттар шинохт. Ӯ бар зидди пантуркистони миллатгаро мубориза бурда, ҳақ доштани тоҷиконро бар болои мероси клласикон сароҳатан исбот намуд.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дуруст қайд мекунанд, ки «дар ин вазъияти таърихӣ ба майдони мубориза устод Айнӣ ба ҳайси як қаҳрамони миллӣ ворид гардид. Ӯ тавассути таълифи «Намунаи адабиёти тоҷик», мақолаҳои

илмӣ ва асарҳои барҷастаи мустанад алайҳи идеологияи бадхоҳон дар роҳи бедориву худшиносии миллати тоҷик хидматҳои барҷаста кард. Устод дар офаридаҳои хеш бисёр масъалаҳои ҳаёти таърихӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ ва адабии халқи тоҷикро ба миён мегузорад ва бо мӯшикофиҳои хирадмандона таъриху тамаддуни қадима доштани тоҷиконро исбот месозад» [118, с. 297].

Устод Айнӣ аз мероси классикон огоҳии комил дошт, заҳамоти зиёдеро ба дӯш гирифта, дар роҳи ҳифзи ҳақиқатҳои таърихӣ ҷоннисорӣ намудааст, ки ин фаъолиятҳои ӯ дар мактубҳо ба А. Лоҳутӣ нақши худро ёфтаанд. Аз ин лиҳоз, барои шинохти хидматҳои бемисли устод Айнӣ дар ин роҳ мутолиа ва пажӯҳиши мактубҳояш ба А. Лоҳутӣ як амри зарурӣ ба назар мерасад.

2.4. Таҳқиқу омӯзиши устод Рӯдакӣ, Саъдии Шерозӣ ва дигар чеҳраҳои адабӣ аз ҷониби С. Айнӣ дар мактубҳо ба А. Лоҳутӣ

Таҳқиқу омӯзиши чеҳраҳои барҷастаи адабиёти форсу тоҷик, яке аз муҳимтарин соҳаҳои фаъолияти эҷодии гуногунҷиҳатаи устод Айнӣ ба шумор меравад. Чи хеле ки дар фасли гузашта зикр кардем, солҳои бистуму сиюм як даврае буд, ки дар зери таъсири пролеткулт тамоми осори адибони гузашта инкор карда мешуданд. Масъалаи муносибат ба мероси адабии гузашта дар гуфтаҳои шоҳиди зиндаи солҳои 20-30-юми садаи ХХ-устод Лоҳутӣ равшан баён шудааст. Ӯ дар съезди якуми Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон (1934) сухан ронда, дар хусуси муносибати мункирони мероси адабии гузашта мегӯяд: «Ин шоирони қадим ҳама душманони синфӣ буданд ва адибони советӣ бояд асло ба асарҳои онон назар накунанд...» [85, с. 217].

Яъне нигилизм (бе ҳеҷ асос инкор кардани маслаку мафкура) дар он вақт ҷой дошт, ҳам адабиёти гузашта ва ҳам мероси адабии гузашта эътироф карда намешуд. Ин гуруҳ аз шахсиятҳо аввалан, адабиёти гузаштаро ба пуррагӣ феодалӣ ва муқобили халқ медонистанд, дуюм ба устод Рӯдакӣ муносибати манфӣ доштанд. Аммо рафта-рафта замоне, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вуҷуд меояд, соли 1925 соли Рӯдакӣ эълон мешавад. Баъд аз он қарори ҳизби Осиёи

миёнагии ВКП(б) мебарояд ва дубора мутолиаи эҷодиёти устод Рӯдакиро боздошт мекунанд. Ғайр аз ин, аз солҳои 20-ум то солҳои 60-ум адибони бузурги гузашта, чун Умари Хайём, Низомии Ганҷавӣ, Хоқонии Шарвонӣ, Саъдӣ, Ҳофиз, Ҷомӣ, Соиб, Бедил, Зебуннисо моли фақат эрониҳо ҳисобида мешуд ва дар ин маврид баҳсу мунозира давом меёбад.

Устод Айнӣ, ки Рӯдакӣ, Ибни Сино, Мушфиқӣ, Сайидо, Камоли Хуҷандӣ Алишери Навоӣ, Восифӣ, Аҳмади Дониш, Шамсиддини Шоҳин, Абдулқодирхоҷаи Савдо, Тошхӯҷаи Асирӣ, М. Ҳайрат ва Ҷавҳарӣ барин адибонро дар «Намунаи адабиёти тоҷик» мавриди баррасӣ қарор дода буд, осори онҳоро таҳқиқ намудааст ва баъдан дар номаҳояш ба адибони ҷавон доир ба онҳо изҳори назар мекунад. Лекин бо вуҷуди ин, баҳсу мунозираҳо дар атрофи онҳо оғоз мегардад, муборизаҳо давом мекунанд ва дар мактубҳо боз муносибат ба мероси адибони тоҷик ҷиддитар баён карда мешавад. «Мубориза бо боқимондаҳои пантуркизм дар солҳои бист, – мегӯяд адабиётшинос М. Шукуров, – дар вақти тақсими ҳудуди миллии Осиёи Миёна аз ҳамин қабил масъалаҳо буд. Чунон ки маълум аст, китоби ҷомеи Айнӣ «Намунаи адабиёти тоҷик» дар роҳи мубориза бо пантуркизм, дар роҳи исботи мавҷудияти халқи тоҷик, истиқлоли маданият, адабиёт ва забони ӯ навишта шуда буд» [147, с. 6].

Устод Айнӣ гоҳе чандин моҳ танҳо ба таҳқиқ ва дастрас намудани осори гузаштагон машғул мешуд. Ӯ роҷеъ ба таърихи адабиёти классикӣ як силсила рисолаҳо таълиф намуда, дар роҳи бартараф намудани муҳимтарин ва заруртарин муаммоҳои адабиётшиносии тоҷик муваффақ мешавад. Рисолаҳои «Дар бораи Фирдавсӣ ва «Шоҳнома»-и ӯ» (1934), «Устод Рӯдакӣ» (1940), «Шайх Муслиҳиддин Саъдии Шерозӣ» (1942), «Алишери Навоӣ» (1948), «Восифӣ ва хулосаи «Бадоеъ-ул-вақоеъ» (1956), «Мирзо Абдулқодири Бедил» (1954) ҳама аз ҷиҳати назариявӣ ва илмӣ арзишманд мебошанд.

Устод Айнӣ дар мактубҳояш бештар ба А. Лоҳутӣ доир ба масъалаҳои таълифи рӯзгору осори онҳо андешаронӣ мекард. Аз ҷумлаи корҳое, ки дар солҳои 30-юму 40-ум устод Айнӣ машғули онҳо буду ба сарнавишти мероси адабии тоҷикон вобастагии ҷиддӣ дошт, пайдо намудани оромгоҳи устод Рӯдакӣ

ва исботи тоҷик будани Саъдии Шерозӣ, инчунин дигар чеҳраҳои классикони тоҷик мебошанд. Ӯ, ки бо А. Лоҳутӣ тариқи мактубҳо робитаи адабӣ дошт, дар ин роҳи дуруст устуворона меистад ва дар мактубҳо аз рафти таҳқиқоти худ менависад. Масалан, дар як нома устод ба А. Лоҳутӣ чунин гуфтааст: «Бештарини ин тобистони ман дар роҳи кор кардан бар болои классикҳо рафт. «Абуалӣ Сино»-ро дубора кор карда, аз асарҳояш баъзе порчаҳо ҳамроҳ карда шуд. Барои Рӯдакӣ як маҷмуаи алоҳида сохта шуд «Бӯстон»-и Саъдиро интихоб карда 4 ҳазор мисраъ гирифтам ва эзоҳ додам. Барои вай як муқаддима ҳам навиштам» [23, с. 98].

Устод Айнӣ дар идомаи мактубаш доир ба рисолаи «Шайх Муслиҳиддин Саъдии Шерозӣ» ба шарқшиносоне, ки Саъдиро танҳо ба Эрон мансуб медонистанд ба А. Лоҳутӣ ибрози андеша мекунад ва аз порчаи шеърии Саъдӣ далел оварда, таъкид мекунад, ки Саъдии Шерозӣ мутафаккири бузурги форсу тоҷик аст [23, с. 98-99].

Аз ҷумла дар мукотиботи устод Айнӣ ба А. Лоҳутӣ мушоҳида мешавад, ки устод давраҳои ҳаёти халқи тоҷик ва забони онро аниқ карда, барои дарёфти ҳақиқати таърихӣ машаққатҳо кашидааст. Яке аз кашфиёти ӯ ошкор сохтани зодгоҳ ва қабри Рӯдакӣ аст, ки аҳволи ин кор аз тарафи устод Айнӣ дар мактубҳои ба унвони А. Лоҳутӣ навиштааш баён шудааст.

Бузургони классики тоҷику форсро зимни пажӯҳишот ва ҷустуҷӯҳои адабӣ ва таърихӣ ошкор намудани устод дар номаҳояш ба А. Лоҳутӣ бисёр хуб аён аст, ки яке аз ин чунин корҳои ӯ марқади Рӯдакиро бо муайян намудани маҳалли зисти ӯ пайдо кардан буд. Адабиётшиносон ин ҷиҳати тадқиқот ва кашфиёти ӯро махсус таъкид намудаанд. Аз ҷумла айнишинос А. Кӯчаров менависад: «Яке аз шоҳкориҳои безаволе, ки бо ҷидду ҷаҳд, раҳбарӣ ва ҳидоятҳои устод амалӣ гардида, аҳли илму фарҳанги ҷаҳонро аз ихтилофи назар баровардааст, ин муайян намудани зодгоҳ ва оромгоҳи асосгузори адабиёти классикии форс-тоҷик Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ мебошад» [81, с. 13].

К. Айнӣ аз тадқиқоти падараш ёдовар шуда менависад, ки: «Дар мавзуи кофтуков ва ҷустуҷӯи маълумоти нав ва тоза роҷеъ ба устод Рӯдакӣ падарам

ҳамеша мукотиба дошт, бо дӯстонаш ҳам аз аҳли адаб ва илм, ҳам бо шиносонаш ҳамеша дар ин бора суҳбат ва гуфтугӯ мекард.

Яке аз орзуҳои вай ҳамоно кофта дидани қабри устод Рӯдакӣ ва пас аз ҳазор сол ба мардум намоиш додани акси чеҳраи он бузургвор – фарзанди халқ буд» [29, с. 59].

Ин воқеаи муҳим бештар дар номаҳои ба А. Лоҳутӣ ирсол намудаи устод арзёбӣ шудаанд. Дар номаи 24 ноябри 1940, ки аз тарафи устод Айнӣ ба А. Лоҳутӣ ирсол шудааст, масъалаи зодгоҳи устод Рӯдакӣ ба миён гузошта мешавад. Ягона мақсади устод Айнӣ ин буд, ки самарқандӣ ва ё бухороӣ будани Рӯдакиро аниқ намояд. Чунки дар ин хусус шубҳае дар манбаъҳову тазкираҳо ва дар дигар сарчашмаҳои адабӣ мавҷуд буд, ки таърихнигорону тазкиранависон баъзе Рӯдакиро аз Самарқанд медонистанд ва баъзеи дигар ба Бухоро нисбат медоданд. Устод Айнӣ аввал дар «Намунаи адабиёти тоҷик» зодгоҳи шоирро Бухоро зикр кардааст. Аммо вақте ки дар номаҳояш ба А. Лоҳутӣ доир ба кофтуков ва амиқ кардани қабри Рӯдакӣ сухан мегӯяд, маълум мешавад, ки фикри худро иваз кардааст, чунки аз нақли шахсе бо номи Идрисӣ, ки ӯ Астарободӣ будааст ва баъд аз шаст соли вафоти Рӯдакӣ фавтидааст, Рӯдакиро аз Самарқанд гуфтааст. «Таърихи Самарқанд»- ро, ки Идрисӣ навиштааст, мегӯяд, ки «Рӯдакӣ аз қарияи Рӯдак аст». Ҷойи дигар менигорад, ки «қабри Рӯдакӣ дар Панҷрӯдак аст, ки яке аз қарияҳои Рӯдак буда, дар навоҳии Самарқанд аст» [23, с. 108-109].

Устод аз мақолаи академик А. Семёнов пай мебарад, ки «Рӯдак ва Панҷрӯд дар 15-километрии шаҳри Самарқанд аст». Аммо устод Айнӣ ба А. Лоҳутӣ дар номааш мегӯяд, ки: «...ман бо пурсуков аз атрофи Самарқанд бо ин номҳо деҳае наёфтам ва ба тариқи ҳазл ба Деҳотӣ гуфтам, ки охир Рӯдак аз Панҷакат ёфт мешавад...» [23, с. 108-109].

Устод Айнӣ бо тахмини худ ба ҳақиқат дучор мешавад, чунки ҳангоми ҳамсуҳбат шуданаш бо як мардикори форобӣ, маълум менамояд, ки дар минтақаи Панҷакент ҷойгир будани Рӯдак ва Панҷрӯдак аниқ будааст. Мақсади устод, қабл аз ҳама, марқади Рӯдакиро ошкор кардан буд. Устод Айнӣ барои тасдиқи ин маълумотҳо ба идораҳои расмии Ҳукумати Тоҷикистон ва ноҳияи Панҷакент

муроҷиат кардааст. Ба гуфтаи раиси ҳамонвақтаи Ҳукумати Панҷакент Шароф Муҳаммадиев деҳаҳои Рӯдак ва Пачрӯдак дар фосилаи 60-70 километрӣ аз маркази ноҳия қарор доштааст. Устод Айнӣ дар идомаи нома ба А. Лоҳутӣ менависад: «Ман ин маълумотро ба Сталинобод ба Союз навишта илтимос кардам, ки як экспедитсияи расмӣ фиристонад» [23, с. 108-109]. Маълумотҳои овардаро устод Айнӣ ба Сталинобод мерасонад. Ниҳоят, кормандони Академияи илмҳо Лутфулло Бузургзода ва аз Наркомпрос (Комисариати маорифи халқ – Ф.Н.) шахсе ба номи Гаретский таърихшинос ба Самарқанд омада, раисии ҳайати кашфиётиро ба уҳдаи устод Айнӣ мегузоранд. Устод Айнӣ аз сабаби иллати беморӣ рафта наметавонад ва тамоми маълумотҳоро оид ба деҳаҳои Рӯдак ва Панҷрӯдак ба онҳо медиҳад.

Билохира, бо роҳнамоии устод Айнӣ қабри Рӯдакиро пайдо мекунанд. Гаретский худаш ба қарияи Рӯдак нарафта, Л. Бузургзодаро мефиристонад. Устод Айнӣ менигорад, ки: «Аммо вақте ки Гаретский бо мухбири радиои Москва мусоҳиба кардааст, ҳамаи ин кашфиётро ба худ нисбат додааст» [23, с. 108-109].

Устод Айнӣ тадқиқот ва омӯзишҳояшро доир ба классикон дар номаҳо ба А. Лоҳутӣ гуфтааст ва чунин кори барҷастаи бузургро бо масъулияти том анҷом додааст.

Яке аз одатҳои хуби устод Айнӣ дар роҳи пажӯҳиш ин будааст, ки барои гирифтани баъзе маълумот бевосита ба халқ рӯй оварда, ёфтаҳояшро ба ақидаи халқ қиёс намуда, дар натиҷа хулоса мебаровард. Ӯ соли 1940, ҳангоми сафараш ба сохтмони канали Марғедар бо мардуми омма вохӯриҳо гузаронда, ҳамзамон аз онҳо суолҳои заруриро пурсон мешавад. Ӯ дар ин бора менависад: «Ман дар сари кори конол бо бисёр колхозчиён мусоҳиба кардам. Номи қишлоқҳои онҳо диққати маро ҷалб кард: шумо аз куҷо? – аз Ҳуснобод, шумо чӣ? – Нигинобод, шумо аз куҷо? – аз Майкада, шумо чӣ? – аз Зебон (Зебиён) ва ҳоказо. Ҳақиқатан районе, ки ба деҳаҳои худ ин гуна номҳои шоиронаро қабул кардааст, ҳақ дорад, ки монанди Рӯдакӣ як устоди номурдании шеъру музикаро расонад...» [23, с. 109].

Дар ин мактуб аз гуфтаҳои устод Айнӣ бармеояд, ки бо ҷиддӣ анҷом додани кофтуков дар хусуси зодгоҳ ва қабри устод Рӯдакӣ ӯ ба муваффақияти бузурги илмӣ ноил гардидааст, ҳаракати худро барои расидан ба мақсадаш анҷом додааст. Яке аз мақсадҳои асосии устод Айнӣ омӯзиши илмии таъриху тамаддуни халқаш буд. Махсусан, дар мактубҳое, ки ба А. Лоҳутӣ ирсол доштааст, доир ба Саъдии Шерозӣ ва Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ фикру андешаҳои ҷолиб баён фармудааст. Ӯ ба сифати як ҳақиқатҷӯи пурзӯр бо кашфиётҳои илмии худ дар ташаккул ва рушду нумуи илми тоҷикон саҳм гузоштааст, ки ин самти фаъолиятҳои ӯ ҳам дар номаҳояш ба А. Лоҳутӣ равшан дарҷ гардидаанд.

2.5. Андешаҳои А. Лоҳутӣ оид ба осори С. Айнӣ ва маҳорати адабии ӯ

Дар афкори адабию эстетикии А. Лоҳутӣ мулоҳизаҳои ӯ оид ба осори устод Айнӣ мавқеи умда дорад. Бори аввал андешаҳои А. Лоҳутӣ оид ба шахсият, фазилат ва фаъолияти адабӣ-эҷодии Айнӣ дар мулоқоти ин ду адиби забардаст, ки моҳи августи соли 1925 дар Самарқанд ба вуқуъ пайваста буд, сурат гирифтааст.

Сониян, ин суханварони олимақоми адабӣ пас аз ин мулоқот алоқаи бевоситаи худро тариқи номанигорӣ идома медиҳанд. Номаҳое, ки устод Лоҳутӣ ба устод Айнӣ навиштааст, то ҳол ба таври комил дастрас нашудаанд ва барои ҳамин як фикри қатъӣ гуфтан ҳам душвор аст. Вале дар маҷмуаи мактубҳое, ки бори охир соли 2003 (бо номи «Мукотибаи Садриддин Айнӣ ва Абулқосим Лоҳутӣ») чоп шудааст, якчанд мавод доир ба ин масъала пайдо кардан мумкин аст. Инчунин, дар соли 2004 дар маҷмуаи «Номаҳо» бо эҳтимоми академик Х. Отахонова мактубҳои ҷавобии А. Лоҳутӣ ба С. Айнӣ низ дарҷ гардидаанд. «Аз номаҳо доир ба шахсияти нависанда, хислатҳои инсонии ӯ, таърихи эҷоди ин ё он асар, коргоҳи эҷодии адиб ва ҳодисаҳои дигар феълан маълумоте ба даст меояд, ки аз ягон асари бадеӣ, аз ягон мақолаи илмӣ дарёфтан мумкин намешавад, – навиштааст адабиётшинос Х. Отахонова» [21, с. 3].

Мактубҳои ҷавобии А. Лоҳутиро доир ба маҳорати адабии устод Айнӣ мо ин ҷо бо тартиби хронологӣ таҳлил хоҳем кард, ки аз соли 1927 шуруъ гардида, то солҳои панҷоҳум идома меёбанд. Дар ин мактубҳо А. Лоҳутӣ ҳам ба қалами устод Айнӣ, ҳам ба повестҳо, ба романҳову равиши кор ва ҳам ба фаъолияти илмии ӯ баҳо медиҳад. Лекин аввалин андеша ва нуқтаи назаре, ки А. Лоҳутӣ дар бораи устод Айнӣ ва маҳорати адабии ӯ изҳор кардааст, сарсухани дар муқаддимаи «Намунаи адабиёти тоҷик» бо унвони «Садриддин Айнӣ» навиштаи ӯ мебошад [19, с. 6-7].

А. Лоҳутӣ дар ҳамон ҳангом ки устод Айнӣ саргарми тозанавис намудани «Намунаи адабиёти тоҷик» буд, меҳмони ӯ мешавад ва баъд аз омӯзиш ва баррасӣ намудани ин асар А. Лоҳутӣ муҳим ва зарур будани ин китобро ба хубӣ дарк мекунад ва барои ҳарчи зудтар нашр шудани он саъй ва ҷаҳди худро дареғ намедорад. А. Лоҳутӣ моҳи майи соли 1926 зери сарлавҳаи «Садриддини Айнӣ» ба ин асар сарсухани пурмуҳтавое менависад. Сарсухани А. Лоҳутӣ дар ин китоб аҳаммияти калоне дорад, ки диққати хонандаро ба шахсияти устод Айнӣ бештар мекашад [19, с. 6].

Ин сарсухани А. Лоҳутӣ ва мулоҳизаҳои ӯ доир ба тарзи кори эҷодии устод Айнӣ ва таълифи «Намунаи адабиёти тоҷик» як силсила матлабҳои муҳим нишон медиҳад, ки хеле фавқулода ва қобили таваҷҷуҳ мебошанд. Дар ин бора адабиётшинос А. Маҳмадаминов менависад, ки: «Дар сарсухани А. Лоҳутӣ оид ба як қатор масъалаҳои муҳим, аз қабили коргоҳи эҷодии Айнӣ дар таълифи «Намунаи адабиёти тоҷик», усули омӯзиши мероси адабӣ, таърихи тамаддуни бой ва қадимаи халқи тоҷик, вазъи адабиёти солҳои 20-ум, тарғиби адабиёти инқилобӣ ва тарбияи кадрҳои адабӣ, нақши «Намунаи адабиёти тоҷик», дар тараққии адабиёти бадеӣ ва ташаккули адабиётшиносии шуроии тоҷик, мақом ва шуҳрати адабии Айнӣ мулоҳизаҳои хеле қобили таваҷҷуҳ ифода ёфтаанд» [97, с. 3].

Воқеан, гуфтори А. Лоҳутӣ нисбат ба устод Айнӣ ва махсусан «Намунаи адабиёти тоҷик» аз аҳаммият холӣ нест. Зеро ҷараёни таълифи ин асар, усули кор ва чӣ гуна ба ҷамъоварии мавод машғул шудани устод Айниро А. Лоҳутӣ бо

дақиқият баён кардааст. Аз ин ҷиҳат, иттилооти А. Лоҳутӣ роҷеъ ба аҳволу вазъи омода намудани ин асар ҳуҷҷат ва далели арзишноке мебошад [19, с. 7].

Бояд қайд кард, ки ин китоб на танҳо дар мамлакати мо, балки берун аз хоки он низ шуҳрат пайдо карда буд. А. Лоҳутӣ вақте ки ба мулоқоти Э. Бертелс сарфароз мегардад, миннатдории хешро дар номааш, ки таърихи 22 августи 1927-ро дорад, ба С. Айнӣ баён намуда, мегӯяд: «Дар хидмати эшон махсусан аз мақоми фазлу дониши Шумо гуфтугузор кардам. Бисёр шод аст ва аз Шумо мамнун, ки ба воситаи «Намунаи адабиёти тоҷик» басо шоирони Осиёи Миёнаро шинохта ва аз чоп шудани чунин китобе бисёр розӣ ҳастанд» [23, с. 10-11].

А. Лоҳутӣ баъд аз шиносоии мустақим бо устод Айнӣ ба маҳорати адабӣ, қобилияти эҷодии ӯ қоил мешавад, ҳамчун олим ва мутафаккир нисбати устод Айнӣ бисёр эътимоди комил пайдо карда, худашро шогирди ӯ меҳисобад, аз ҳузур ва илми ӯ баҳра мегирад. Аз ҳамин сабаб, дар номаи 12 ноябри 1929 навиштааш ба ӯ мегӯяд: «Устоди муҳтарам! Хатти азизи Шуморо гирифта, аз ёдоварии устодонаи Шумо мамнун шудам. Худатон, албатта, медонед, ки чӣ қадар орзу дорам дар Самарқанд бошам ва аз ҳузури Шумо дарки илму файз кунам. Аммо чӣ чора, ки беморӣ (дар натиҷаи хиёнат ва ҷинояти корҳои чоплусонаи душманони дӯстнамо) кори худро карда ва бар хилофи орзу маро ҳазорон фарсанг аз Шумо дуртар андохт. Хуб, бошад, дурии роҳ монеи наздикии дил намешавад. Иродати банда нисбат ба Шумо дар ҳадди камол аст ва ба қадри муҳаббати Камол нисбат ба Шумо» [23, с. 12].

А. Лоҳутӣ, ки аз осори адабӣ ва илмии устод Айнӣ бисёр ба ваҷд омада буд, аз ҳамин сабаб, ягон шеър ва асарашро бе пешниҳоди устод Айнӣ ба чоп намесупорид. Ва ҳатто вақте ки «Шеърҳои тоҷикистонӣ» ном маҷмуаи ӯ барои нашр омода мешавад, худи Лоҳутӣ хоҳишманд будааст, ки устод Айнӣ ба маҷмуа муқаддима нависад. 4 ноябри 1932 дар номаи дигараш менависад: «Ин шеърро, ки фиристодаам, марҳамат карда ба рафиқ Садрулин* диҳед ва фармоед, ки бидуни хато чоп кунад. Ман махсусан ҷасорат карда барои Шумо мефиристам, чаро ки аз ҳама шеърҳое, ки то кунун гуфтаам, дар назари ман беҳтар аст.

Мехоҳам фикри Шуморо дар ин (бора) бидонам. Албатта, худам айбҳои онро фаҳмида наметавонам» [23, с. 11].

Дар номаи навбатӣ бошад, ғамхории устод Лоҳутӣ нисбат ба устод Айнӣ ва осори ӯ ин гуна мебошад. А. Лоҳутӣ дар таърихи 28 декабри соли 1932 дар номаи ҷавобии С. Айнӣ аз бемории устод андуҳгин шудани худро иброз дошта, ӯро руҳбаланд сохтанӣ мешавад ва дар поёни нома менависад, ки: «Не, Шумо бояд зинда монед ва ба сохтани сусиёлизм дар Тоҷикистон дар қисмати адабӣ хидмат кунед. Мо аз тарафи хонандагони «Одина», «Дохунда» ва порчаҳои дигари адабии шуроӣ ба Шумо бар зидди ин настроение протест карда ва аз Шумо талаб мекунем, ки бисёр зиндагонӣ кунед. Дохундаҳои мукаммалтар нависед. «Мо камбағалонем» барин таронаҳои ранҷбарӣ ба вуҷуд оваред ва дигар ин хел гапҳо нагӯед. Хуб-мӣ устодҷон?» [23, с. 18-19].

Ихлосмандии устод Лоҳутӣ ба осор ва маҳорати адабии устод Айнӣ дар номаҳо зиёд акс ёфтаанд. Ӯ на фақат фоидаи аҳли меҳнаткашони халқи тоҷикро аз асари «Ғуломон» зикр мекунад, дар айни замон, берун аз хоки Тоҷикистон низ аҳаммияти бузург доштани чунин асарро таъкид менамояд [21, с. 14].

Чи хеле ки дар боби гузашта доир ба давраи шахспарастӣ сухан рондем ва маълум кардем, ки А. Лоҳутӣ устод Айниро бо тарафдории ғамхоронааш аз шахсият ва осори Айнӣ ҳимоят кардааст. А. Лоҳутӣ баъди дар Москва сафед кардани номи С. Айнӣ ба устод дар таърихи 4 апрели 1938 нома фиристода, бо самимияти хос хабари муваффақ шудани худро дар ин бора иброз медорад ва аз ҷумла мегӯяд: «Фозили муҳтарам! Мактуби аввалини Шуморо, ки гирифтам, бо забони русӣ тарҷума кунонда ба маҷлиси секретариат дода ва таклиф кардам, ки зудтар кори Шуморо расидагӣ карда як хотима диҳанд. Ман гуфтам, ки вақте роҷеъ ба як нависандаи машҳур дар сари забонҳо ва дар баъзе рӯзномаҳо нисбатҳои бад медиҳанд, ақидаи ман ин аст, ки бояд расидагии комил ва тафтиши сара дар он бора бишавад, ки: I. Агар он гапҳои забонакӣ ва навиштагӣ дурустанд, пас инро ошкор намуда, ба он кас ҷазои даркорӣ диҳанд. II. Агар ин гапҳои кӯча ва баъзе матбуот асос надорад, бояд ба таври қатъӣ гӯянда ва

нависандаи онҳоро фош намуда ва ҷазои даркорӣ диҳанд, ки обрӯи мардумро набурда бигузоранд хидмат кунанд.

Ҳаминро ба рафиқон Прутупупуф ва Юсуфуф ҳам гуфтам. Р. Паустовский ба ҷамъияти нависандагон телегром фиристод, ки комиссия кунанд. Чанд рӯз пеш телегромми рафиқ Юсуфуф расид, ки муждаи дуруст шудани кори Шуморо медиҳад. Ин ҳамаро хушҳол кард, ки охираш кор ба хуррамият анҷом гирифт» [21, с. 15].

А. Лоҳутӣ бо суханони тасаллодиҳандаи худ ба устод Айнӣ дар идомаи ҳамин нома бештар дилбардорӣ карда, барои боз ҳам муваффақ будан дар фаъолияти адабӣ ва корҳои ҷамъиятӣ ба устод комёбиҳо орзу мекунад ва дар поёни суханаш зикр мекунад, ки: «Мунтазири хондани асарҳои нави шуроии Шумо мухлисатон Лоҳутӣ» [21, с. 16].

Устод Лоҳутӣ дар ин номааш ба устод Айнӣ нури умед бахшидааст, ки ин ҳам ба пешрафти кори адабиёти онвақта ва ҳам ба пурзӯртар шудани фаъолияти устод Айнӣ ёрӣ медиҳад. Албатта, чунин суханҳои руҳафзо роҳкушову роҳнамои адиб мегарданд ва ӯро ба сӯйи муваффақиятҳои бештари эҷодӣ ҳидоят мекунад.

Барои исботи садоқати А. Лоҳутӣ ба устод Айнӣ зикри номае аз 17 августи соли 1940, ки ӯ дар бораи асарҳои устод Айнӣ мулоҳизаҳои худро баён доштааст, аз манфиат холӣ нест. Дар ин нома мулоҳизаҳои А. Лоҳутӣ доир ба маҳорати адабии устод Айнӣ боз ҳам равшантар ифода ёфтаанд. А. Лоҳутӣ аз ҷумла менигорад: «Рафиқи муҳтарам устод Айнӣ! Мактубу китобҳои Шумо чанд рӯз пеш ба Маскав расида бошанд ҳам, ман дирӯз онҳоро гирифтам.

Ба меҳрубониҳои Шумо ташаккур! Асарҳои наватон барои халқи тоҷик ганҷинаҳои наве ҳастанд, ки боигарии адабиёти тоҷикро афзун мекунанд. «Чашми бад дур!» Ҳанӯз як китоби шумо хонда нашуда, китоби дигар мерасад. Чӣ қадар бояд Тоҷикистон хурсанд бошад. Чӣ кунам?

«Зи дасти кӯтаҳи худ зери борам,
Ки аз болобаландон шармсорам» –

асари қобили ҳадя надорам, аммо умед ҳаст, ки «Девон»-и дуюм баъд аз як моҳ аз чоп барояд ва ба хидмати шумо бифристам» [21, с. 33].

А. Лоҳутӣ асарҳои устод Айниро барои халқи тоҷик махзани гаронбаҳо гуфтааст ва аз пай дар пай баромадани асарҳои ӯ ифтихор мекунад. Бо овардани як байт аз ғазали Ҳофиз аҷзи худро дар бобати сипосмандӣ баён карда, аз чопи китоби навбатиаш ба устод башорат медиҳад.

Зимнан, А. Лоҳутӣ баъди шунидани хабари унвони олими хидматнишондода гирифтани устод Айнӣ хушҳолии худро ба тариқи зайл дар номаи 7 ноябри соли 1940 иброз медорад: «Устоди муҳтарам! Имрӯз аз рӯзномаҳои Тоҷикистон фаҳмидам, ки дар муқобили хидматҳои чандинсолаатон, хидматҳои пурбаҳо ва барои халқи советӣ зарур, ба номи Шумо монанди олими хидматнишондода илова карданд. Мехоҳам бигӯям, ки хидматҳои илмии шумо, ки адабиёт, забон ва таърихи тоҷикро боигарии бузург додааст, баҳои ҳақиқӣ аз тарафи партия ва Ҳукумати Советӣ гирифт. Ин ба ҳамаи меҳнаткашони Тоҷикистон хурсандӣ медиҳад, махсусан ба дӯстони Шумо шараф ва сарбаландӣ аст. Азбаски дер хабарро шунидам (чунон ки дар боло навиштам, газетаҳоро ҳамин рӯз гирифтам), фиристодани телегрофро ҳам дершуда ҳисоб кардам. Албатта, мебахшед. Ман ба василаи ин хат табрики самимонаи худро ба Шумо тақдим карда, аз дилу ҷон дасти шуморо фишурда, бисёр зиндагӣ кунед ва бешумор ба халқи советӣ фоидаҳои илмию адабӣ диҳед, мегӯям. Ин орзуи ҳақиқии ман аст. Риё нашавад гуфта, аз ин бештар чизе наменависам» [21, с. 35-36].

Аз мактубҳо таассуроти А. Лоҳутӣ нисбат ба С. Айнӣ ҳамчун устоди бузурги сухан бо самимияту садоқати бепоён маълум мегардад. Воқеан, бояд ин ҳақиқатро пазируфт, ки аз баракати дӯстии миёни ин ду адиби бузург фоидаи бештарро А. Лоҳутӣ бурдааст.

Ҳамин гуна садоқату самимият доштанаш А. Лоҳутиро водор месозад, ки ҳангоме ки 75-солагии устод Айнӣ соли 1953 дар Тоҷикистон бо шукӯҳу шаҳомат таҷлил мегардад, ӯ ба ин муносибат шеъре эҷод мекунад ва дар он доир ба ҳунари

эҷодӣ, маҳорати адабӣ, азму суботи қавӣ ва фидокории устод Айниро дар роҳи хидмат кардан ба халқи худ тасвир намудааст [86, с. 16].

Дар системаи афкори адабию эстетикии А. Лоҳутӣ андешаҳои ӯ оид ба маҳорати адабии устод Айнӣ мақоми марказӣ доранд. Зеро мулоҳизаҳои А. Лоҳутӣ роҷеъ ба эҷодиёти С. Айнӣ дар тӯли қариб чил соли дӯстӣ ва ҳамкории эҷодии ин ду шахсияти бузурги адабию фарҳангӣ арзи ҳастӣ карда, муҳимтарин масъала ва муаммоҳои коргоҳи эҷодӣ, раванди адабӣ, арзёбии осор ва чигунагии афкори нависандаро бо ҳама ҷузъиёт ва тафсилоти зарурӣ дар худ фароҳам овардаанд.

Иртиботи бевоситаи дӯстӣ, ҳамкориҳои эҷодии Айнӣ ва А. Лоҳутӣ аз моҳи августи соли 1925 оғоз ёфта, то вопасин рӯзҳои ҳаёт идома меёбанд ва осори мондагору баракати файзбор аз худ боқӣ мегузоранд. Аз нахустин шиносоӣ бо шахсияти наҷиб ва осори пурбаҳои Айнӣ дар қалбу шуури А. Лоҳутӣ самимият, муҳаббати бепоён ва таассуроти фаромӯшнашаванда ба вуҷуд меояд ва минбаъд ҳарҷониба густариш пайдо мекунад ва дар зеҳну шинохти ӯ ҳамчун тимсоли ҳайкали бузурги адабу фарҳанг ҷилвагар мегардад. Осори гаронбаҳои Айнӣ, махсусан маҳорати адабии ин нобиғаи адабиёт А. Лоҳутиро сахт мафтун мекунад ва чунин ихлосу иродатмандӣ пайваста бештару муассиртар сурат мегирад.

Агар дар соли 1925 А. Лоҳутӣ таассуроти худро аз осори С. Айнӣ ба тариқи «Пас аз хондани осори адабии Айнӣ ба он шаринӣ аз хотирам гузашт, ки амири Бухоро на танҳо золиму мустабид, балки бисёр гӯсолаву безавқ ҳам буда» гуфта ба маҳорати эҷодии ӯ баҳои баланд дода бошад, пас баъди қариб сӣ сол дар шеъри ба муносибати 75-солагии устод Айнӣ навиштааш ҳаёти ӯро чун «умри муборак» ва истеъдоди эҷодӣ ва маҳорати адабии вайро чун «табъи олӣ» арзёбӣ ва қадршиносӣ мекунад. Дар тамоми навиштаҳо ва гуфтаҳо А. Лоҳутӣ бо самимияту садоқати бепоён устод Айниро ҳамчун устоди бузурги сухан ёдоварӣ мекунад, осори худро аз назари бориксанҷи ин суханвару суханшиноси бузург мегузаронад ва мақому фазилати баланди ӯро махсус таъкид мекунад. Мулоҳизаҳои А. Лоҳутӣ дар хусуси шеъру таронаҳои С. Айнӣ, хусусан маҳорати

адабии ӯ дар эҷоди шоҳкориҳое, чун «Одина», «Дохунда» ва «Ғуломон» бағоят қобили таваҷҷуҳ мебошанд.

Ба ин тариқ, мулоҳизаҳои А. Лоҳутӣ оид ба осори устод Айнӣ, маҳорати адабӣ ва мақоми ӯ дар адабу фарҳанг арзишманд мебошанд ва паҳлуҳои гуногуни фаъолияти эҷодии ӯро равшан мекунанд.

Ҳамин тавр, афкори адабию эстетикии ҳам устод Айнӣ ва ҳам А. Лоҳутӣ, ки дар номаҳои онҳо омадаанд, диди адабию эстетикии онҳоро бозгӯ мекунанд. Ин номаҳо барои шинохти шахсияти адабӣ ва илмии онҳо сарчашмаи муътамад ба ҳисоб мераванд.

БОБИ III

МАСЪАЛАҲОИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ ДАР МУКОТИБОТИ С. АЙНӢ ВА А. ЛОҲУТӢ

Номаҳои С. Айнӣ аз нигоҳи мавзуъ гуногун буда, дар онҳо масъалаҳои мубрами забони тоҷикӣ аз ҷумлаи қисмҳои таркибӣ ва муҳимми он мебошанд. Устод Айнӣ ҳамчунон ки дар мақолаҳои илмӣ, асарҳои бадеӣ пуштибони забони адабии тоҷикӣ буд, дар номаҳояш низ ҳимоятгари он аст. Тарафи ҷолибияти номаҳо дар он зоҳир мегардад, ки устод Айнӣ бо мисолҳои мушаххас ва таҳлилҳои илмӣ собит менамояд, ки сарчашмаи ҳар як забони адабӣ, пеш аз ҳама, забони зиндаи ҳамон халқ аст. Маҳз адибон метавонанд, ки дар кашфи ин ҳақиқат комёб шаванд. Албатта, маълум аст, ки устод Айнӣ ин андешаашро дар осори бадеӣ амалӣ намудааст ва имрӯз яке аз бунёдгузорони забони адабии тоҷикӣ шинохта мешавад. Устод Айнӣ дар номаҳои худ, хусусан дар номаҳои фиристодааш ба А. Лоҳутӣ масъалаҳои муҳимми забон ва роҳҳои тараққии онро дар шароити нави таърихӣ муайян ва мушаххас мекунад. Аз ин рӯ, таҳлили онҳо дар замони муосир бо назардошти дастовардҳои навтарини забон арзиши илмӣ пайдо намуда, бузургии ин устоди суханро бори дигар бозгӯ мекунанд.

Дар мактубҳое, ки устод Айнӣ ба А. Лоҳутӣ, Ҷ. Икромӣ, П. Толис, А. Деҳотӣ, Д. Тоҷиев ва дигарон ҳам фиристодааст, вобаста ба масъалаҳои забон сухан рондааст, аммо баҳсҳои ӯ доир ба забон дар мактубҳои ба А. Лоҳутӣ ирсолдоштааш бештар ба назар мерасанд.

Бояд қайд кард, ки ҳар як номаи С. Айнӣ аз нигоҳи мавзуъ ва масъалагузорӣ ба ҳукми як асари ҷудогонае мебошад, ки бо мақсади муайян ва барои тавзеҳи як нуктаи муҳим ба миён омадааст. Устод Айнӣ доир ба масъалаҳои гуногуни забон ва баромади калимаҳои гуногуни тоҷикӣ-форсӣ дар чанд номааш бо адибон, аз ҷумла дар мукотиботаш ба А. Лоҳутӣ сухан рондааст, ки аз ҳар ҷиҳат бағоят арзишманд мебошанд.

Ба осори гаронарзиши ин нависандаи бузургамон таваҷҷуҳ намуда дарёфтем, ки дар тамоми асарҳои ин донишманди забардаст, хусусан мактубҳояш баррасии масъалаи забон мавқеи муайян дошта, устод барои рушд ва тозагии забони тоҷикӣ муборизаи ҷиддӣ бурдааст. Ин муборизаҳо дар шакл ва намудҳои мухталиф сурат гирифтаанд. Як соҳаи фаъолияти устод Айнӣ муборизаи ӯ ба воситаи номаҳо исбот намудани баромади таърихии калимаҳои тоҷикист. Аз сӯйи дигар, масъалаи омӯхтани забони халқ, истифода аз захираи лаҳҷаҳо дар забони адабӣ, фаро гирифтани забони осори классикии адабиёти тоҷик ва дурусту ба мавқеъ истифода бурдани калимаҳо, нигоҳ доштани тозагӣ ва риояти табиати миллии забони тоҷикӣ ва ба қоидаҳои он таваҷҷуҳи бештар зоҳир намудан, муборизаи устод Айниро дар роҳи рушд ва тозагии забони адабии тоҷикӣ муайян менамояд.

Мукотиботи С. Айнӣ барои омӯхтани ҳаёти шахсӣ, ақидаҳои адабию забоншиносии ӯ, ки дар руҳияи баланди ватандӯстиву ифтихори миллӣ офарида шудаанд, ҷолиби диққат мебошанд. Ӯ дар номаҳояш ба адибони тоҷик барои пешгирӣ ва муҳофизати забони адабии тоҷик аз нуқсу хатоҳои ҷиддӣ ва таъин намудани рафти инкишофи минбаъдаи он маслиҳатҳои судманди амалӣ додааст. «Яке аз соҳаҳои хеле муҳимми фаъолияти илмии устод Айниро, – қайд мекунад адабиётшинос А. Маҳмадаминов, – тадқиқи забони адабии ҳозираи тоҷик ташкил медиҳад. Муборизаи ӯ барои инкишофи забони тоҷикӣ ва демократӣ кунонидани он ба дигаргуниҳои азиме, ки баъди револютсияи Октябр дар ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва мадании халқи тоҷик ба вуҷуд омадаанд, сахт алоқаманд мебошанд» [99, с. 36].

Устод Айнӣ чун сухансарои забардаст ва пурзаковат на танҳо дороии забони модариашро бо ҳама қабатҳои услубиаш тибқи меъёри ҷорӣ донишмандона ба кор бурд, балки бо мактубҳои сершумор ва навиштаҳои бадеию илмӣ, публитсистии намунавори худ равиши минбаъдаи инкишофи онро бузургворона бозгӯ ва муқаррар сохт.

Ҳунари нависандагии устод Айнӣ аз осори гаронбаҳояш, аз ҷумла аз мактубҳои ӯ ба хубӣ маълум аст. Дониши мукаммал, таҷрибаи кофӣ, фикрҳои нав

ба нав, табъи равшан, завқи латиф ва тахайюлоти ҷолибро дар ҳар як мактуби ӯ мушоҳида кардан мумкин аст. Дар номаҳое, ки дар ин боб таҳлил хоҳем кард, устод Айнӣ дар масъалаи забон ба А. Лоҳутӣ бисёр мулоҳизаҳои ҷолиб баён намудааст. Адабиётшинос Х. Отахонова қайд мекунад, ки: «Мутолиаи мактубҳои устод Айнӣ нишон медиҳанд, ки ӯ дар номанависӣ низ бо ҳамон ҳисси масъулиятшиносӣ, ки дар асарҳои илмӣ ва адабиаш мушоҳида мекунем, машғул шудааст» [115, с. 150].

Номаҳои устод Айнӣ оид ба бисёр масъалаҳои адабию фарҳангӣ ва доир ба пешрафти адабиёт маълумоти нодир медиҳанд. Аммо дар онҳо масъалаҳои вобаста ба забон мавқеи махсусеро ишғол менамоянд. Нависанда дар мактубҳои худ масъалаҳои забонро бо роҳҳои гуногун баррасӣ намудааст ва бо адибон дар бораи забони асарҳои онҳо сухан рондааст.

Устод Айнӣ барои инкишоф ва ташаккули забони миллии тоҷик аҳаммияти калон додааст. Ӯ ҳамчун асосгузори адабиёти муосири тоҷик бо эҷодиёти гаронмояи худ дар инкишофи забони адабӣ ва адабиёт хидмати аввалиндараҷа намудааст. Дар ин бора дар китоби забоншинос С. Ҳалимов маълумоте пайдо кардем, ки муаллиф муборизаи устод Айниро дар бораи роҳҳои инкишофи забони адабии тоҷик таъкид карда, чунин менависад: «Фаъолияти илмӣ, адабӣ ва ҷамъиятии асосгузори адабиёти советии тоҷик дар замони советӣ хеле гуногун ва ҳаматарафа буда, барои инкишоф ва ташаккули забони миллии тоҷик аҳаммияти калон дошт. Вай дар замони мо бо эҷодиёти худ дар инкишофи забони адабӣ ва адабиёти тоҷик роли бузург бозидааст. Давраи фаъолияти Айнӣ давраи гузориши прблемаҳои гуногуну мураккаби забони адабии тоҷик ва ҳалли онҳо мебошад, ки худи вай дар ҳалли онҳо бевосита иштирок кардааст» [130, с. 136].

Қайдҳои устод Айнӣ доир ба ҳамаи паҳлуҳои забон умуман, масъалаҳои назарявии забоншиносӣ хеле хуб ба назар мерасанд. Бесабаб нест, ки ӯро дар адабиёти муосир ҳамчун забоншиноси беҳамто мешиносем. Фаъолияти суханварӣ, суханофаринӣ ва забоншиносии устод Айниро муҳаққиқон борҳо мавриди омӯзишу таҳқиқ қарор додаанд. Дар ин хусус як гуруҳ олимону нависандагон ва мутарҷимони соҳаи забону адабиёт изҳори ақида кардаанд, ки

дар байни онҳо мақолаҳои М. Осимӣ, М. Турсунзода, Б. Ниёзмуҳаммадов, И. Брагинский, С. Табаров, Р. А. Амонов, М. Шукуров, В. А. Асрорӣ, Р. Ҳошим, А. Сайфуллоев, Р. Ғаффоров, Х. Отахонова, Ҳ. Маҷидов, А. Маҳмадаминов, Ш. Рустамов ва дигарон аҳаммияти махсус доранд, ки дар онҳо ба хидматҳои таърихии С. Айнӣ дар соҳаи забон баҳои сазовор дода шудааст. Рисолаҳои Н. Маъсумӣ «Очеркҳо оид ба инкишофи забони адабии тоҷик» (1959) ва С. Ҳалимов «Садриддин Айнӣ ва баъзе масъалаҳои инкишофи забони адабии тоҷик» (1974) асарҳои маҷмуан ва яклухти монографӣ мебошанд, ки андешаву афкори илмӣ дар онҳо системанок натиҷагирӣ шуда, қариб тамоми соҳаҳои фаъолияти устод Айниро доир ба инкишофи забону услуби бадеӣ ва забоншиносӣ дар бар гирифтаанд.

Бояд гуфт, ки дар мактубҳои устод Айнӣ доир ба забон бисёр ҷиддӣ ва бамавқеъ сухан рафтааст. Масъалаҳои забонро устод Айнӣ дар номаҳояш бо адибон ба се меъёр таъкид намудааст, ки бо чӣ роҳ такя намудану дуруст истифода бурдан, ҳусну қубҳи забонро ба хубӣ дарк намудан андешаашро хеле муфид баён намудааст. Ӯ хотиррасон мекунад, ки адибони навкор бояд аввал забони халқро омӯзанд ва ба захираи лаҳҷаҳо дар забони адабӣ диққат диҳанд, гузашта аз ин, забони асарҳои классикони тоҷикро аз бар намоянд. Чунки ба гуфти устод М. Шукуров: «Барои ин ки аз ганҷинаи забони мардум дурру гавҳар биҷӯянд, лозим буд, ки саводи хуб дошта бошанд, забони классикӣ ва мардумиро ба хубӣ бидонанд. Аммо навсаводони мо нимчамулло буданд ва дар забон миёни дурру гавҳар ва хасу хошок фарқе намедиданд» [145, с. 234]. Албатта, муҳимтарин хусусияти номаҳои С. Айнӣ ба А. Лоҳутӣ низ дар ҳамин аст, ки мулоҳизаҳои устод Айнӣ дар бораи масъалаҳои забон аҳаммияти хосса доранд.

Устод Айнӣ дар се мактуби худ (7 октябри 1937, 21 июли 1946 ва мактуби дигараш таърихи рӯзаш маълум нест, аммо тахминан дар солҳои 1937-1940 иншо шудааст) ба А. Лоҳутӣ доир ба масъалаҳои забон андешаронӣ намудааст. Ӯ дар ин мактубҳо доир ба таълифи китоби луғати худ сухан рондааст. Дар мактуби дигараш аз адибоне, ки ба луғатҳои форсӣ ва тоҷикӣ будани баъзе калимаҳо ба шубҳа афтодааанду ба мушкилӣ дучор шудаанд, ибрози андеша мекунад ва

инчунин, дар мактуби сеюм аз забоншиносоне норозигӣ мекунад, ки қоидаҳои забонро вайрон кардаанд.

Ба унвони мисол аз мактуби навиштаи устод Айнӣ ба А. Лоҳутӣ ёд мекунем, ки дар он устод аз забоншиносоне шикоят кардааст, ки нав ба арсаи адабиёт қадам ниҳодааанду аз қоидаҳои он бехабаранд ва бо вуҷуди камдонишии худ ба навиштаҳои устод Айнӣ айб ва эродҳои беасос гирифтаанд. Аз ҷумла гуфтааст, ки муҳаррири достони ӯ «Ҷанги одаму об» дар баробари «эътирозҳои сиёсии беасосаш эътирози забонӣ ҳам кардааст ва ба ин далел овардааст, ки автор (муаллиф, яъне устод Айнӣ – Ф. Н.) дар 72 саҳифа, 124 тавзеҳ додааст. Ва ҳол он ки он эзоҳҳои ман бештар дар бораи калимаҳое, мисли «нешбанд», «навбар», «поёноб» ва «варғбанд» барин калимаҳо буданд, ки онҳоро деҳқонони бесавод медонанд, аммо ҷавонони «саводи сиёсинок» намедонанд. (Таҳрири забонӣ карда чанд мисраъро вайрон ҳам кардааст)» [23, с. 123].

Устод Айнӣ дар идомаи ин нома баъд аз андак шикояти дигараш чунин мефармояд: «Акнун намедонам, ки ман бо ин раҳбарони забони тоҷик чӣ кор кунам. Инҳо забони адабии классикро надонанд ва забони зиндаи халқиро надонанд ва маҷбур кунанд, ки «чизе навис, ки ман фаҳмам», дар ин сурат вой бар ҳоли ман ва монанди ман» [23, с. 123].

Устод Айнӣ ба муқобили афкору ақидаи баъзе забоншиносон баромада, ба ин восита ба ҷавонони соҳаи забон ҳушдор медиҳад, ки забони адабии классикӣ ва дар баробари он забони зиндаи халкро аз худ кардан зарур аст. Яъне аз ин нома ду чизи муҳим ошкор аст. Якум ин ки аксарияти муҳаррирон дар охирҳои солҳои сиюм аз забони классикӣ ва забони халқӣ бехабар буданд ва бар замми ин, ҷилави ихтиёри забонро ба даст гирифтанӣ шудаанд. Дуюм аз гуфтаҳои устод маълум мегардад, ки «раҳнамоиҳо» дар мавқеи забон асоси сиёсӣ дошт, вазифаи сиёсатгузорон ва фармонбардорони онҳо – «муҳаррирони сиёсӣ» буд. Вазъияти забони тоҷикӣ дар охирҳои солҳои сиюм дар ҳолати сиёсати миллии шуравӣ қарор дошт.

Дар ҳақиқат, устод Айнӣ донандаву ҳимояткунандаи забони миллӣ буд, ки дар номаи болоӣ доир ба ин масъала бо А. Лоҳутӣ мулоҳизаҳои ҷиддӣ баён

кардааст. «Яке аз нависандагоне, ки дар ибтидои асри ХХ, – қайд мекунад адабиётшинос Муҳаммадҷони Шакурӣ, – дар пеш бурдани ин протсеси муҳимми таърихӣ фаъолона иштирок кардаанд, устод Айнӣ буд. Айнӣ бо он асарҳои назмию насрии давраи аввали эҷодиёташ, ки як қисмашонро дар охири асри XIX ва аксарашонро дар ибтидои асри ХХ таълиф кардааст, аз шоҳроҳи ҳамин протсеси таърихӣ қадам задааст.

Дар ин асарҳои ӯ, аз як тараф, кӯшиши то ҳадди имкон сода кардани забону услуб дида шавад, аз тарафи дигар, истифодаи бисёр калимаю ибораҳои одии гуфтугӯӣ, таркибҳои забони зинда, таъбиру маҷозҳои халқӣ мушоҳида мегардад. Дар байни он шеърҳои Айнӣ, ки то имрӯз чоп шудаанд, ягон шеъре, ки услубан мураккаб ё тумтароқе дошта бошад, нест. Ҳама шеърҳои ӯ хеле содаву табиӣ ва самимӣ буда, аз баъзеи онҳо ҳатто оҳанги гуфтугӯи муқаррарӣ ба гӯш мерасад» [147, с. 124].

Яқин аст, ки забони тамоми асарҳои адабӣ, илмӣ ва публитсистии устод Айнӣ дар равияи сода ва оммафаҳм навишта шудааанду дар инкишофи забони миллии тоҷик нақши калон бозидаанд ва дар ин байн дар мактубҳояш низ доир ба ин масъала мулоҳизаҳои судманд баён намудааст.

Дар тамоми номаҳои устод Айнӣ ба А. Лоҳутӣ андешаҳои бисёр ҷолиб дар боби адабиёт, таҷрибаҳо ва корҳои адабии нависанда, таърихи эҷоди асарҳои ӯ сухан рафтааст, вале дар миёни онҳо масъалаҳои ба забон марбут буда хеле ҷиддӣ ва ҷойгоҳи махсусро дар худ фароҳам овардаанд. Ҷойи дигар академик Х. Отахонова зикр мекунад, ки: «Аз мактубҳои устод Айнӣ садои дили инсони ғамхору дилсӯз, инсони фидокор, садои дили инсоне шунида мешавад, ки лаҳзае аз ғами миллат, ғами пешрафти фарҳангу маданияти он фориғ набудааст. Ин садо гоҳо асабонию изтиробомез ба гӯш мерасад, гоҳо қаноатмандии нависандаро ифода мекунад» [115, с. 150].

Устод Айнӣ ҳамчун сарвари аҳли илму адаб дар мавридҳои мувофиқ доир ба масъалаҳои ҷудогонаи луғатшиносӣ, овошиносӣ ва сарфу наҳв, услубшиносӣ ва забони нависандагони ҷудогона, муносибати забони адабӣ ва шева, тозагии

забон ва маданияти нутқ, мақоми забони адабӣ дар ҷамъият фикрҳои пурқимат гуфтааст.

Мо бештар қайдҳои устодро дар мактубҳое, ки ба А. Лоҳутӣ ирсол намудааст, мушоҳида мекунем. Махсусан устод Айнӣ дар номаҳояш ба А. Лоҳутӣ масъалаи забони осори классикҳоро ҷиддӣ ба миён гузоштааст.

Аз як номаи дигари С. Айнӣ (21 июли соли 1946) ба А. Лоҳутӣ маълум мешавад, ки байни А. Лоҳутӣ ва бархе аз эрониёни муқими Маскав доир ба калимаи «ҷангара» баҳсу мунозираҳо ба амал омадааст. Онҳо калимаи мазкурро ба куллӣ тоҷикӣ шуморида ва таъкид намудаанд, ки ин луғат ҳеҷ алоқа ва иртиботе ба форсии Эрон надорад.

Устод Айнӣ доир ба калимаҳое, ки ба забони форсӣ-тоҷикӣ истеъмол мешаванд, маълумот медиҳад. Ӯ масъалаи сода кардани забони адабиро ба миён гузошта, дар айни замон таъкид намуд, ки «адои ин вазифа басо душвор аст». Ӯ кӯшиш менамуд, ки бо адибон ба тариқи нома содагию оммафаҳмии забони тоҷикиро нишон диҳад ва ба ин мақсад истифода намудани лаҳҷаҳои халқиро талқин намояд.

Тамоми асарҳои устод Айнӣ, махсусан асарҳое, ки доир ба забон таълиф намудааст, аз ҷиҳати мазмуну моҳияти худ дарбаргирандаи доираи васеи масъалаҳост, ки дар ҳалли мушкилиҳои асосии забони адабии тоҷик ҳамчун дастури боэътимоди назариявӣ ва амалӣ хидмат намудаанд ва онҳо дорои арзиши баланди илмӣ мебошанд.

Устод Айнӣ ба забони осори классикони барҷастаи адабиёти тоҷик низ баҳо додааст ва истифодаи онҳоро барои тараққӣ ва инкишоф додани забони имрӯзаи адабии тоҷик хеле зарур шуморида, ҳамеша дар суҳбат бо навқаламон баҳри исботи фикраш бо нишон додани далели аз суханони адибони гузашта, ҳар як ҳодисаи забониро бо қоидаву қонунҳои илмӣ баён карда, дар заминаи илми забоншиносӣ дурустии мавқеи худро исбот менамояду бо ин роҳ ба навқаламон ёрӣ мерасонад. Чуноне ки забоншинос С. Ҳалимов ҷойи дигар менависад: «Айнӣ аҳаммияти осори шоирони гузашта ва забони адабии пешазреволютсиониро барои инкишофи минбаъдаи забони ягонаи умумимиллии тоҷик қайд мекард ва

мегуфт, ки омӯхтани мероси адабӣ барои ин мақсад ёрии бебаҳо мерасонад» [130, с. 43].

Хулоса, мактубҳои ба устод Лоҳутӣ навиштаи устод Айнӣ дар баробари он ки масъала ва муаммоҳои муҳимми забони адабии тоҷикро дар худ фароҳам овардаанд, барои аҳли адабу фарҳанг аз ҳар ҷиҳат арзишманд мебошанд. Масъалаҳое, ки устод Айнӣ дар мукотибаи худ бо А. Лоҳутӣ ба миён гузоштааст, барои замони мо низ дархӯр аст. Хусусан баҳси зинда гардонидани калимаю таркибҳои халқӣ, ки инъикоскунандаи табиати забони тоҷикӣ дар офаридани калимаю таркибҳои нав дар таркиби луғавии забон ҳастанд, имрӯз ҳам муҳим ба назар мерасанд. Инчунин, андешаҳои устод Айнӣ дар мавриди забони адабии тоҷикӣ ва форсӣ ҷолиб буда, таҳқиқи вижа мехоҳанд.

3.1. Ақидаҳои С. Айнӣ доир ба забони асари бадеӣ ва хусусиятҳои он

Устод Айнӣ бо тамоми кӯшишҳояш дар фаъолияти адабии худ ба масъалаи забон диққати зиёде додааст. Яке аз соҳаҳои муҳимме, ки аз хидмати арзандаи ӯ маълум аст, қайдҳояш доир ба забон ва услуби асарҳову шеърҳои шоирони ҳамасри худ мебошад, ки дастнависҳои онҳоро аз ҷиҳати забону услуб санҷида, ҳусну қубҳи эҷоди ҳар яке аз онҳоро муайян намудааст. Ин адибон ба мисли: А. Лоҳутӣ, Ҷ. Икромӣ, А. Деҳотӣ, П. Толис, М. Турсунзода, С. Улуғзода ва дигарон мебошанд.

Устод Айнӣ, пеш аз ҳама, барои фаҳмидани забони осори классикон дар «Намунаи адабиёти тоҷик» чигунагии шеърҳои равони ҳаяҷонбахши онҳоро аз нуқтаи назари худ муайян ва баррасӣ намуда буд. Ӯ шеъри Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Саъдӣ, Камол ва дигаронро аз нигоҳи забонӣ ҳадди аъло муаррифӣ намуда, ин ҷиҳати кори худро барои адибони навқалам заминаи бевоситаи ташаккули забони имрӯза донистааст. Ба қавли айнишиносон: «Дар замони нав собит шуда буд, ки устод Айнӣ ягона ва бузургтарин набардгари ҳифзи забони зебои ҳазорсолаи мо – забони форсӣ-тоҷикӣ дар Осиёи Марказианд. Ва ин худ, мешавад гуфт, ки як

ҳақиқати баҳснопазир аст. Ин ҳақиқати воқеиро дар қарни бист хориҷиён – ховаршиносони бузурги кишвари Шарқу Ғарб низ пазируфтаанд. Ва бештар ва муҳимтар он аст, ки адибони бузурги кишвар дар натиҷаи омӯзиши асарҳои эшон ва баррасиҳои эшон дар шинохти забони классикии форсӣ-тоҷикӣ ва шинохти шеваи нигориши адабӣ ва таҳлили вожашиносии ӯ мабнӣ бар навиштаҳои нависандагони тоҷик дар замони нав – мақолаҳо ва таҳқиқот ва изҳори андешаҳои хешро дар ин боб кардаанд» [29, с. 73].

Устод Айнӣ бо ҳидояти худ дар ин маврид забони асари нависандаро он гоҳ мақбулу писандида медонист, ки бо баёну таъбирҳои обдори халқӣ пур буда, забонаш аз роҳи табиии инкишоф берун нарафтааст. Устод Айнӣ бештар ба ду масъалаи забон аҳаммият медод. Якум масъала ин тозагии забони адабии тоҷик, дуюм бо саҳеҳӣ истифода кардани захираҳои ғании забони халқ ва классикони адабиёт буд. Вай асарҳои асили адибони тоҷику шоирони классикро бодиққат назар карда, дар ҳошияи онҳо қайдҳои муҳим мегузошт.

Устод Айнӣ бештар ба воситаи мактуб бо навқаламон робитаи худро барқарор намуда буд ва аз ин тариқ онҳоро дар ҷодаи адабиёт роҳнамоӣ мекард. Адибон ба тариқи номаҳои ӯ аз ҳусну қубҳи нигоштаҳои хеш огоҳӣ меёфтанд. Чунонки нависанда Ҷалол Икромӣ дар китоби худ «Устоди ман, мактаби ман, худи ман» дар ин бора навиштааст: «...Лекин то дами охиринашон аксарияти асарҳои маро устод таҳрир мекарданд, ба воситаи мактуб меомӯхтанд ва маҷбур мекарданд, ки асарамро баргашта кор кунам. Чунончи, романи «Шодӣ»-ро устод чунон таҳрир мекарданд, ки худи он дастнавис як мактаби адабӣ шудааст» [71, с. 84].

Табиист, ки бунёди аксарияти нигоштаҳо, аз ҷумла мактубҳои ба шоирону нависандагони тоҷик навишташудаи устод Айнӣ ин тарбияи адибони ҷавони навқалам, дилсӯзӣ нисбат ба эҷодиёти онҳоро ташкил кардааст.

С. Айнӣ ҳар як навиштаи онҳоро чун нависандаи нуктасанҷ аз назар мегузаронд ва бо маслиҳатҳои худ кӯшиш мекард, ки ҳисси эҳтироми онҳоро нисбат ба забон бедор кунад, то дар эҷодиёташон диққати бештар ба масъалаҳои

баён дошта бошанд. Айнишинос А. Маҳмадаминов дар ин бора қайд карда мегузарад, ки: «Мувофиқи ҳамин талабот Айнӣ дар шароити нави таърихӣ масъалаи демократӣ кардан, ба омма наздик намудани забони адабии мавҷударо ба таври қатъӣ ба миён мегузорад, ки ба тезисҳои пешниҳодкардаи ӯ дар хусуси чӣ гуна будани забони адабӣ комилан мутобиқат мекунад. Нависанда нақши фавқулода калон бозидани забони зиндаи халкро дар бобати инкишоф ва такомулоти забони адабӣ қайд карда, роҳҳои истифода бурданро аз забони умумихалқӣ нишон медиҳад. Дар ин бора устод Айнӣ дар мақолаи «Ҷавоби ман» (1929), «Мактуби кушода ба рафиқ Толис» (1948), «Мактуби кушода ба рафиқ Тоҷиев» (1952) ва дар қайдҳои ҷудогонааш ба асарҳои Ҷ. Икромӣ, А. Деҳотӣ, Раҳим Ҷалил, М. Миршакар ва дигар нависандагон мулоҳизаҳои шоёни диққат баён намудааст» [99, с. 41].

Устод Айнӣ дар навиштаҳои худ ҳамеша ғановати забони зиндаро таъкид мекард. Ӯ ба ин восита ҳамеша кӯшиш мекард, ки роҳи дурусти инкишофи забони асари бадеиро нишон диҳад.

Яке аз сарчашмаҳои назариявии ин қазия дар рисолаи монографии забоншинос С. Ҳалимов «Садриддин Айнӣ ва баъзе масъалаҳои инкишофи забони адабии тоҷик» аст, ки дар он доир ба мафҳуми забони асари бадеӣ аз назари С. Айнӣ сухан рафтааст. Мусанниф дар ин бора менависад: «Яке аз роҳҳое, ки Айнӣ ба дурустӣ ва ислоҳи забони тоҷикӣ кӯшида ва фикри худро оид ба забон баён намудааст, қайдҳои ӯст дар вақти хондани дастнависҳо ва асарҳои чопшуда. Вай дар қайдҳои худ ҷиҳатҳои хуб ва камбудии забони асарҳои нависанда ва шоирони тоҷикро нишон медиҳад. Устод ба ин масъала диққати зиёд додааст, зеро вай ҳамчун нависанда ҳис мекард, ки забонро хуб надониста ба вуҷуд овардани асари бадеии барҷаста имконнопазир аст, бе забони адабӣ асари бадеӣ офаридан мумкин нест» [130, с. 68].

Устод Айнӣ масъалаи сухану калом ва мавқеи онро дар нигоштаҳои шоирони баъдинаи худ месанҷиду ба онҳо диққати зиёде медод. Қайд ва эзоҳҳои ӯ дар бораи камбудиву норасоиҳо дар мавриди асарҳои нависандагоне, ки дар болои асарҳои худашон кам кор мекарданду ба бепарвоӣ роҳ медоданд, бо

таъкидҳои шадид ҳамроҳ аст. Аммо дар номаҳои устод ба Лоҳутӣ, ки ҳовии таҳлилу баррасиҳои офаридаҳои А. Лоҳутӣ ҳастанд, дида мешавад, ки устод банд ба банд, таркиб ба таркиб эҷоди шоирро ба баррасӣ кашида, баъзе нукоти заъфу сусти онҳоро нишон додааст.

Таҳлили эҷодиёти А. Лоҳутӣ аз ҷониби устод Айнӣ, ки аввалин муҳаррир ва хонандаи қариб ҳамаи шеърҳои баъд аз соли 1925 навиштаи шоир буд, дар маҷмуъ, як мактаби бузург дар шинохти ҳусну қубҳи шеър аз зовияи ҳам забонӣ, ҳам баёну маъно ва ҳам сабку услуб гаштаанд. Чуноне ки дар номаи худ аз 11-уми феврали 1939 нисбати шеъри «Ёр аз дили ман хабар надорад»-и А. Лоҳутӣ фикрҳояшро иброз доштааст. Аз гуфтаҳои устод Айнӣ дар нома бармеояд, ки ғазали мазкури А. Лоҳутӣ аз тарафи ӯ хуш истиқбол шудааст ва устод ӯро дорои истеъдоди баланд қаламдод намудааст. Лекин мисраъҳои

«Ё бар рухи ман намешавад боз,
Ё қалъаи бахт дар надорад», –

аз назари устод нисбати дигар мисраъҳои шеъри мазкури А. Лоҳутӣ суст омадаанд. Устод Айнӣ ду фикрро пеш меорад ва мегӯяд: «Ин бояд дар қатори он байтҳое, ки барои ғазали ҷудогона мондаед, дароварда шавад, ё ки дар ҷойи калимаи «бахт» калимаи «васл» дароварда ба ин тариқа:

«Ё бар рухи ман намешавад боз,
Ё қалъаи васл дар надорад».

хонда шавад» [23, с. 67-68].

Ҳамчунин, аз нигоҳи устод Айнӣ, дар мисраъҳои дигар иваз кардани калимаи «дил» ба «ман» бо байтҳои дигарӣ мувофиқ меояд, [23, с. 67-68].

Устод Айнӣ ба нигоштаҳои А. Лоҳутӣ бодиққат назар карда, назари худро нисбати мисраъҳое, ки забонашон мувофиқтаринанду мақбул, аммо барои содагӣ ва равониву мантиқнокии сухан дар шеърҳои ӯ ҷойҳояшон номуносиб аст, иброз доштааст.

Устод Айнӣ ҳамчун нависанда ва олим доир ба забони шеърҳои А. Лоҳутӣ муҳокимаронӣ намуда, маълум мекунад, ки шоир содагию равонии тарзи баёнро дар шеърҳояш риоят намудааст.

С. Айнӣ ҳамеша ғамхору фидокори шоирони муосири худ буд ва ҳамеша тавсияи худро нисбати ашъори онҳо дареғ намедошт.

Ӯ боз нисбати як шеъри А. Лоҳутӣ бо номи «Достони гул», ки ба муҳофизати Михоэлс ном ҳунарманди театри яҳудиёни Москва навишта шудааст, баёни андеша мекунад. А. Лоҳутӣ ин шеърро бо номи Сталин равона карда, Сталинро боғбон (Сталин ва Михоэлсро – Ф. Н.) ва Михоэлсро гулҳои шукуфони боғи ӯ тасвир карда, аз боғбон хоҳиш кардааст, ки барои рӯ ба завол ниҳодани ин гул ва роҳ надодан ба хушкиданаш чораандешӣ кунад.

Устод Айнӣ дар мактуби худ ба А. Лоҳутӣ аз 2 феврали 1939 дар бораи ин шеър изҳори ақида карда, ӯро аз баъзе навоқиси он огоҳ намудааст. Дар ҷавоби ин нома, ки А. Лоҳутӣ ақидаи устодро доир ба «Достони гул» ва «Шамъи бино» фаҳмидан мехост, С. Айнӣ дар навбати худ ба забони ин шеърҳо баҳои баланд додааст, аммо бевосита ҷой додани номи шахси маълумро дар шеър дуруст надониста, ба ҳамин мазмун навиштааст: «Рафиқи муҳтарам, мактубҳо ва шеърҳои дар 2 феврал фиристодаатон расида, маро аз ҳад зиёд мамнун кард...

Достонҳо саъдиёна ё ин ки румиёна мегӯем, аз ҷиҳати мазмунҳои бикр – бериёёна мегӯям, ки онҳо ба гӯяндаи ин достонҳо нахоҳанд расид. «Шамъи бино» – ин унвон ва исботи ин унвон ба мисоли ҳаётии ҳақиқӣ дар фикри ҳеҷ классик нарасида буд.

Ё ин ки нишон додани образи боғбони пурасрори мо бо он ифодаҳое, ки тамоми муваффақиятҳои имрӯзаи моро дар бар мегиранд, аз иқтидори башарӣ берун аст.

Ин корро танҳо он башарӣ метавонад, ки аз мотериоли дигар сохтаанд. Руҳи раҳбари башариятро дар худ ҳулул кунонида тавониста бошад.

Ин нуктаро ҳам гӯям, ки таҷрибаҳои порсола ба мо нишон доданд, ки ҳарчанд ба тарзи символ аст, номи шахсҳои ҷудогонаро (ғайр аз он шахсе, ки мустасност) дар шеър овардан мувофиқ нест. Бинобар ин, ман дар бастани

достони гул ба номи «Михоэлс» мухолиф ҳастам, шояд он шахс ба ин кор ва ҳатто зиёдтар аз ин кор ҳам арзад. Лекин ҳарчӣ бошад шахс аст» [23, с. 66-67].

Назариёти устод Айнӣ нисбат ба забони шеърҳои А. Лоҳутӣ аҳаммияти махсуси иҷтимоӣ ва маданӣ доранд. Аз ин лиҳоз, А. Лоҳутӣ фикри расо ва заковати олии устод Айниро эҳтиром менамуду бисёр ҳам хуб дарк мекард ва ба ӯ пайравӣ карда, ин тарзи баёни устодро дар ҳамаи нигоштаҳояш риоя менамуд.

Ҳамаи ин кӯшишҳои С. Айнӣ дар роҳи эҷоди назму наср, таҳрир ва таҳлили офаридаҳои муосиронаш, тавзеҳот ва баёни нозукиҳои забон, тарзи баён, истифодаи дуруст аз вожагони лаҳҷавӣ ба хотири софтар, тозатар ва равонтар кардани забони адабии тоҷикӣ буд.

Аз ин ҷост, ки А. Лоҳтӣ ҳамчун яке аз шогирдони вафодори устод Айнӣ ҳар як навиштаҷоташро ҳатман аз таҳрири ӯ бароварда пасон ба чоп мефиристод. Масалан, ӯ дар як номаи дигараш ба устод Айнӣ аз Ҳабиб Юсуфӣ навишта, арз мекунад, ки Юсуфӣ шеъри лирикии тозаэҷоди ӯро мухолифи ҷавонон эътироф намудааст. Устод дар ҷавоби ин нома аз лирикаи шеъри А. Лоҳутӣ ситоиш намуда, ӯро руҳбаланд месозад. Устод руҳияву ҳаяҷонии худро аз забони шеъри софу беғубори А. Лоҳутӣ, ки сухани классикони бузурги форсу тоҷикро сарчашмаи кори худ донистааст, баён намуда, ҳатто муболиғаомез менависад, ки классикон намунаҳои баланде мисли ашъори Лоҳутӣ надоранд.

«Азбаски дар байни мову шумо нифоқу риёро ҷое нест, як хӯшаро, ки дар ин мақтаи шеър ба хотирам расид, изҳор кунам. Ин дар мисраи «Покиза бидораш, ки ба ҳастӣ сабаб аст ин» аст. Ман гумон мекунам, ки дар байни ҳукамои қадим як ҳамин гуна ҷараён буда, ишқро сабаби хилқат мешуморанд, баъзе мутафаккирони сӯфияи ислом ҳам ин назарияро бо таъбирҳои гуногун дар таълимоти худ даровардаанд. Ин таълимот бояд ба марксизм мухолиф бошад, лекин ман дар ҳақиқат на он назарияи ҳукамои қадим ва на марксизмро ба хубӣ намедонам. Шумо инҳоро аз ман беҳтар медонед. Фикр карда бинед, ки агар дар ҳақиқат ҳамин гуна фикрҳо дар таърихи фалсафа бошад ва ба марксизм мухолиф бошад, дар вақти ба чоп фиристодан ин мисраро ислоҳ хоҳед кард. Аммо агар

ман дар ин фикри худ хато карда бошам, хатоямро бо самимият хоҳед бахшид» [23, с. 106-107].

Аз ин мактуби устод Айнӣ маълум мешавад, ки ӯ ба ашъори шоири боистеъдод А. Лоҳутӣ баҳои баланд додааасту ин шеърро «саҳли мумтанеъ» гуфтааст ва бо вуҷуди ин, самимона аз як нуқси ночизи ин шеър шоирро огоҳ сохта, барои ислоҳи он маслиҳати амалӣ ироа кардааст.

Ҳамин тавр, хадамоти устод Айнӣ дар роҳи ғанисозии забони адабии тоҷикӣ ва пок кардани он аз ноҷӯриҳо дар тамоми мақолаву мактубҳо ва қайдҳои ӯ дар хусуси забони адабӣ, забони асарҳои бадеӣ мунъакис шудаанд. Ин ақидаҳои устод Айнӣ барои забоншиносии замони мо низ пураҳаммият буда, аз ҳар ҷиҳат қобили таваҷҷуҳ ва пажӯҳишоти тоза бояд бошанд. С. Айнӣ дар мактубҳое, ки ба А. Лоҳутӣ фиристодааст, дар бораи масъалаи забони асари бадеӣ, махсусан забони шеърҳои ӯ ҷавобҳои муфассале гуфтааст, ки бори дигар бузургии дониши ин шахсияти соҳибтаҷрибаро бозгӯ мекунад.

Мулоҳизаҳои устод Айнӣ дар мисоли мактубҳояш ба А. Лоҳутӣ дар хусуси маҳорати суханварӣ, махсусан доир ба забони шеърҳои А. Лоҳутӣ аз ҳар ҷиҳат арзишманд буда, ба сифати дастур ва нишондод доир ба хусусиятҳои забони шеър, хусусан забони адабии тоҷик, барои пешравии адабиёт то кунун самараи хубе медиҳанд.

3.2. Тафсилоти таълифи «Луғати нимтафсилии тоҷикӣ барои забони адабии тоҷик»

Як ҷиҳати бисёр муҳимми кори эҷодии устод Айниро дар соҳаи забоншиносӣ тартиби «Луғати нимтафсилии тоҷикӣ барои забони адабии тоҷик» ташкил кардааст. Ин шоҳкории нависанда ба адибони ҷавони асри гузашта кумаки арзанда расонда, дар эҷоди аввалин намунаҳои осори лексикографӣ ба сифати як сарчашмаи муътамад ва дастрас хидмат мерасонид. Устод Айнӣ болои «Луғати нимтафсилии тоҷикӣ барои забони адабии тоҷик» дар солҳои 1936-1938 кор карда, китоби мазкурро ба итмом расонидааст.

Тафсилоти тартиби ин луғатро худи устод дар номаҳояш ба А. Лоҳутӣ баён кардааст. Ин номаҳо нишон медиҳанд, ки устод дар кори омодасозии луғат беш аз пеш дақиққортар шуда, барои дуруст ба итмом расонидани он бисёре аз корҳои дигари эҷодиашро канор мегузорад ва машаққати ёфтани манбаъҳо ва сарчашмаҳоро, ки ба гуфтаи худаш беназму тартиб буданд, таҳаммул месозад.

Пеш аз он ки ба таҳлили мактуби мазкур гузарем, гуфтан бамаврид аст, ки илми луғат як қисми муҳимми таълимоти забоншиносии устод Айнӣ буда, дар ин доира низ бисёр бодиққат барои тавзеҳи калимаҳои классикон ва таъбирҳои халқӣ кор кардааст. Ӯ ҳамчун луғатдону луғатшинос онҳоро аз ҳамдигар фарқ кунонда, дар роҳи дуруст ворид кардани онҳо ба забони адабии нави тоҷикӣ хадамоти шоистаеро анҷом додааст.

Устод дар кори тартиби луғат, пеш аз ҳама, ба ду чиз аҳаммияти ҷиддӣ додааст: якум бо тартиб ва мувофиқи алифбо ҷой додани калимаву иборот, дувум дуруст интихоб кардани воҳид ва таркибҳои лаҳҷавӣ ва ёфтани баробарҳои дақиқи онҳо дар забони адабӣ.

Айнишиносон арзиши чунин китобро эътироф намуданду онро дар ҷилди дувоздаҳуми Куллиёти устод Айнӣ ҷой додаанд. Аз ҷумла дар муқаддимаи китоб дар ин бора аз гуфтаи муҳаррирон маълум аст, ки устод Айнӣ барои омода намудани ин китоб солҳо вақт сарф кардааст. Ҳамчунон иттилоъ дода шудааст, ки замони ба нашр омода намудани Куллиёт (ҷилди 12) аз бойгонии устод сиёҳнависҳои луғатро пайдо мекунанд.

Устод Айнӣ дар шароити нави таърихӣ масъалаи демократӣ кардан ва ба омма наздик намудани забони адабии тоҷикро бо китоби таълифнамудааш ба таври қатъӣ ба миён гузошта, луғатҳои пешинаро, ки тамоман маъноҳои худро гум кардаанд, баъзеашро мувофиқи талаботи ҳозира маънидод намуда ва вожаҳоеро, ки дар луғатҳои пешина дохил нашуда буданд, бо камоли эҳтиёткорӣ ҷамъоварӣ намуда, ба онҳо шарҳу эзоҳи пурқимат навиштааст. Ӯ барои тартиб додани ин кор, пеш аз ҳама, луғатҳои барҷастаи забони зиндаи халқро дар китоб фароҳам овардааст, ки А. Маҳмадаминов дар рисолааш доир ба ин масъала менависад: «Устод Айнӣ ҳамчун донандаи беҳамтои забони адабиёти классикӣ ва

забони зиндаи халқ дар луғати худ калимаҳоро бо тамоми нозукиҳояш маънидод кардааст. Муаллиф калимаҳоро бо камоли маҳорат хеле содаву фаҳмо шарҳ дода, барои равшантар шудани маънои онҳо аз адабиёти хаттӣ ва аз забони гуфтугӯ шоҳид ва далелҳои боэътимоду қатъӣ овардааст.

Мақсади Айнӣ аз навиштани луғат маърифатнок кардани оммаи меҳнаткаш, омӯзиши мероси пурсарвати гузашта, тадқиқи ҳарҷонибаи забони тоҷикӣ, ба кори эҷодӣ ҳидоят намудани адибони ҷавон ва ба ин восита тараққӣ додани адабиёт ва маданияти нави тоҷик мебошад» [99, с. 36-37].

Албатта, чунин шоҳкории устод Айнӣ барои васеъ гардидани забони илмӣ ва адабии тоҷик хазинаи пурбаҳоест, ки адибон хидмати устодро ба назар гирифта, дар бораи ин китоб фикрҳои худро гуфтаанд.

«Луғати нимтафсилии тоҷикӣ барои забони адабии тоҷик», – навиштааст Р. Шарофов, – бештар барои истифода аз адабиёти классикӣ тартиб дода шудааст. Дар луғат дар паҳлуи калимаи асосӣ тарзи навишти он ба алифбои арабии тоҷикӣ дода шудааст. Мураттаб ёфтани луғат аз тарафи устод Айнӣ барои минбаъд аз бар кардани таърихи забон ва махсусан лексикологияи таърихӣ аҳаммияти беандоза дорад» [141, с. 134].

Дар мактуби 7 октябри соли 1938, ки устод Айнӣ ба А. Лоҳутӣ ирсол намудааст, бо баёни муфассал доир ба «Луғати нимтафсилии тоҷикӣ барои забони адабии тоҷик» бо дилгармӣ сухан рафтааст. Аз ин мактуб машаққатҳои устод Айнӣ бештар маълум мешаванд. Зеро ки ӯ вожагони забони зиндаи халқ, забони классикӣ ва дигар луғатҳои муҳимро бо душвориву ранҷ барои дохил намудан ҷудо карда, дар роҳи бевосита ҷамъ овардани вожаҳои тоза аз лаҳҷаи мардум кӯшишҳоеро ба харҷ додааст, ки то замони ӯ касе анҷом надодааст. Ин кӯшиши устод Айнӣ барои ҳимояи забони тоҷикӣ дар фаъолияти илмӣ ва адабии нависанда яке аз қисмҳои муҳимми кори эҷодии ӯ ба шумор меравад ва ақидаҳои нависандаро оид ба калимаҳои забони тоҷикӣ нишон медиҳад ва аз ҳамин ҷиҳат, омӯхтани ин ҷиҳати мактубҳои устод Айнӣ аҳаммияти калон дорад.

Устод Айнӣ аз иваз шудани алифбои тоҷикон пеши худ шояд натиҷа гирифта бошад, ки дастрасии насли ҷавон ва оянда ба сарчашмаҳои форсии

луғавӣ мушкилтар мегардад ва омода намудани луғати наверо ба хотири пайванд додани забони муосири тоҷикӣ ба гузаштаи он вазифаи худ мешуморад. Албатта, устод ин кори худро тибқи аҳдномае, ки бо Нашриёти давлатии Тоҷикистон баста буд, анҷом додааст.

Устод дар вақти тартиб додани «Луғати нимтафсилии тоҷикӣ барои забони адабии тоҷик» ба А. Лоҳутӣ дар мактуби мазкур изҳори андеша менамояд ва қайдҳояшро барои омодасозии ин кор чунин менигорад: «Худам имрӯзҳо ба кори луғат машғулам. Ман ба Тоҷгиз соли 35-ум як муоҳида баста будам, ки як луғати тоҷикии нимтафсила тартиб диҳам. Медонед, ки дар дасти тоҷикони Осиёи Миёна ду-се луғат ҳаст, машҳуртарини онҳо «Ғиёс»* ва «Бурҳони қотеъ»* аст. Аммо ҷавонон, ҳатто арабидонҳои онҳо ҳам аз ин луғатҳо фоида бурдан наметавонанд, зеро тартиб бисёр куҳна ва луғатҳо бо чизҳое, ки ҳаргиз даркор намешаванд, пуранд. Бинобар ин, барои кофта ёфтани як луғати матлуб вараҳҳоро гардонидан ва саҳифаҳоро хондан лозим меояд, аммо ҷавононе, ки дар замони охир саводнок шудаанд ва арабиро намедонанд, аз он луғатҳо ҳеҷ фоида бурда наметавонанд. Бинобар ин, хостам, ки ба асоси ҳамон луғатҳои куҳна як луғати тоҷикӣ ба тоҷикӣ бо усули замонӣ тартиб диҳам» [23, с. 30].

Ҷараёни тартиби кори устодро дар идомаи нома мебинем, ки чӣ гуна будааст. Устод менависад: «Корро ба ин тартиб пеш гирифтам: Аз луғатҳои куҳна ҳар чизеро, ки мурда буд ва ба забони мо даркор намешавад, партофтам, чизҳои даркориро гирифтам. Чизҳои даркорӣ ҳам ду қисманд: як қисми онҳо барои таҳрир ва мутолиаи адабиёти имрӯза ба кор мераванд ва қисми дигарашон барои мутолиа ва фоида бурдан аз адабиёти классикӣ. Медонед, ки ба ин сабаб хеле луғатҳои арабӣ ва форсии қадим, ки дар адабиёти классикӣ ҳастанд, гирифта мешавад ва манбаи дигари ман халқ аст. Ҳар кадом бобро ба забони халқ, ки то ҳол дар ягон луғат дида нашудааст, аммо миёнаи мардум зинда ва дар гуфтушунид аст, пур мекунам.

Дар тафсили луғатҳои куҳна ҳам маънии куҳнаашро, ки дар адабиёти классикӣ ва дар забони имрӯза нест, партофтам ва он маъниҳояшро, ки имрӯз зинда аст, гирифта истодам» [23, с. 31].

Чунончи дида шуд, дар ин нома аз гуфтаҳои устод бармеояд, ки пеш аз интихоби калимаҳо устод зарурияти шарҳи онро ҳаматарафа месанҷад: куҳнаву замонавӣ будани онҳо, даркору нодаркор, лозим ё нолозим буданашонро барои шарҳи забони классикҳо. Ҳамчунин, устод забони зиндаи халқро манбаи дигари тартиби луғати худ шинохта, барои ворид кардани калимаҳои лаҳҷавӣ ба луғаташ интихоби вожаҳои дурустро вазифаи худ донистааст.

Устод Айнӣ тартиби ин луғатро барои забоншиносони оянда як ганҷинаи нодире дониста, аз ҳамин сабаб, то анҷом додани ин масъулияти бузург ба дигар кор худро водор намекунад, ки ин ҷиҳати кори ӯ аз рӯйи эҳтиёткорӣ ва машғул накардани ҳофизаи худ ба дигар чизҳо будааст. Дар охири мактуб аз гуруҳи забоншиносони ҳамонвақта гиламанд шудааст, ки вақти тартиби кори луғатро ду сол кашол ва бар замми ин пули зиёди давлатро ба талаф додааанду ин рафтори онҳо ҳеҷ самара набахшидааст. Дар ин бора устод давом медиҳад: «Агар ба тамом кардани ин кор комёб шавам, гумон мекунам, ки барои ҷавонон ва забони адабии имрӯзаи тоҷик хазинаи калон ба вуҷуд ояд. Табиист, ки таҷриба ва кори аввалӣ бо хеле нуқсонҳо омехта мешавад. Бо вуҷуди ин, як асосе, ки дар оянда такмил ва ислоҳ кардани он осон аст, гузошта мешавад. Ман хаёл кардам, ки то тамом шудани кор ба кори дигар даст назанам, то ки чизҳои пеш-пеш навиштаам аз ёд набаромада, кор нисбатан зудтар ва осонтар тамом шавад. Ин коре, ки ман ба танҳоӣ сар кардам, корест, ки Бектош бо роҳбарии Нисормуҳаммад бо як дастаи калони «забоншиносон» сар карда, ду сол «кор карданд» ва садҳо ҳазор суми давлат харҷ шуду дар натиҷа чизе ҳам нашуд» [23, с. 31].

Аз ин номаи зикршудаи устод Айнӣ ба А. Лоҳутӣ донишманди беназири забони тоҷикӣ будани устод Айнӣ возеҳ аст. Ӯ ҳамчун шахси ғамхору дилсӯз ба мутахассисони соҳаи луғат дар кори тартибу таълифи луғат ёрии калон расонидааст. Устод Айнӣ, пеш аз ҳама, барои бароварда сохтани эҳтиёҷоти мардумаш ба ин кор машғул шудааст ва ин муроди худро танҳо ба шоири инқилобӣ А. Лоҳутӣ арз кардааст. Аз ҳамин ҷост, ки ин мактуби устод як ҷиҳати таърихи адабиёти тоҷикро ва махсусан, тарзи эҷодкории устодро доир ба таълифи китоби мазкур аз ҳамон давра равшан мекунад.

Устод Айнӣ ҳанӯз дар муқаддимаи ин китоб низ хатоҳои ҷиддии дар забони тоҷик мавҷуд бударо нишон дода, «забоншинос»-и ба номро зери танқид қарор дода, чунин навишта буд: «Ман вақте ки ба тартиб додани «Луғати нимтафсилии забони адабии тоҷик» даромадам, аз ҳама пештар эҳтиёҷи оммаи босаводшудаи Тоҷикистон ва ҷавонони таҳсили ибтидоӣ, миёна ва олӣ дидаистодаи тоҷикро ба назар гирифтам. Имрӯз забони адабии тоҷик он забон нест, ки пеш аз Революцияи Кабири Октябр котибони қозӣ ва ҳакимон бо ҷамъ кардани нусхаи панҷоҳ иншои гуногуншакли якрангмазмун вайро дар бар мегирифтанд, имрӯз забони адабии тоҷик он забон нест, ки муллоҳои мадраса ба воситаи дар тоқчаи ҳуҷра гузоштани «Ғиёс-ул-луғот» ва «Мунтахаб-ул-луғот», «Забони илмидон» мешуданд ва инчунин имрӯз забони адабии тоҷик он забон нест, ки пеш аз Революцияи Сотсиалистӣ шоиртарошон ё ин ки шоиршавандагон бо ёд кардани панҷ-шаш ғазал ва навиштани се-чор мувашшаҳ «устоди забон» мегардиданд» [13, с. 14].

Устод Айнӣ дар роҳи таълифи луғат ба ояндаи нек менигарад ва бештар ба омӯзонидани ҷавонон меандешаду суханашро давом дода мегӯяд: «Имрӯз барои васеъ кардани забони илмӣ ва адабии тоҷик ва барои фаҳмида хондани оммаи босаводшудаи тоҷик ва ҷавонони таҳсилдидаи ӯ ба китобҳои луғати гуногун муҳтоҷем: мо бояд дар ҳар фан луғатҳои алоҳидаи илмӣ ва барои таъмин кардани талаби ҷавонони бодониш шудаистодаи тоҷик қомусҳо дошта бошем; ...инчунин, – навиштааст ӯ, – мо китоби луғате дошта бошем, ки хазинаи забони халқро дарбар гирифта бошад ва забони зиндаи халқро ба пеши коркунони илмӣ ва адабӣ мисли материал тайёр карда монад» [13, с. 14].

С. Айнӣ бо луғатҳои ҷамъ овардааш ва шарҳи мукаммалу мураттаб доданаш ба онҳо комёб шудааст, ки барои дуруст дарк намудани китобҳои пешин ва ҳозира ба дигарон раҳнамое ҳадя карда бошад.

Бояд тазаккур намуд, ки тартиб додани ин шоҳкории устод Айнӣ дар кори луғат, таҷрибаи аввалин дар давраи нави инкишофи забони адабӣ ба ҳисоб рафта, сазовори баҳои баланди донишмандони бузурги Шарқу Ғарб, аз ҷумла Е. Э. Бертелс низ гардидааст. Мактубе, ки Е. Э. Бертелс ба устод Айнӣ бо унвони

«Устоди донишманди муаззам!» фиристодааст, далели ин гуфтаҳост. Е. Э. Бертелс бо эҳтиром менависад: «Дар ин рӯзҳо рафиқ Зингер дар шуъбаи ленинградии Нашриёти тоҷик шоҳкории нави Шуморо ба ман нишон додааст, яъне «Луғати забони адабии тоҷик»-ро. Баъзе қисматҳои онро хонда баромадам ва гуфта метавонам, ки ғайр аз Шумо, ҳеҷ каси дигар аз уҳдаи чунин коре наметавонад барояд. Ин китоб як ганҷинаест аз ҷавоҳири гаронбаҳо, моломоли як асарест, ки ҳазорон мардум метавонанд солҳои дароз аз он истифода кунанд. Ман, ки чанд сол аст кор мекунам, то як луғатчаи тоҷикӣ ба русӣ тартиб кунам, хуб метавонам ташхис кунам, чӣ қадар маълумот ва чӣ ранҷ боист бурда шавад, то чунин асаре ба анҷом расад. Бо он ҳама баъд аз хонда баромадани он баъзе шубҳаҳо пайдо шуд ва мехоҳам Шуморо аз он иттилоъ бидиҳам. Рафиқ Зингер гуфта буд, ки ман бояд ин китобро таҳрир (редаксия) кунам. Ба назарам, ин таҳрир аз тарафи ман ғайр аз рафъ кардани ғалатҳои чопӣ ҳеҷ чизе дигар нахоҳад буд, чунки маълумоти ман дар соҳаи забони тоҷикӣ назар ба маълумоти Шумо маълумоти як бачаи ҳафтсола барин мебошад назар ба маълумоти Ҳаким Абуалӣ Сино» [54, с. 10-12].

Яъне, заковату бартарӣ ва дониши беҳамтои устод Айнӣ дар соҳаи забондонию нозукиҳои калом ва тарзи баёни тоҷикӣ аз назари Е. Э. Бертелс хуб таъкид ёфтааст.

Воқеан, дар мактубе, ки устод Айнӣ ба унвони А. Лоҳутӣ ирсол намудаст, доир ба ин гуфтаҳо далелҳои равшан баён шудаанд. Ин мактуб аз ҷиҳати моҳияти худ дарбаргирандаи доираи васеи масъалаҳои тартиби луғат аст, ки нозукиҳои таълифи чунин корро устод бо як масъулияти бисёр ҳам беандоза ба зимма гирифта, дар ҳалли он кӯшидааст. Андешаҳои устод Айнӣ барои кори луғат дар мактубаш ба А. Лоҳутӣ як хусусияти эҷодкории ӯро ба таври намоён нишон медиҳад, ки ин ҷиҳати кори устод барои насли имрӯза роҳкушову ҳидояткунанда маҳсуб мешавад.

3.3. Зарурати шарҳу тавзеҳи луғатҳо аз ҷониби устод Айнӣ

Маълум аст, ки як бахши назару андешаҳои устод Айниро мулоҳиза ва ё тавзеҳоти ӯ ба ин ё он калимаи тоҷикӣ, баромади таърихии он ё сайри таърихии онҳо ва шарҳи калимаҳои иқтибосӣ дар забони тоҷикӣ ташкил медиҳанд, ки аксаран муфассал ва арзишноканд. Ба ҳамин маъно устод Айнӣ мулоҳизаҳои шахсии худро оид ба таркиби сарфии калимаҳои забони тоҷикӣ дар мақолаҳояш, хосса дар мактубҳояш ба А. Лоҳутӣ ба таври густарда баён намудааст, ки бешубҳа ҷолиби таваҷҷуҳанд. Маълум аст, ки С. Айнӣ калимаи тоҷикро таҳлили илмӣ намудааст, ки дигарон пайрави ин ақида гаштаанд.

Бояд зикр намуд, ки як бахши фаъолияти забоншиносии С. Айниро тавзеҳи ӯ оид ба калимаҳои гуногуни таркиби луғавии забон ташкил кардаанд, ки аз чанд ҷиҳат арзишманд мебошанд. Нахуст ин, ки устод Айнӣ ба ин восита таркиби луғавии забонро бой намуда, роҳҳои сохта шудани калимаҳои аслан тоҷикиро нишон додааст, ба ин восита калимаҳоро ба зиндагии халқ марбут месозад. Дувум, ин тавзеҳот, ки зодаи табъи забоншиноси бакамолрасидае чун устод Айнӣ аст, барои умри минбаъдаи забони тоҷикӣ пешравиҳои ҷиддиеро ба бор овард.

«Як ҷиҳати бисёр муҳимми фаъолияти Айнӣ, – нигоштааст Ш. Рустамов, – дар соҳаи забоншиносӣ луғат мебошад. Айнӣ дар асарҳои илмиву адабӣ, дар қайду эзоҳоташ ба забону услуби нависандагон ва тарҷумонҳо дар бораи таркиби луғавӣ, муносибати маъноии калимаҳо, мавқеи истифодаи ҳар як калимаву ибора эътибор дода, онҳоро ҳамчун олими забардасти забоншинос маънидод карда, дар эҷодиёти бою серсоҳааш моҳирона истифода намудааст» [122, с. 78].

Устод Айнӣ ба фаъолияти эҷодиаш дар соҳаи луғатшиносӣ диққати ҷиддӣ додааст. Ӯ бо ин навиштаҳо ва намунаи нави луғат ворисони худ, яъне лаҳҷашиносон ва ҳавасмандони ин соҳаро бо дурдонаҳои забони зинда ва ба хазинаи забони халқ раҳнамун сохт.

Устод Айнӣ донандаи бемисли луғатҳои форсию тоҷикӣ буд ва ба навқаламон шарҳи онҳоро ба пуррагӣ маънидод мекард, ки ҷое мегӯяд: «Баъзе касоне, ки ба забони тоҷикӣ дуруст ошно нестанд, «забони тоҷикӣ аз форсӣ чӣ

қадар фарқ дорад?» гуфта мепурсанд, аммо касе, ки ба адабиёти куҳна ва нави форсӣ ва тоҷикӣ шиносоӣ дорад, ба хубӣ медонад, ки дар миёни онҳо фарқи асосӣ нест. Дуруст, агар мо лаҳҷаҳои маҳаллиро дар назар гирем ва ба ҳамон нигоҳ карда забонро ба гуруҳҳо ҷудо кунем, на ин ки дар байни Эрон ва Осиёи Миёна, балки дар байни худи аҳолии Тоҷикистон ва Ӯзбекистон ҳам хеле лаҳҷаҳои ҷудогона ёфт мешавад» [10, с. 350].

Устод Айнӣ ба А. Лоҳутӣ низ дар мактубҳояш доир ба тарҷумаи луғатҳои форсию тоҷикӣ суҳбат намуда, ба шарҳу таҳлили онҳо бо қатъияту ҷиддият изҳори фикр намудааст. Махсусан, аз мактуби 21 июли соли 1946 ба А. Лоҳутӣ ирсол намудаи устод аён мешавад, ки миёни Лоҳутӣ ва чанде аз эрониёни сокини Маскав бар болои вожаи «ҷангара» муҳокима ба амал омадааст. Онҳо калимаи зикршударо сирф тоҷикӣ шуморида, пофишорӣ кардаанд, ки ин луғат ҳеҷ алоқае ба форсии Эрон надорад. Устод Айнӣ аз ин воқеаи эродгирии онҳо дар ҳайрат мондааст ва дар ду саҳифа ин калимаро аз рӯйи грамматика шарҳ додааст, инро моли холиси умумифорсизабонон гуфта, ақидаашро бо дилпурӣ исбот намудааст. «Далели ман ба тарзи зерин аст, ҷойи инкор нест, ки калимаи «ҷанг», ки решаи калимаи мазкур аст, аз рӯзи баромадани форсии ҷадид то имрӯз ҳам дар Эрон ва ҳам дар Тӯрон кор фармуда шуда омадааст. Инчунин муштаққоти ин калима, масалан «ҷанговар», ки исми сифатии мусбати ин калима аст, инчунин «ҷанггоҳ», ки исми макон аст ва инчунин «ҷангҷӯй», ки исми сифатии манфии ин калима аст, умумианд» [23, с. 117].

Устод Айнӣ дар давоми нома калимаи «ҷангара»-ро дар асоси қоидаҳои гуногун шарҳ дода, мутобиқи қоидаи забони форсӣ гуфтааст. Боз менависад, ки: «Қоидаи дигаре дар забони форсӣ ҳаст, ки мувофиқи он ҳар гоҳ исм ё сифати умумиро ба як чиз ё ба ягон гуруҳ махсус кардан хоҳанд, дар охири он калима часпаки «а» ё «ак»-ро мечаспонанд. Чунончи, «девор», ки маънии маълум дорад, вақте ки вайро ба асотираи даруни чоҳ ё ба давродаври кӯҳ махсус кардан хостанд, «девора» гуфтанд, ки мо ҳеҷ гоҳ аз ин калима маънии «девор»-и маълумро намефаҳмем ё ин ки калимаи «оташгир» ба ҳар чизу ба ҳар касе, ки қобилияти оташро гирифтан дошта бошад, содиқ меояд. Вақте ки хостанд ин

калимаро ба олати оҳанини маълуми оташбардор махсус кунанд, бо иловаи «ак» «оташгирак» гуфтаанд. Инчунин калимаи «тар» ба ҳар чизе, ки тарӣ – обият дошта бошад, рост меояд. Вақте ки мардум хостаанд ин калимаро ба сабзавоти махсус хос кунанд, «тара» гуфтанд.

Монанди ин калимаи «ҷангара», ки маънии умумии «ҷангкунанда» дошт, хостанд ба касе, ки бебоист (ё бо сабабҳои сохта) бо одамон ҷанг мекунад ва ҳамеша барои ҷанг сабабҳо омода менамояд, хос гардонданд, ба ин калима часпаки «а» илова намуда «ҷангара - ҷанг - гара» гуфтанд.

Мувофиқи қоидаи дигари забони форсӣ, ки ҳар гоҳ дар калимаҳои мураккаб ду ҳарф аз як ҷинс ё ҳарфи қариб алмахраҷ дар як ҷо ояд, яке аз онҳоро ҳазф мекунанд. (Чунончи, сафедор ба маънои дарахти маълум, ки дар асл сафеддор буд, ё ин ки «ягона», ки дар асл «як - гона» буд) яке аз ҳарфҳои «г»-ро ҳазф карда «ҷангара» гуфтанд ва аз ин калима маънии ҷангкунандаи манфӣ – бадро ифода намуданд (тоҷикон ин калимаро чунон ки ба одами ҷангҷӯй ба маънои манфиаш кор мефармудаанд, инчунин ба хурӯс, ба тагал (қӯч) ва монанди ин гуна парандагон ва ҳайвонот ҳам, ки зиёда ҷангдӯст бошанд, кор мефармоянд).

Дар ҳар ҳол ин гуна калимаҳоро, ки ҳеҷ набошад ҳамаи муштоқоташ дар адабиёт ва гуфтугузори ҳамаи форсизабонон кор фармуда мешаванд ва сохташ тамоман мувофиқи қоидаи забони форсӣ аст, аз оилаи забони форсӣ бароварда партофтан – дониста ё надониста, забони худро танг кардан аст» [23, с. 117-119].

Чӣ хеле ки дар нома қайдҳои устод Айнӣ ишора шуд, чӣ будани маънои тозагии забонро бо далелҳои равшан шарҳ додани калимаҳоро оварда, бо тамоми нозукиҳояшон баён намудааст. Бо далелҳои илмӣ ва бебаҳс собит сохтани умумияти калимаи ҷангара миёни форсизабонони Эрон ва Тӯрон аз тарафи устод Айнӣ воқеан, касро ба ҳайрат андохта, дониши пурғановати ӯро дар забон ва таърихи он сароҳатан бароямон маълум месозад. Дар айни замон, дар асоси он ба назар гирифтани таърихи калима ва дигар шудани маънои луғатро қайд кардааст.

Аз ин ҷо маълум мешавад, ки устод Айнӣ ба забони зиндаи халқ ҳамчун ба яке аз сарчашмаҳои хушкнашавандаи тараққиёти забони адабии имрӯзаи тоҷик

менигарад. Ӯ ҳамчун луғатшинос дар ин нома барои дуруст собит намудани калимаи «ҷангара» якчанд луғатро чун намуна оварда, бо далелҳову маъноҳои том ҷудо-ҷудо шарҳ дода, ба А. Лоҳутӣ фаҳмондааст ва бо ин қаноатманд нашуда, дар идомаи нома хондани рисолаи нашршудаи худ «Дар бораи Фирдавсӣ ва «Шоҳнома»-и ӯ»-ро, ки ба А. Лоҳутӣ тақдим намудааст, тавсия додааст.

Яке аз шогирдони устод Айнӣ – Р. Ҳошим аз хотираҳои худ дар бораи луғатдонию луғатшиносии устод навиштааст: «Ҳофизаи хеле зӯре дошт, луғати бисёреро бо тамоми ҷузъиёташ аз ёд медонист, вале бесанҷиш, бе дидани луғат, бе он ки тарафҳои гуногуни он калимаро як бори дигар тафтиш ва мулоҳиза кунад, ба навишта шудани он рухсат намедод» [133, с. 69].

Дар номаи навбатӣ устод Айнӣ зикр мекунад, ки роҳбари як шуъбаи нашриёт калимаи «даҳанмард»-ро нафаҳмидааст. Устод доир ба ин луғат низ шарҳ медиҳад, ки: «...Ин калима ҳам мисли калимаҳои боло дар ҳеҷ луғат набуда, танҳо дар даҳони мардум ҳаст, яъне тамоман халқӣ аст, пеш аз ин навиштаҳои ман дар адабиёт нагузаштааст ва маъниаш: «даҳанмард – одаме аст, ки касони дар атрофаш буда ба гапи вай медароянд ва дар вақти лузум ӯ аз тарафи онҳо монанди як вакили расмӣ гап задан мегирад. «Даҳанмард» аз «даҳанкалон» фарқнок аст. Даҳанкалон ҳамеша сифати салбии одамро баён мекунад, аммо даҳанмард гоҳо дар маънии салбӣ ва гоҳе дар маънии эҷобӣ меояд» [23, с. 123].

Устод Айнӣ бо камоли майл маънои ин калимаро низ, бо такя ба лаҳҷаи мардум таҳлили амиқ карда, дар асоси далелу санадҳо ба А. Лоҳутӣ маъноящро нишон додааст. Ӯ хатоҳои ҷиддии забоншиносонро, ки қоидаи забонро вайрон кардаанд, танқид мекунад ва дар асоси таҳлили амиқи худ ба А. Лоҳутӣ бедиққатӣ, сарсарӣ ва бетаваҷҷуҳ будану рафтори ношоистаи онҳоро нисбат ба забони тоҷикӣ нишон додааст.

Устод Айнӣ яке аз шахсиятҳои бузурги соҳаи забон буд, ки дар баробари таъкид намудани калимаҳову ибораҳои номафҳум, роҳҳои тоза намудани забони тоҷикиро бо аҳли қалам иброз медошт. Ӯ дар масъалаи бамаврид ва мувофиқи талаби услубӣ кор фармудани луғатҳои русӣ-байналмилалӣ низ эҳтиёткор буд ва дар ин соҳа таҷрибаи бое дошт. Аз ҳамин сабаб, бояд тазаккур дод, ки луғати

дучилдаи русӣ-тоҷикӣ низ дар зери роҳбарии устод Айнӣ тартиб ёфт, ки ин ҳолатро дар номае дар моҳи апрели 1940 ба А. Лоҳутӣ нигоштааст: «Худам ба тариқи доимӣ ба таҳрири «Луғати русӣ-тоҷикӣ» машғулам» [23, с. 97-98].

Устод Айнӣ донандаи чунин калимаҳои русӣ буд, ки як қисм калимаҳои таркиби луғавии забони тоҷикиро фаро гирифта буданд ва бо кӯшиши ӯ луғат ҳамагонӣ ба тартиб расид, ки барои ҷомеа истифодааш бефоида набудааст.

С. Айнӣ бештар барои тозагӣ ва содагии забон мубориза бурда, луғатҳоро чун дурдонаҳои қиматбаҳо пайи ҳам гузошта, ҳамчун луғатшиноси варзида, ҳангоми тафсири калимаҳо бо роҳу усули гуногун ва ба таври хулосавӣ ба хонандагон шарҳу тавзеҳ медод ва дар номаҳояш ҳам ба А. Лоҳутӣ дар ин бора хеле мулоҳизаҳои ҷолиб намудааст.

Дар мактубҳо устод Айнӣ ба А. Лоҳутӣ роҷеъ ба шарҳу тафсири луғатҳо сухан рондааст.

Дар мукотиботи С. Айнӣ, аз ҷумла дар мактубҳояш ба А. Лоҳутӣ масъалаҳои забони тоҷикӣ мақоми меҳварӣ дорад. Дар ин боб фикру мулоҳизаҳои арзишманди устод Айнӣ оид ба талабот ва меъёрҳои забони асари бадеӣ, хусусият ва назокати забони тоҷикӣ, фонди луғавӣ, таркиби луғавӣ, этимологияи калима ва ибораҳо, сермаъноии вожаҳо, маҳорати адиб дар корбасти забони адабӣ ва забони гуфтугӯйӣ, зарурати тартиб додани луғатҳои тафсирӣ ва тоза нигоҳ доштани забони адабӣ ва монанди инҳо мавриди таҳлилу тадқиқ қарор гирифтааст, ки аҳаммияти калони илмию амалӣ доранд.

3.4. Инъикоси лаҳзаҳои муҳимми таърихи адабиёти навини форсии тоҷикӣ дар номаҳои С. Айнӣ ва А. Лоҳутӣ

Мактубҳо, хотираҳо ва гуфтугӯи адибон С. Айнӣ ва А. Лоҳутӣ дар соҳаи адабиёт, илм ва фарҳанг сарчашмаи бузургест ва мо дар онҳо дар бораи саҳифаҳои номаълуми таърихи адабиёт ва шахсиятҳои машҳур, инчунин, воқеаҳои хотирмон маълумоте ёфта метавонем, ки дар ягон асари онҳо пайдо намешаванд.

Номаҳои ин нобиғаҳои адабӣ дар соҳаи муҳимми ҳаёти иҷтимоию маданӣ ҳамчун сарчашмаи пурқимат хизмат мекунанд. Чунки дар онҳо муҳимтарин лаҳзаҳои таърихӣ инъикос ёфтаанд.

Ҷиҳатҳои таърихии мактубҳои С. Айнӣ ва А. Лоҳутӣ бо фикру мулоҳизаҳои онҳо доир ба адабиёт, нақши он дар тарбияи завқи эстетикии одамон ифода ёфтааст, ки наслҳои нави адабиётшиносон аз фикру мулоҳизаҳои онҳо чун сарчашмаи хуби адабӣ истифода мебаранд.

Бояд гуфт, ки ҷиҳати таърихии номаҳои С. Айнӣ ва А. Лоҳутӣ дар он зоҳир мегардад, ки масъалаҳои адабӣ, фарҳангӣ ва маърифатӣ дар заминаи онҳо зиёд мавриди баррасӣ қарор гирифта, таваҷҷуҳи хонандаро ба худ мекашанд. Дар ин номаҳо мухтассоти он ҳамчун навъи махсуси адабӣ, илмӣ, ҳунари сухансароӣ, одоби муошират, қонунмандиҳои дохилӣ матраҳ гардидаанд.

Онҳо дорои мавзуъҳое мебошанд, ки ба адабиёт, забон, таърих, фарҳанг ва оила низ рабт мегиранд. Дар номаҳо чанд масъала роҷеъ ба худшиносӣ, худогоҳӣ, ҳодисаҳои ҳақиқати баъзе аз сафаҳоти рӯзгори адибон, инчунин, тартиби кори эҷодии онҳоро дидан мумкин аст.

Пажӯҳишу омӯзиши номаҳои С. Айнӣ ва А. Лоҳутӣ ба мо он вақт муяссар мешавад, ки аз онҳо саҳифаҳои таърихи ҳаёти мероси ниёгонамонро ҷустуҷӯ кунем. Хусусан, устод Айнӣ дар масъалаи дақиқ сохтани мероси гузаштагонамон бисёр иқдоми бузургеро пеша кардаанд, ки пайдо намудани қабри устод Рӯдакӣ яке аз онҳост. Маҳз кӯшишҳои устод буд, ки соли 1925 ҷашни Рӯдакӣ дар Тоҷикистон баргузор гардид. Дар мактуби 25 октябри соли 1940 муфассал доир ба пайдо намудани қабри устод Рӯдакӣ устод Айнӣ ба А. Лоҳутӣ маълумот додааст, ки хеле манбаи нодирест.

Яке аз мавзуъҳои ҳамешагии номаҳои ин устодон таҳрир ва баррасии эҷоди худи онҳо аст, ки мехостанд аз якдигар оид ба эҷоди худ фикру мулоҳиза гирифта, аз онҳо барои беҳтар шудани сифати осорашон истифода баранд. Чунонки маълум шуд, дар хусуси аҳаммияти романи «Ғуломон»-и устод Айнӣ А. Лоҳутӣ дар мактуби 29 октябри 1937 ҳарфҳои пурарзиш гуфтааст. Ба ҳамин монанд боз дар мактуби 4 декабри соли 1927 ирсол намудааш А. Лоҳутӣ ба устод

Айнӣ доир ба шуҳрат пайдо намудани «Намунаи адабиёти тоҷик» дар Эрон маълумот додааст. Мувофиқи суханони А. Лоҳутӣ дар Эрон низ мардумаш иштиёқманди китоби С. Айнӣ будаанд.

Дар мактубҳо ин нукта шоёни диққат аст, ки ғазалҳои навоваронаи А. Лоҳутӣ ба баҳои баланди устод Айнӣ сазовор шудаанд. Масалан, ӯ дар номае аз таърихи 18 марти 1939 менависад, ки «...ғазали охирӣ «Парвоз кун, эй мурғи вафо, болу парат ку?...» вирди забон ва дилхоликунии ман гардид» [23, с. 66].

Ҳар як мактуби А. Лоҳутӣ чунонки дар фаслҳои гуногуни рисола вохурдем, аз он гувоҳӣ медиҳад, ки шоир аз суханони арзишманд ва роҳнамоиҳои ин пири хирад баҳраи вофир мебурдааст. Мустаҳкам намудани робитаи эҷодии ҳарду дар номаҳо бо дастгирӣ аз ақидаҳои пурарзиши гаронбаҳояшон далели он аст, ки мустаҳкам намудани пояҳои таърихи адабиёти навини форсии тоҷикӣ аз онҳо вобастагии қавӣ дорад.

Хусусияти камназири мактубҳои С. Айнӣ ва А. Лоҳутӣ боз дар он зоҳир мегардад, ки як далелу санади наве дар соҳаи айнишиносону лоҳутишиносон, хосса дар таърихи адабиёти навини форсии тоҷикӣ буда, ҳанӯз падидаи нав ва омухтанӣ аст.

Номаҳо аз розҳои ниҳонӣ ва ҷонфидоиҳои ин пештозони адабиёти муосири тоҷик моро воқиф менамоянд. Ва онҳо равшангари саҳифаи ҳаёту талошҳои ин фозилони давр дар роҳи устувор кардани ҳақиқати таърих барои тараққиву инкишофи адабиёти навини форсии тоҷикӣ ҳастанд. Лаҳзаҳоеро дар рӯзгори онҳо аз номаҳо пай бурдем, ки аз давраҳои туҳматҳои тезу тунди замони шахспарастӣ дарак медиҳанд ва дар он тарафдории онҳо аз якдигар дар он рӯзҳои мушкилтарин дида мешавад.

Гуфтан ҷоиз аст, ки тамоми номаҳои ирсолнамудаи устодон Айнию А. Лоҳутӣ бегумон таваҷҷуҳи ҳамагонро ба худ хоҳанд кашид. Дар онҳо лаҳзаҳои муҳимми таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ ошкор гардидаанд, ки як далелу нишонаи хеле муҳимми ҳақиқатгӯиву ҳақиқатнигории адибонро дар назди таърих ва ҷомеа нишон медиҳанд.

Дар маҷмуъ, тамоми мактубҳо ва асарҳои устод Айнӣ, махсусан номаҳои ба А. Лоҳутӣ фиристодааш ҷиҳатҳои гуногуни адабӣ ва маърифатӣ, таърих, этнография, археология ва мадорики гаронбаҳоеро дар бар кардаанд, ки ба илму фарҳанги миллӣ таъсири амиқ мерасонад.

Албатта, ҳамаи номаҳои устод Айнӣ дорои маърифати баланд ва нисбати адабу фарҳангамон дорои суханҳое мебошанд, ки барои тарбияи адибони ҷавони тамоми давру замон низ ёрӣ мерасонанд. Бояд гуфт, ки арзиши мактубҳои онҳо дар ин аст, ки ин бузургон дар онҳо дар боби ин ё он рӯйдод изҳори ақида намуда, ба ин васила ҷойгоҳи худро дар шакл гирифтани таърихи адабиёти навини тоҷик нохудогоҳ муқаррар сохтаанд. Чунонки маълум аст, нома нуқтаи назари як шахс ё гуруҳи одамон доир ба зиндагӣ ё паҳлуҳои гуногуни он, муаммоҳои ҳаёт, ҷамъият ва давлат мебошад. Дар номаҳои нависанда бошад, дар бораи эҷоди нависандагон, аз бурду бохти онҳо изҳори ақида карда мешавад. Бинобар ин, бо боварии комил гуфтан мумкин аст, ки мактубҳои нависандагон, алалхусус мукотиботи С. Айнӣ ва А. Лоҳутӣ як навъ ҳисоботи эҷодии ин ду шоҳсутуни адабиёт ба хонандагон мебошад.

ХУЛОСА

Нома ва номанигорӣ дар фарҳанги форсизабонон, аз ҷумла мо, тоҷикон, таърихи қадима дошта, маншаи он ба замони ҳукмронии Сосониён (451-224 пеш аз милод) рафта мерасад. Пайдоиши он ҳамчун касби ҷудогона ва нахустпояи ҳунари нависандагӣ дар марҳалаҳои гуногун шаклгирии комили сохториро аз сар гузаронидааст. Пас аз ташаккули комили сохторӣ нома ба ду забони вақт: арабӣ ва форсии тоҷикӣ дар таърихи номанигории форсизабон марҳалаи ҷадиде оғоз мешавад, ки онро ба унвони шуъбае аз илми ҷудогона муаррифӣ менамояд. Дар қисмати улуми адабӣ фанни иншои наср, ё худ «фанни дабирӣ ва иншои расоили девонӣ» мавқеи муҳимро ишғол менамояд. Батадриҷ, дар натиҷаи маърифати илмии сохтори он, ҷиҳати назарии нома такмил меёбад. Ин падида сабаб мегардад, ки дар баробари равишҳои маъмули илмӣ дар асрҳои миёна ҷамъ ва тадвини намунаи номаҳои адибон аз тарафи худи эҷодкорон ва шахсони дигар шакл мегирад ва то кунун идома меёбад.

Дар адабиёти муосири тоҷик низ ин анъанаи қадима амалан дар миёни адибон ва аҳли зиё идома пайдо мекунад. Хусусан донишмандону муҳаққиқон кӯшидаанд, ки мукотиботи адибон ба хонандагон ва аҳли таҳқиқ номаълум намонад. Чунонки аз тафсилоти диссертатсия низ маълум мешавад, ин анъанаи қадимаи форсизабонон ҳамчун як ҷузъи фарҳанги ин миллат дар симои устод Айнӣ, А. Лоҳутӣ, М. Турсунзода, А. Деҳотӣ, Ҷ. Икромӣ ва дигарон ба сурати нахустпояи ҳунари нависандагӣ ва ниёзи иҷтимоии паёмрасонӣ хидмат карда меояд.

Мукотиботи С. Айнӣ ва А. Лоҳутӣ, дар баробари воситаи иттилоърасонӣ, инчунин муҳимтарин мавзуъҳои иҷтимоию сиёсии замони шуравиро ба хонанда бозкушоӣ менамоянд ва аз муборизаҳои адолатхоҳонаи ин ду суханвари бузург дарак медиҳанд. Бояд қайд намуд, ки донишмандон бобати мукотиботи С. Айнӣ ва А. Лоҳутӣ бештар машғули баргардон, таҳия ва чопи номаҳо будаанд. Аммо мо дар диссертатсия кӯшиш намудаем, ки бештар масъалаҳои муҳимми таърихи

адабиёти тоҷик ва мавзуъҳои муҳимми забониро дар заминаи номаҳои С. Айнӣ ва А. Лоҳутӣ баррасӣ намоем.

Аз мутолиаи номаҳои гуногуни устод Айнӣ ва андешаҳои ӯ дар таркиби асарҳои адабӣ ва бадеияш маълум мегардад, ки нависанда аз қонунмандиҳои жанрии нома дар адабиёти классикии форсу тоҷик огоҳ буда, ҳамчун бунёдгузори адабиёти муосири тоҷик ба ин жанри қадимаи форсу тоҷик аҳаммияти ҷиддӣ додааст. Дар марҳалаи нави таърихи халқи тоҷик устод Айнӣ ҳамчун классики адабиёти Шарқ, поягузори мактаби адабии реалистӣ дар Осиёи Марказӣ ва кишварҳои ҳамзабон, бузургтарин нависандаи хирадманд ва мутафаккири донишманди тамоми Шарқ дар радифи Лу Син, Робиндранат Такур ва Тоҳо Ҳусайн эътироф шудааст, ки аз хидматҳои бузурги ин донишманди шаҳир шаҳодат медиҳад. Мукотиботи устод Айнӣ низ бузургии шахсияти ӯро ҳамчун муборизи роҳи адолати иҷтимоӣ баён дошта, нақши ӯро дар масъалаи муҳимми замони шуравии тоҷик ташвиқ ва тарбияи қувваҳои нави эҷодӣ ба адабиёти шуроии тоҷик муайян менамоянд.

Дар хулосаи диссертатсия дастовардҳои таҳқиқот, масъалаҳои марбут ба омӯзиши номаҳои С. Айнӣ ва А. Лоҳутӣ, инъикоси рӯзгор, фаъолияти эҷодию ҷамъиятӣ, мавзую муҳтавои ашъор, ворисияти адабию навпардозӣ, забону услуб ва ҷанбаҳои назарии адабиёт дар номаҳои С. Айнӣ натиҷагирӣ гардидаанд, ки муҳимтарини онҳо ба таври зайл аст:

1. Нақши С. Айнӣ ва А. Лоҳутӣ дар раванди инкишофи номанигории тоҷик назаррас аст. Онҳо барои дастгирии ҳамдигар ва рушди адабиёти нави тоҷик ва тарбияи насли нави ҳаваскори адабиёт ба воситаи жанри нома ва суҳбату маслиҳатҳои пайваста ва идомаи анъанаи номанигории форсии тоҷикӣ саҳми бориз гузоштаанд. С. Айнӣ ва А. Лоҳутӣ бо истифодаи ҳадафмандона аз имконоти жанрии нома, дар заминаи насри миллӣ, як силсила номаҳои арзишмандро эҷод кардаанд, ки насри номанигории муосири тоҷикро ғановат мебахшанд [5-М].

2. Таҳлил ва баррасии робитаи дӯстӣ ва эҷодии Айнӣ ва А. Лоҳутӣ аз ҷумлаи муҳимтарин мавзуъҳои адабиёти муосири тоҷик аст. Метавон гуфт, ки робитаи дӯстӣ ва эҷодии ин ду суханвари бузург барои адабиёти тоҷик манфиати зиёде расонидааст. Аз

мактубҳо маълум мешавад, ки С. Айнӣ аз навидҳои ҳаёти шахсӣ ва эҷодии худ пайваста рафиқи шафиқи худро огоҳ менамояд ва ба ин восита саҳифаҳои нозуки ҳаёти шахсии худро ба хонанда мекушояд. А. Лоҳутӣ низ ба дӯсти фозили муҳтарами худ аз лаҳзаҳои ҳаёти шахсӣ ва эҷодии худ иттилоъ додааст, ки дар диссертатсия баррасӣ шудаанд [7-М].

3. Аксари номаҳои С. Айнӣ ҷанбаи қавии омӯзишӣ ва ё рози зиндагӣ гуфтанро доранд. Бо истифодаи ҳунармандона аз ин шева ва бо назардошти имконоти жанрии нома устод Айнӣ дар солҳои мудҳиши шахспарастӣ чанд нома ба А. Лоҳутӣ навиштааст, ки онҳо ҳолати руҳию равонии муаллифро инъикос намуда, хидматҳои бузурги А. Лоҳутиро бозгӯ менамоянд. Дар ин қабил номаҳо ҳолати руҳӣ ва ҷузъиёти муҳимми зиндагиномаи С. Айнӣ баён шудаанд. Аз ин лиҳоз, номаҳои дар солҳои таъқибот эҷодшуда (номаҳои С. Айнӣ аз таърихи 21 октябри 1936, 17 январи 1937, 14 марти 1937, 7 октябри 1937, 6 ноябри 1937, 8 майи 1938, 25 майи 1938) саргузашти муаллифро инъикос менамоянд. Ин ҷанбаи номаҳоро дар фасли дувуми боби аввал баррасӣ намудем [9-М].

4. Муҳимтарин ҷанбаи мукотиботи С. Айнӣ ва А. Лоҳутӣ дар он зоҳир мегардад, ки номаҳо афкори адабию эстетикии муаллифонро инъикос менамоянд. Бинобар ин, масъалаҳои анъана ва навовариҳои А. Лоҳутӣ аз назари С. Айнӣ, мулоҳизаҳои устод Айнӣ оид ба шеъру шоирӣ, мундарича ва шакли шеър дар диссертатсия баррасӣ шудаанд. Аксари номаҳои устод Айнӣ ҷанбаи қавии назариявӣ доранд, зеро муаллиф кӯшиш менамояд, ки шеърҳои А. Лоҳутиро аз рӯйи масъалаҳои фавқуззикр муаррифӣ намояд. Ӯ самимияту ҳунари шоирии А. Лоҳутиро дар офаридани шеърҳо дар мавзуъҳои муҳимми ҷомеаи сотсиалистӣ баён менамояд. Гуфтан мумкин аст, ки С. Айнӣ аз нахустин хонанда ва мунаққидони шеърҳои А. Лоҳутӣ будааст, ки далели равшани ин андеша мукотибаи эшон буда метавонад [1-М; 8-М].

5. Дар номаҳои С. Айнӣ масъалаҳои муҳимми замон инъикос меёбанд. Аз ҷумлаи чунин масъалаҳо, ин омӯзиши мероси адабӣ ва таъини ҳуқуқи тоҷикон ба осори классикони миллати худ аст. Метавон ба чунин хулоса омад, ки масъалаи мазкур дар мукотиботи устод Айнӣ бисёр нозукона ва мӯшикофона баррасӣ мегардад, ки имрӯз низ қимати худро ҳифз намуда меояд.

Дар номаҳо С. Айнӣ таҳқиқ ва омӯзиши устод Рӯдакӣ, Саъдии Шерозӣ ва дигар чеҳраҳои адабиро ба миён мегузорад. Дар ин гуна номаҳо нақши афзояндаи андешарониҳои илмӣ ва сухани илмии танқидӣ ҷойро барои сухани паёмрасонӣ маҳдуд кардаанд. Амиқтар таҳлил намудани нуктаҳои миҳимми омӯзиши рӯзгор ва осори ин чеҳраҳои адабӣ, тақвият ёфтани андешаҳои нави илмӣ, таҳлилҳои филологии муосир дар нисбати ин чеҳраҳо, муайян намудани нуктаҳои муҳимми осор, эътибор ба ҳофизаи таърихии миллат, ки асоси ҳушмандии миллатро ташкил медиҳанд, хуб ба мушоҳида мерасанд [2-М].

6. Номаҳои А. Лоҳутӣ низ марзи ниёзи иҷтимоиро гузашта, ҷанбаи адабӣ-танқидӣ мегиранд. Чунончи, номаҳои фиристодаи А. Лоҳутӣ ба Айнӣ, муҳимтарин андешаҳои муаллифро оид ба осори устод Айнӣ ва маҳорати адабии ин нависанда баён менамоянд. Чунонки дар мавриди андешаҳои С. Айнӣ оид ба ашъори А. Лоҳутӣ таъкид намудем, инчунин дар мавриди номаҳои А. Лоҳутӣ низ гуфта метавонем, ки нахустин хонанда ва мунаққиди осори Айнӣ А. Лоҳутӣ будааст [10-М].

7. Дар номаҳои С. Айнӣ, ки ба суроғаи А. Лоҳутӣ фиристода шудаанд, масъалаҳои забони тоҷикӣ авлавият пайдо мекунанд. Устод Айнӣ дар номаҳо андешаҳои ҷолиби таваҷҷуҳеро оид ба забони адабии муосири тоҷик, баҳсҳои нақизу беасоси мухолифони забони адабии тоҷикӣ ва таҳлилҳои илмии забонии худро барои ҷавоб гуфтан ба ин гуна иддаоҳо, забони асари бадеӣ, тафсилоти таълифи луғати забони адабии тоҷик, зарурати таърихӣ-адабии ин луғат ва шарҳу тавзеҳи моддаҳои луғавии навро ба миён гузошта, бо камоли возеҳият масъалагузорӣ менамояд. Аз ин ҷост, ки баъзан устод Айнӣ як мактуби худро ба шарҳу тавзеҳи калимаҳои мардумӣ бахшида, сохти калимаҳои мураккаб ва қарибулмахраҷи форсии тоҷикиро баён менамояд [6-М].

8. Аз мактубҳо маълум мегардад, ки устод Айнӣ дар муносибат ба забони адабии тоҷик роҳу равиши чеҳраҳои бузурги адабиёти ҳазорсолаи форсии тоҷикиро пеш гирифтааст. Ин роҳу равиши устод Айниро дар забон метавон роҳи бузургони дирӯзу имрӯзи миллат, роҳи пайванд ҷустан ба аслу асолати худ ва дар маҷмуъ, роҳи раҳоию растагории забони миллӣ аз банди забонҳои бегона ва шоҳроҳи рушду такмили забони модарӣ арзёбӣ намуд [3-М].

9. Аз нигоҳи масъалаҳои таърихи адабиёти тоҷик ва забони тоҷикӣ номаҳои устод Айнӣ вижагии хос доранд. Дар аксарияти номаҳои нависанда бартарӣ ёфтани масъала ва муаммоҳои замон, масъалаҳои муҳимми адабиётшиносӣ, масъалаҳои муҳимми марбут ба забони адабии тоҷик на аз рӯйи меъёрҳои гузаштаи илмӣ, балки тибқи динамикаи меъёрҳои замон баррасӣ мегарданд. Аз ин ҷост, ки аксарияти мулоҳизаҳои С. Айнӣ дар фазои илмии муосир низ қимати худро нигоҳ дошта меоянд [2-М].

10. Жанри нома ҳамчун як воситаи муҳимми баёни афкори адабию танқидии устод Айнӣ қувват гирифта, имкониятҳои жанрии худро афзудааст. Аз ин ҷост, ки мукотиботи Айнӣ бо адибони тоҷик, аз ҷумла мукотиботи ӯ бо А. Лоҳутӣ як бахши муҳимми афкори адабиётшиносию забоншиносии ӯро ташкил дода, арзиши илмӣ, таърихӣ, адабӣ, маърифатӣ ва тарбиявиро молик гаштаанд [10-М; 11-М].

ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚ

1. Натиҷаҳои диссертатсия, пеш аз ҳама, метавонанд дар таҳқиқи минбаъдаи мукотибаи С. Айнӣ ва А. Лоҳутӣ ва корҳои манусб ба номанигорӣ истифода шаванд.

2. Ҳангоми омӯзиши номаҳои адибон, аз ҷумла, мукотибаи С. Айнӣ ва А. Лоҳутӣ дар факултетҳои филологию рӯзноманигории муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба эътибор гирифтани натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур тавсия мешаванд. Мавод ва хулосаҳои диссертатсияро ҳангоми омӯзиши зиндагиномаи устод Айнӣ ва А. Лоҳутӣ бо муҳимтарин масъалаҳои он чун муҳаббати дӯстию рафоқат миёни адибон, ифодаи иродаи эҷодии адибон дар бораи осори ҳамдигар, ҳамкории эҷодӣ ва ҳамеша дар фикри фарҳангу маънавияти миллат будан метавон васеъ истифода кард.

3. Яке аз жанрҳои нақди адабӣ нома мебошад. Таҳлилу омӯзиши номаҳои устод Айнӣ ин жанри танқиди адабиро рушд дода, пажӯҳишгаронро водор мекунад, ки ба таҳқиқи осори адибони давраи нави тоҷик, ки дар шакли нома офарида шудаанд, таваҷҷуҳи бештар зоҳир намоянд, то афкори адабию эстетикии адибон ба хонанда пешкаш гардад.

4. Дар диссертатсия таъкид бар он меравад, ки шеърҳои зиёди А. Лоҳутӣ дар натиҷаи меҳнати зиёди шоир ҳангоми таҳрири пайдарпай ва маслиҳатҳои судманди устод Айнӣ чун асарҳои барҷастаи бадеӣ мавқеъ пайдо карда, масъалаҳои муҳимми эҷоди бадеӣ равшан менамояд. Ин мактаби омӯзишест дар таълифи асари бадеӣ барои эҷодкорон, аз ҷумла эҷодкорони ҷавон.

5. Тавре маълум аст, аксари адибони муосири тоҷик, аз ҷумала устод С. Айнӣ, бори аввал фикру мулоҳизаҳои худро ба воситаи мактуб ба ҳамдигар баён мекарданд. Аз ин рӯ, зарур аст, ки дар раванди таҳқиқи масъалаҳои адабиёти давраи нав таъсиру мавқеи нома дар фаъолияти эҷодии адибон ба эътибор гирифта шавад.

6. Дар диссертатсия оид ба масъалаҳои забони тоҷикӣ муфассал сухан рафта, мулоҳизаҳои устод Айнӣ оид ба этимология ва вижагиҳои лексикаи забони тоҷикӣ, таркиб ва ҷумлаҳои классикӣ аз ҷониби нависанда ба таҳқиқ кашида шудааст. Аз ин

қисмати диссертатсия метавонанд мутахассисони илмҳои забоншиносӣ низ истифода намоянд.

7. Дар таҳқиқи таърихи эҷоди асар мавқеи муҳим доштани мактубҳо ва андешаҳову гузоришҳои устод Айнӣ таъкид мешавад. Ин ҳолат муҳаққиқонро водор мекунад, ки дар таҳқиқи афкори адабиётшиносии адибон на танҳо аз китобҳо ва мақолаҳои илмӣ, балки аз номаҳо низ истифода намоянд.

8. Дар замони Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон омӯзишу таҳқиқи осори устод Айнӣ ба марҳалаи нав ворид гардид. Натиҷаҳои диссертатсия метавонанд дар таҳқиқи минбаъдаи осори насрӣ ва диди эстетикиву маҳорати нигорандагӣ, инчунин афкори адабию эстетикии нависанда ёрии амалӣ расонанд.

РӮЙХАТИ АДАБИЁТ:

I. Сарчашмаҳо:

а) бо забони тоҷикӣ

1. Аз мукотибаи Садриддин Айнӣ ба адибони тоҷик (Ба чоп тайёркунанда: Х. Айнӣ) [Матн] // Шарқи сурх. – 1962. – № 12. – С. 88-98.
2. Аз мактубҳои Айнӣ ба адибони тоҷик (Ба чоп тайёркунанда: Х. Айнӣ) [Матн] // Шарқи сурх. – 1963. – №4. – С. 68-69.
3. Айнӣ, С. Ҷавоби ман [Матн] / С. Айнӣ // Барои адабиёти сотсиалистӣ. – 1933. – №4. – С. 20-23.
4. Айнӣ, С. Устод Рӯдакӣ [Матн] / С. Айнӣ //Шарқи сурх.– 1940. – №2 – С. 30-40.
5. Айнӣ, С. Қабри устод Рӯдакӣ [Матн] / С. Айнӣ // Шарқи сурх. – 1940. – №5. – С. 25-27.
6. Айнӣ, С. Баъзе қайдҳо оид ба аҳволи забоншиносӣ дар Тоҷикистон [Матн] / Айнӣ // Тоҷикистони сурх. – 1952. – 12 июл. – С. 3-8.
7. Айнӣ, С. Ба Ҷ. Икромӣ! [Матн] / С. Айнӣ // Шарқи сурх. – 1956. – №4. – С. 94-97.
8. Айнӣ, С. Рафиқи шафиқ ва дӯстдори меҳрубон Лоҳутӣ! [Матн] / С. Айнӣ // Шарқи сурх. – 1956. – №7. – С. 55-57.
9. Айнӣ, С. Шайх Муслиҳиддин Саъдии Шерозӣ [Матн] / С. Айнӣ // Куллиёт. Ҷилди 11. Китоби якум. – Душанбе: Ирфон, 1963. – 436 с.
10. Айнӣ, С. Куллиёт. Ҷилди 11. Китоби дуюм (Тартибдиҳанда ва ба чоп тайёркунанда: К. Айнӣ) / С. Айнӣ. – Душанбе: Ирфон, 1964. – 436 с.
11. Айнӣ, С. Мактуби кушода ба рафиқ Толис [Матн] / С. Айнӣ // П. Толис Повест ва ҳикояҳо. – Душанбе: Ирфон, 1966. – С. 14-20.
12. Айнӣ, С. Ба рафиқ Шанбезода Накҳат! [Матн] / С. Айнӣ // Садои Шарқ. – 1969. – №4. – С. 94-97.
13. Айнӣ, С. Куллиёт [Матн] / С. Айнӣ. Ҷилди 12. – Душанбе: Ирфон, 1976. – 816 с.

14. Айнӣ, С. Куллиёт. Ҷилди 8 [Матн] / С. Айнӣ. – Душанбе: Ирфон, 1981. – 524 с.
15. Айнӣ, С. Ёддоштҳо. Дар ду ҷилд (Ба чоп тайёркунандагон: К. Айнӣ ва М. Шукуров) [Матн] / С. Айнӣ. –Душанбе: Адиб, 1990. – 352 с.
16. Айнӣ, С. Ёддоштҳо. Дар ду ҷилд (Ба чоп тайёркунандагон: К. Айнӣ ва М. Шукуров) [Матн] / С. Айнӣ. –Душанбе: Адиб, 1990. – 352 с.
17. Айнӣ С. Мунтахаби асарҳои илмӣ. Ҷилди 2 (Мураттиб: Амирхӯҷа Абдураҳимов) [Матн] / С. Айнӣ. – Душанбе: Дониш, 2008. – 256 с.
18. Айнӣ, С. Ёддоштҳо (Чаҳор қисм дар як китоб) [Матн] / С. Айнӣ // Энтсиклопедияи насри муосири тоҷик. – Душанбе, 2009. – 680 с.
19. Айнӣ, С. Намунаи адабиёти тоҷик (Аз хатти форсӣ таҳия ва тасҳеҳи Мубашшир Акбарзод) [Матн] / С. Айнӣ. – Душанбе: Адиб, 2010. – 448 с.
20. Афлотун. Ҷумҳур (Таҳияи Суҳроби Ваҳҳоб, таҳрир ва тавзеҳоти Р. Т. Ваҳҳоб) [Матн] /Афлотун;.– Душанбе: Китобхонаи «Садои Шарқ», 2011.– 296 с.
21. Лоҳутӣ, А. Номаҳо (Мураттиб ва муаллифи тавзеҳот: Хуршеда Отахонова) [Матн] / А. Лоҳутӣ. – Душанбе: Адиб, 2004. – 112 с.
22. Мукотибаи Садриддин Айнӣ ва Абулқосим Лоҳутӣ (Ба чоп ҳозиркунанда ва муаллифи тавзеҳот: Х. Отахонова) [Матн]. – Душанбе: Дониш, 1978. – 83 с.
23. Мукотибаи С. Айнӣ ва А. Лоҳутӣ. Нашри дувум бо такмил ва иловаҳо (Ба чоп тайёркунанда ва муаллифи тавзеҳот: Х. Отахонова) [Матн]. – Душанбе: Деваштич, 2003. – 140 с.
24. Мукотибаи устод Айнӣ ва устод Лоҳутӣ [Матн] // Садои Шарқ. – 2014. – №12. – С. 44-69.
25. Осимӣ, М. Доғ шуста шуд [Матн] / М. Осимӣ // Тоҷикистони советӣ. – 1988. – 4 декабр. – С. 2.
26. Отахонова, Х. Ду мактуби устод [Матн] / Х. Отахонова // Занони Тоҷикистон. – 1978. – №4. – С. 3.
27. Розӣ, Ш. Қ. Ал-муъҷам (Муаллифи сарсухану тавзеҳот ва ҳозиркунандаи чоп: У.Тоиров) [Матн] / Шамси Қайси Розӣ. – Душанбе: Адиб, 1991. – 464 с.

II. Асару мақолаҳои илмӣ:

а) бо забони тоҷикӣ

28. Айнӣ, К. Мактубҳои Садриддин Айнӣ ба Мирзо Турсунзода [Матн] / К. Айнӣ // Ҷумҳурият. – 2001. – 14 апрел. – С. 3.
29. Айнӣ, К. Бист гуфтор аз маънавият [Матн] / К. Айнӣ. – Душанбе: Адиб, 2004. – 240 с.
30. Абдулманнонов, А. Равияҳои услубӣ дар ғазалиёти Лоҳутӣ [Матн] / А. Абдулманнонов // Ахбороти Академияи фанҳои РСС Тоҷикистон (Шуъбаи фалсафа). – 1987. – №2. – С. 14-19.
31. Абдулманнонов, А. Ҷон дар тани шеър [Матн] / А. Абдулманнонов // Адабиёт ва санъат. – 2014. – 11 сентябр. – С. 13.
32. Абдулманнонов, А. Лирика [Матн] / А. Абдуманнонов, Х. Отахонова, Ҳ. Шодиқулов // Абулқосим Лоҳутӣ (Очеркҳои мухтасар). – Душанбе: Адиб, 1987. – 160 с.
33. Абдулло, Ғ. Мулоқотҳо бо ду устод [Матн] (Айнӣ ва А. Лоҳутӣ) / Ғ. Абдулло // Шарқи сурх. – 1963. – №4. – С. 43-48.
34. Айнӣ, К. Луғати Айнӣ [Матн] / К. Айнӣ // Садои Шарқ. – 1974. – №4. – С 124-128.
35. Айнӣ, К. Чанд номаи устод Айнӣ [Матн] / К. Айнӣ // Садои Шарқ. – 1977. – №4. – С. 68-69.
36. Алимардонов, А. Устод Айнӣ – нахустин рӯдакишинос [Матн] / А. Алимардонов // Ахбороти Академияи фанҳои РСС Тоҷикистон. Шуъбаи фанҳои ҷамъиятӣ. – Душанбе, 1979. – №4. – С. 71-76.
37. Аслонова, Н. Симои Садриддин Айнӣ дар насри муосири тоҷик [Матн] / Н. Аслонова. – Душанбе: Деваштич, 2006. – 135 с.
38. Аслонова, Н. Сайри таърихии нома ва номанигорӣ дар эҷодиёти Садриддин Айнӣ [Матн] / Н. Аслонова. – Маҷмуаи илмии ДМТ, 2009. – №8. – С. 234-237.
39. Аслонова, Н. Нома – баёнгари ҷузъе аз андешаҳои адабӣ – эстетикии Айнӣ [Матн] / Н. Аслонова // Маҷмуаи илмии ДМТ, 2010. – №5. – С. 265-369.

40. Аслонова, Н. Айнӣ – бузурге аз дунёи форсизабон [Матн] / Н. Аслонова. – Душанбе: Шуҷоиён, 2010. – 214 с.
41. Аслонова, Н. Андешаҳои адабӣ – эстетикии С. Айнӣ [Матн] / Н. Аслонова. – Душанбе: Шуҷоиён, 2012. – 335 с.
42. Аслонова, Н. Мукотиботи С. Айнӣ ва М. Раҳимӣ [Матн] / Н. Аслонова // Адабиёт ва санъат. – 2013. – 11 апрел. – С. 3.
43. Асозода, Х. Иловаҳо ба шарҳи ҳоли устод Айнӣ [Матн] / Х. Асозода. – Душанбе: Деваштич, 2004. – 92 с.
44. Асозода, Х. Адабиёти тоҷик. Китоби дарсӣ барои синфи 11 [Матн] / Х. Асозода, А. Кӯчаров. – Душанбе: Тайфун-Менеҷмент, 2007. – 400 с.
45. Асозода, Х. Саргузашти устод Лоҳутӣ [Матн] / Х. Асозода. – Душанбе: Деваштич, 2009. – 303 с.
46. Асозода, Х. Саҳифае аз мактуби эҷодии устод Айнӣ [Матн] / Х. Асозода // Адабиёт ва санъат, 2009. – 16 апрел. – С. 2.
47. Асозода, Х. Воқеият, сиёсат ва С. Айнӣ [Матн] / Х. Асозода. – Душанбе: Шуҷоиён, 2010. – 208 с.
48. Асозода, Х. Садриддин Айнӣ дар миён ҳаст ва хоҳад буд [Матн] / Х. Асозода. – Душанбе: Бухоро, 2012. – 192 с.
49. Асозода, Х. Абулқосим Лоҳутӣ [Матн] / Х. Асозода // Таърихи адабиёти тоҷик. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2014. – С. 288-348.
50. Афсаҳзод, А. Номаҳо ва пайғомҳо (Таҳия ва тадвини А. Афсаҳзод ва А. Аббосӣ) [Матн] / А. Афсаҳзод. – Душанбе: Дониш, 2015. – 204 с.
51. Баҳриддинова, Ҳ. Айнӣ – аввалин шоири советии тоҷик [Матн] / Ҳ. Баҳриддинова // Тоҷикистони сурх. – 1953. – 25 апрел. – С. 4.
52. Бертелс, Е. Э. Лоҳутӣ [Матн] / Е. Э. Бертелс // Девони Лоҳутӣ. – М.: Нашриёти давлатии адабиёти бадеӣ, 1939. – С. 5-26.
53. Бертелс, Е. Э. Ҳамкасбон дар бораи Лоҳутӣ [Матн] / Е. Э. Бертелс // Тоҷикистони советӣ. – 1962. – 23 декабр. – С. 3.
54. Бертелс, Е. Э. Ба устод Айнӣ. Устоди донишманди муаззам! [Матн] / Е.Э. Бертелс // Адабиёт ва санъат. – 2015. – 5 ноябр. – С. 12.
55. Бобоев, Ю. Ду классик – ду сутуни адабиёт [Матн] / Ю. Бобоев // Тоҷикистони советӣ. – 1962. – 12 декабр. – С. 3.

56. Бобоев, Ю. Ду симои бузург [Матн] Ю. Бобоев // Тоҷикистони советӣ. – 1963. – 10 апрел. – С. 2.
57. Бону, А. Лоҳутӣ. Дӯстии ду устод [Матн] / Бону // Маданияти Тоҷикистон. – 1981. – 4 декабр. – С. 3.
58. Брагинский, И. Ҳаёт ва эҷодиёти Садриддин Айнӣ [Матн] / И. Брагинский. – Душанбе: Ирфон, 1968. – 196 с. Брагинский, И. Проблемы творчества Садриддина Айни [Текст] / И. Брагинский. – Душанбе: Ирфон, 1974. – 196 с.
59. Ваҳҳоб, Р. Поэтикаи вазн ва хусусиятҳои ритмии назми муосири тоҷик [Матн] / Р. Ваҳҳоб. – Душанбе: Ирфон, 2009. – 200 с.
60. Ваҳҳобзода, Р. Шеър ва дониш [Матн] / Р. Ваҳҳобзода // Адабиёт ва санъат, – 2016. – 24 ноябр. – С. 3.
61. Ғанӣ, С. Ду устод [Матн] /С. Ғанӣ // Маориф ва маданият. – 1968. – 20 август. – С. 2.
62. Ғаффоров, Р. Устод Айнӣ ва забони адабии имрӯзаи тоҷик [Матн] / Р. Ғаффоров // Мактаби советӣ. – 1978. – №4. – С. 20-25.
63. Ғаффоров, У. Айнӣ ва Лоҳутӣ. Номаҳое, ки муҳиммияти таърихӣ доранд [Матн] / У. Ғаффоров // Ҷумҳурият. – 2019. – 11 июл. – С. 3.
64. Давронов, С. Навпардозиҳои Лоҳутӣ [Матн] / С. Давронов // Садои Шарқ. – 1967. – №2. – С. 138-147.
65. Давронов, С. Вазни ашъори Лоҳутӣ (Оид ба проблемаи анъана ва навоварӣ дар назми советии тоҷик) [Матн] / С. Давронов. – Душанбе: Дониш, 1974. – 164 с.
66. Давлатов, М. Ғазалҳои иҷтимоӣ – сиёсии А. Лоҳутӣ [Матн] / М. Давлатов // Шарқи сурх. – 1964. – №4. – С. 118-137.
67. Давлатов, М. Чанд сухан роҷеъ ба ғазалиёти А. Лоҳутӣ [Матн] / М. Давлатов // Маориф ва маданият. – 1967. – 25 ноябр. – С. 3-41.
68. Давлатов, М. Ғазал ва анъанаи он дар эҷодиёти А. Лоҳутӣ [Матн] / М. Давлатов. – Душанбе: Дониш, 1973. – 190 с.
69. Давлатов, М. Сарояндаи инқилоб [Матн] / М. Давлатов. – Душанбе: Ирфон, 1985. – 56 с.
70. Деҳотӣ, А. Як мактуби пурқимат [Матн] / А. Деҳотӣ // Садои Шарқ. – 1958. – №4. – С. 49-57.

71. Икромӣ, Ҷ. Устоди ман, мактаби ман, худи ман [Матн] / Ҷ. Икромӣ. – Душанбе: Ирфон, 1970. – 120 с.
72. Икромӣ, Ҷ. Он чӣ аз сар гузашт [Матн] / Ҷ. Икромӣ // Ёддоштҳо. – Душанбе: Шарқи озод, 2009. – 328 с.
73. Имомзода, М. Манбаи омӯзиш [Матн] / М. Имомзода, М. Зайниддинзода // Адабиёт ва санъат. – 2021. – 1 апрел. – С. 6-7.
74. Имомов, М. Ҷаҳонбинӣ ва тафаккури бадеии Садриддин Айнӣ [Матн] / М. Имомов. – Душанбе: Матбуот. – 2001. – 118 с.
75. Комиссаров, Б. Айнӣ ва мероси адабӣ [Матн] / Б. Комиссаров // Садои Шарқ. – 1978. – №2. – С. 133-137.
76. Кӯҳзод, У. Размӣ ранҷбари замон [Матн] / У. Кӯҳзод // Лоҳутӣ ва баъди ӯ. – Душанбе: Чопхонаи осорхонаи миллии Тоҷикистон, 2002. – С. 3-9.
77. Кӯчаров, А. Масъалаҳои матншиносии адабиёти тоҷик [Матн] /А. Кӯчаров. – Душанбе: Маориф, 1994. – 114 с.
78. Кӯчаров, А. Мавқеи матншиносӣ дар таълими Айнӣ [Матн] /А. Кӯчаров // Адаб. – 2000. – №2. – С. 43-47.
79. Кӯчаров, А. Ҷанбаи таҳририи номаҳои Айнӣ [Матн] / А. Кӯчаров // Адабиёт ва санъат, 2013. – 17 сентябр. – С. 4.
80. Кӯчаров, А. Ду мактуби нашрношудаи устод Айнӣ [Матн] / А. Кӯчаров // Ҷумҳурият. – 2013. – 9 апрел. – С 3.
81. Кӯчаров, А. Ду сардафтар: Саҳми устод Айнӣ дар муайян намудани оромгоҳи устод Рӯдакӣ [Матн] / А. Кӯчаров // Адабиёт ва санъат. – 2019. – 16 май. – С. 13.
82. Ленин, В. И. Вазифаҳои иттифоқи ҷавонон [Матн] / В. И. Ленин. – Душанбе: Ирфон, 1980. – 80 с.
83. Лоҳутӣ, А. Девони Лоҳутӣ [Матн] / А. Лоҳутӣ. – Сталинобод – Ленинград: Нашрдавтоҷик., 1938. – 408 с.
84. Лоҳутӣ, А. Шеърҳои тоҷикистонӣ (Муҳаррири масъул: Бону) [Бо ҳуруфи лотинӣ] [Матн] / А. Лоҳутӣ. – Сталинобод: Нашрдавтоҷик., 1940. – 160 с.
85. Лоҳутӣ, А. Куллиёт. Ҷилди 6 [Матн] /А. Лоҳутӣ. – Сталинобод: Нашрдавтоҷик., 1963. – 336 с.

86. Лоҳутӣ, А. Ба муносибати 75-солагии Айнӣ [Матн] /А. Лоҳутӣ // Занони Тоҷикистон. – 1977. – №6. – С. 16-17.
87. Лоҳутӣ, А. Номаҳо (Мураттиб ва муаллифи тавзеҳот: Хуршеда Отахонова) [Матн] / А. Лоҳутӣ. – Душанбе: Адиб, 2004. – 112 с.
88. Мактаби адабии устод Садриддин Айнӣ (Пажӯҳиш, тадвин ва таҳия аз Камолиддин Садриддинзодаи Айнӣ) [Матн]. – Душанбе: Ирфон, 2010. – 202 с.
89. Маликзод, А. Номанигории устод Айнӣ [Матн] / А. Маликзод // Садои Шарқ. – № 8. – 2021. – С. 40-48.
90. Манбаи омӯзиш. Мактубҳои Соҳиб Табаров ба Абдулҳамид Самадов (Мураттиб ва муаллифи пешгуфтор: Муҳаммадюсуф Имомзода, Муртазо Зайниддинзода) [Матн]. – Душанбе: Истеъдод, 2021. – 72 с.
91. Маниёзов, А. Публитсистика ва назми С. Айнӣ [Матн] / А. Маниёзов. – Сталинобод: Нашрдавтоҷик., 1958. – 152 с.
92. Маниёзов, А. Садриддин Айнӣ ва адабиёти рус [Матн] /А. Маниёзов // Паёми бародарӣ. Маҷмуаи мақолаҳо оид ба робитаҳои халқи тоҷик. – Душанбе, 1972. – С. 34-42.
93. Маҳмадаминов, А. Аввалин мунаққиди барҷаста / А. Маҳмадаминов // Тоҷикистони советӣ. – 1978. – 1 март. – С. 3.
94. Маҳмадаминов, А. Гуфторе аз боби худшиносӣ [Матн] / А. Маҳмадаминов // Адаб. – 1987. – №3-4. – С. 5-6.
95. Маҳмадаминов, А. Дар чорсӯйи таърих [Матн] / А. Маҳмадаминов // Садои Шарқ. – 1987. – №4. – С. 120-126.
96. Маҳмадаминов, А. Адабиётшиносӣ ва худогоҳии миллӣ [Матн] / А. Маҳмадаминов. – Душанбе: Сино, 1998. – 211 с.
97. Маҳмадаминов, А. Айнишиносӣ ва замони ҳозира [Матн] / А. Маҳмадаминов. – Душанбе: Эҷод. – 2005. – 160 с.
98. Маҳмадаминов, А. Сухан аз корномаи Лоҳутӣ [Матн] / А. Маҳмадаминов. – Душанбе: Эҷод, 2007. – 100 с.
99. Маҳмадаминов, А. Садриддини Айнӣ – олим [Матн] / А. Маҳмадаминов. – Душанбе: Истеъдод, 2010. – 64 с.

100. Маъсумӣ, Н. Рол ва мавқеи Садриддин Айнӣ дар мубориза барои забони адабии тоҷик баъд аз Револютсияи Октябр [Матн] / Н. Маъсумӣ // Шарқи сурх. – 1954. – №8. – С. 87-105.
101. Маъсумӣ, Н. Ёддоштҳои Сарвари Гӯё дар бораи Айнӣ [Матн] / Н. Маъсумӣ // Шарқи сурх, – 1963. – №4. – С. 52 – 55.
102. Мирзозода, Х. Тасвири халқи тоҷик ва Тоҷикистон дар ашъори А. Лоҳутӣ [Матн] / Х. Мирзозода // Мактаби советӣ. – 1957. – №12. – С. 44 – 50.
103. Мирзозода, Х. Абулқосим Аҳмадзода Лоҳутӣ [Матн] /Х. Мирзозода // Абулқосим Лоҳутӣ. Куллиёт. Ҷилди 6 (Тартибдиҳандагон: Бону Лоҳутӣ ва А. Розенфелд). – Душанбе: Нашрдавтоҷик., 1963. – С. 257-272.
104. Мирзозода, Х. Анъана ва навоварӣ дар ашъори Абулқосим Лоҳутӣ [Матн] / Х. Мирзозода // Ёдбуди Лоҳутӣ. – Душанбе: Дониш, 1974. – С. 102-120.
105. Мирзоев, А. Рӯдакӣ ва инкишофи ғазал дар асрҳои X-XV [Матн] /А. Мирзоев // Сездаҳ мақола. – Душанбе: Ирфон, 1977. – С. 5-52.
106. Мукотибаи устод Шакурӣ [Матн] / М. Шакурӣ (Тартибдиҳанда: Дилафрӯз Икромӣ). – Душанбе: Дониш, 2015. – 616 с.
107. Муқумов, Р. Устод Айнӣ доир ба санъати афсонапардозии Лоҳутӣ [Матн] / Р. Муқумов // Ҷашнномаи Айнӣ. Ҷилди IX. –Душанбе: Дониш. – 2002. – 107 – С. 113.
108. Нарзиқул, М. Таърих ва назарияи номанигорӣ (Аз қадим то давраи Амир Хусрави Деҳлавӣ) [Матн] / М. Нарзиқул. – Душанбе: Сино, 2009. – 141 с.
109. Нарзиқул, М. «Эъҷози Хусравӣ» ва мақоми он дар таърихи афкори адабии форсии тоҷикӣ [Матн] / М. Нарзиқул. – Душанбе: Сино, 2009, – 176 с.
110. Нарзиқул, М. Нома ва номанигорӣ. Китоби дарсӣ [Матн] / М. Нарзиқул. – Душанбе: Сино, 2013. – 278 с.
111. Насриддинов, А. Абулқосим Лоҳутӣ [Матн] / А. Насриддинов. – Душанбе: Дониш, 1968. – 44 с.
112. Нуров, Н. Шарҳи ғазали А. Лоҳутӣ [Матн] / Н. Нуров // Омӯзгор. – 2014. – 14 январ. – С. 4.
113. Одина, Ҷ. Шоири оташсухан [Матн] / Ҷ. Одина // Тоҷикистон. – 1957. – №12. – С. 8-9.

114. Отахонова, Х. Абулқосим Лоҳутӣ ва Садриддин Айнӣ [Матн] / Х. Отахонова // Падидаҳои навҷӯй. – Душанбе: Ирфон, 1972. – 175 с.
115. Отахонова, Х. Чанд масъалаи забон дар мактубҳои устод Айнӣ [Матн] / Х. Отахонова // Ҷашнномаи Айнӣ. Ҷилди IX. – Душанбе: Дониш, 2002. – С. 150-161.
116. Раҳмон, Э. Забони миллат – ҳастии миллат [Матн] / Э. Раҳмон. – Душанбе Эр-граф, 2016. – 516 с.
117. Раҳмон, Э. Зиндагонӣ ва қаҳрамонӣ [Матн] / Э. Раҳмон // Чеҳраҳои мондагор. – Душанбе: Эр-граф, 2016. – С. 297-315.
118. Раҳмон, Э. Чеҳраҳои мондагор [Матн] / Э. Раҳмон. – Душанбе: Эр-граф, 2016. – 364 с.
119. Раҳмонов, Ш. Шеър ва Айнӣ [Матн] / Ш. Раҳмонов. – Душанбе: Маориф, 1994. – 192 с.
120. Раҳмонов, Ш. Мактаби бузурги маҳорати адабӣ [Матн] / Ш. Раҳмонов// Адабиёт ва санъат. – 2017. – 30 ноябр. – С. 4-5.
121. Рачабӣ, Д. Дар миёни чор дарё [Матн] / Д. Рачабӣ. – Хуҷанд: Ношир, 2007. – 476 с.
122. Рустамов, Ш. Сабақҳои Айнӣ доир ба забон [Матн] / Ш. Рустамов // Забон ва замон. – Душанбе: Ирфон, 1981. – С. 170-209.
123. Сайфуллоев, А. Мактаби Айнӣ [Матн] / А. Сайфуллоев. – Душанбе: Ирфон, 1978. – 352 с.
124. Сайфулоев, А. Устоди забардасти назми революционӣ [Матн] / А. Сайфуллоев // Тоҷикистони советӣ. – 1987. – 23 декабр. – С. 3.
125. Сино, Абуалӣ. Осори мунтахаб (Ба чоп тайёркунандагон: Ғ. Ашӯров ва М. Диноршоев) [Матн] / Абуалӣ ибни Сино – Душанбе: Ирфон, 1983. – 480 с.
126. Табаров, С. Абулқосим Лоҳутӣ [Матн] / С. Табаров // Материалҳо оид ба омӯхтани адабиёти советии тоҷик. – Сталинобод: Нашрдавтоҷик., 1948. – 49 с.
127. Табаров, С. Ҳаёт, адабиёт, реализм [Матн] / С. Табаров. – Душанбе: Ирфон, 1966. – 324 с.
128. Табаров, С. Адиби сухандон ва муборизи майдон [Матн] / С. Табаров. – Душанбе: Дониш, 1986. – 30 с.

129. Умарова, С. Дӯстии ду устод. Айнӣ ва А. Лоҳутӣ [Матн] / С. Умарова// Занони Тоҷикистон. – 1977. – №2. – С. 16-17.
130. Ҳалимов, С. Садриддин Айнӣ ва баъзе масъалаҳои инкишофи забони адабии тоҷик [Матн] / С. Ҳалимов. – Душанбе: Ирфон 1974. – 135 с.
131. Ҳошим, Р. Омӯзгори ғамхору сахтгир [Матн] / Р. Ҳошим // Шарқи сурх. – 1960. – №5. – С. 115-130.
132. Ҳошим, Р. Ҳашт мактуб [Матн] / Р. Ҳошим // Садои Шарқ. – 1978. – №1. – С. 114 -132.
133. Ҳошим, Р. Сухан аз устодон ва дӯстон [Матн] / Р. Ҳошим. – Душанбе: Ирфон, 1983. – 269 с.
134. Ҳошим, Р. Баъзе мулоҳизаҳои Айнӣ дар бораи шеъру шоирӣ [Матн] / Р. Ҳошим // Ҷашнномаи Айнӣ (Ҷузъи VII). – Душанбе: Дониш, 1991. – С. 186-195.
135. Ҳусейнзода, Ш. Баҳс ва андеша [Матн] / Ш. Ҳусензода. – Душанбе: Ирфон, 1964. – 164 с.
136. Шакурӣ, М. Б. Равшангари бузург [Матн] / Муҳаммадҷони Шакурии Бухороӣ. – Душанбе: Адиб, 2006. – 340 с.
137. Шакурӣ, М. Б. Нигоҳе ба адабиёти тоҷикии садаи бист (Маҷмуи мақолаҳо) [Матн] / Муҳаммадҷони Шакурии Бухороӣ. – Душанбе: Чопхонаи «Пайванд», 2006. – 456 с.
138. Шанбезода, Ҳ. Айнӣ ва баъзе масъалаҳои адабиёти советии тоҷик [Матн] / Ҳ. Шанбезода // Шарқи сурх. – 1953. – №4. – С. 23-36.
139. Шарифов, Х. Услуб ва камолоти сухан [Матн] / Х. Шарифов. – Душанбе: Ирфон, 1985. – 172 с.
140. Шарифов, Х. Шоир ва шеър [Матн] / Х. Шарифов. – Душанбе: Адиб, 1998. – 128 с.
141. Шарофов, Р. Луғати нимтафсилии Айнӣ [Матн] / Р. Шарофов // Масъалаҳои назариявӣ ва амалии таълими забон ва адабиёти тоҷик. – Душанбе: Ирфон, 1977. – 134 с.
142. Шукурлоев, Б. К. Мактуб ҳамчун жанри публитсистика [Матн]: Рис. номз. илми. филол. (10.01.10) / Б. К. Шукурлоев. – Душанбе: Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 2013. – 151с.

143. Шукуров, И. Устоди назми тоҷик [Матн] / И. Шукуров // Занони Тоҷикистон. – 1962. – № 12. – С. 14-15.
144. Шукуров, М. Айнӣ ва забони халқ [Матн] / М. Шукуров // Садои Шарқ. – 1967. – №5. – С. 124-135.
145. Шукуров, М. Бузургии Айнӣ аз бузургии халқ [Матн] / М. Шукуров // Коммунисти Тоҷикистон. – 1978. – №4. – С. 23-32.
146. Шукуров, М. Садриддин Айнӣ [Матн] / М. Шукуров. – Душанбе: Ирфон, 1978. – 304 с.
147. Шукуров, М. Пайванди замонҳо ва халқҳо [Матн] / М. Шукуров. – Душанбе: Ирфон, 1982. – 224 с.
148. Шукуров, М. Муборизи ҷаррор ва шоири шуълавар [Матн] / М. Шукуров // А. Лоҳутӣ Шеърҳо ва достонҳо (Мураттибон: М. Шукуров ва М. Назарова). – Душанбе: Маориф, 1986. – 232 с.

б) бо забони русӣ

149. Айни, Х. Жизнь Садриддина Айни [Текст] / Х. Айни. – Душанбе: Дониш, 1982. – 121 с.
150. Акишина, А. Письмо как один из видов текста [Текст] /А. Акишина Статья первая: Общие сведения об эпистолярном жанре // Русский язык за рубежом. – 1982. – №2. – С. 57-66.
151. Акишина, А. Письмо как один из видов текста [Текст] / А. Акишина. Статья вторая: Характеристика благодарственных, извинительных и поздравительных писем // Русский язык за рубежом. – 1982. – №4. – С. 37-41.
152. Акишина, А. Формановская, Н. И. Этикет русского письма. Учебное пособие [Текст] / А. Акишина, Н. И. Формановская. 6-е. изд. – М.: ЛЕНАНД, 2008. – 208 с.
153. Бертельс, Е. Э. Пути создания таджикских словарей [Текст] / Е. Э. Бертельс // Проблемы Таджикистана. – Л., 1934. – 179 с.
154. Ворожейкина, З. Абулкасым Лохути [Текст] / З. Ворожейкина // Лохути. Стихотворения и поэмы. – Л.: Сов. писатель, 1981. – С. 5-40.

155. Гроссман, Л. Р. Культура писем в эпохе Пушкина [Текст] / Л. Р. Гроссман // Письма женщин к Пушкину. – М.: Современные проблемы, 1928. – С. 7-23.
156. Занд, М. Абулкосим Лахути [Текст] / М. Занд. – Сталинабад: Таджикгосиздат., 1957. – 122 с.
157. Зорина Т.П. К проблеме эпистолярного жанра //Вопросы романо-германской филологии. Ученые записки Москов. гос. пед. ин. иностр. яз. им. М.Тереза. Т. 55. – М., 1970.
158. Исаев, Я. Ф. Лахути – поэт революционного движения в Иране [Текст] / Я.Ф. Исоев // Ученые записки Сталинабадского государственного педагогического института им. Т.Г. Шевченко. Том XVII (Серия филологическая, выпуск седьмой. – Сталинабад, 1957. – С. 135-138.
159. Истрин, В. А. Возникновение и развитие письма [Текст] / В. А. Истрин. –М.: Наука, 1965. – 599 с.
160. Кант, И. Трактат и писма [Текст] / И. Кант. – М.: Наука, 1980. – 172 с.
161. Кустова, О. Ю. Письмо как самостоятельный текст и как композиционная часть художественного произведения (на материале творчество Теодора Фонтане). Дис. к.ф.н. [Текст] / О. Ю. Кустова – СПб., 1998. – 225 с.
162. Насриддинов, А. Поэт, гуманист, революцсионер [Текст] / А. Насриддинов // Коммунист Таджикистана. – 1967. – 12 декабря. – С. 2.
163. Нижикова, Л. В. Письмо как тип текста. Автореф.. к.ф.н. [Текста]. – Одесса, 1991. – С. 5.
164. Османова, З. Г. Абулькасим Лахути [Текст] / З. Г. Османова // Советское востоковедение. – 1957. – №6. – С. 74-86.
165. Османова, З. Г. Абулькасим Лахути [Текст] / З. Г. Османова // Вместе с народом; Сборник статей. – М.: Сов. писатель, 1959. – С. 228-291.
166. Османова, З. Г. Жизнь и творчество Абулькасима Лахути [Текст] / З. Г. Османова // А. Лахути. Избранное. Перевод с персидского. – М.: ГИХЛ., 1959. – С. 5-12.
167. Паперно, И. А. Об изучении поэтика письма [Текст] / И. А. Паперно // Ученые записки Тартуского университета, 1977. Вып. 420. – С. 105 – 111.

168. Сыркина, А. В. Письмо как литературный жанр (По материалам эпистолярного наследия Н. П. Огарева) [Текст] / А. В. Сыркина // Проблемы творчества Н. П. Огарева. – Саранск, 1985. – С. 118-131.
169. Фиш, Р. Глазами совести [Текст] / Р. Фиш, Х. Рахим. – Душанбе: Ирфон, 1978. – 296 с.
170. Шошиашвили, Дж. В. Византийская эпистолография и письма Псевдо – Дионисия Ареопагита. Автореф. дис... к.ф.н. [Текст] / Дж. В. Шошиашвили. – Тбилиси, 1990. – 25 с.

в) бо хатти форсӣ

171. رشید وطواط، محمد بن محمد، نامه های رشیدالدین وطواط با مقدمه ای در بارۀ شرح حال ونقد آثار رشیدالدین و خاتمه ای در تعرفۀ رجالی که نام ایشان در آثار رشید آمده است / به قلم قاسم تویسرکانی. – تهران: دانشگاه تهران، مؤسسۀ انتشارات و چاپ، 1383، 262 + ن.

г) бо забони англисӣ

172. Todd, Wiliam Mills. «Gogol’s Epistolary Writing». In the Dean’s Papers, 1969, ed. Andrew W.Cordier. Columdia Essays in international Affairs, vol.v. New York: Columdia University Press, 1970. – Pp. 51-76.

НАШРИ ТАЪЛИФОТИ ИЛМӢ ДАР МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ

I. Дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:

[1-М]. Наимова, Ф.М. Назари С. Айнӣ ба шеъру шоирӣ (дар мисоли мактубҳо ба А. Лоҳутӣ) [Матн] / Ф.М. Наимова // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе: Сабрина-К., 2017. – № 3. – С. 123-129.

[2-М]. Наимова, Ф.М. Андешаҳои устод Айнӣ оид ба адабу фарҳанг [Матн] / Ф.М. Наимова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе: Матбааи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 2017. – № 4/3. – С. 197-200.

[3-М]. Наимова, Ф.М. Мулоҳизаҳои С. Айнӣ оид ба этимология ва вижагиҳои лексикаи забони тоҷикӣ (дар асоси мукотиботи С. Айнӣ ва А. Лоҳутӣ) [Матн] / Ф.М. Наимова // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе: Сабрина-К., 2018. – № 1. – С. 201-205.

[4-М]. Наимова, Ф.М. Ҳунари ғазалсароии Абулқосим Лоҳутӣ аз назари Садриддин Айнӣ (дар мисоли мактубҳо ба А. Лоҳутӣ) [Матн] / Ф.М. Наимова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе: Матбааи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 2018. – № 1. – С. 167-172.

[5-М]. Наимова, Ф.М. Арзиши маърифатӣ ва тарбиявии мактубҳои С. Айнӣ ва А. Лоҳутӣ [Матн] / Ф.М. Наимова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе: Матбааи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 2018. – № 2. – С. 172-179.

[6-М]. Наимова, Ф.М. Баъзе масъалаҳои забони тоҷикӣ дар мукотиботи С. Айнӣ ва А. Лоҳутӣ [Матн] / Ф.М. Наимова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе: Матбааи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 2018. – № 3. – С. 178-184.

[7-М]. Наимова, Ф.М. Шарҳи ҳол ва осори С. Айнӣ дар мактубҳояш ба А. Лоҳутӣ [Матн] / Ф.М. Наимова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе: Матбааи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 2018. – № 6. – С. 267-272.

[8-М]. Наимова, Ф.М. Мулоҳизаҳои А. Лоҳутӣ оид ба маҳорати адабии С. Айнӣ [Матн] // Ф.М. Наимова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе: Матбааи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 2018. – № 8. Қисми II. – С. 215-219.

[9-М]. Наимова, Ф.М. Зиндагиномаи С. Айнӣ дар солҳои таъқибот (дар асоси мукотиботи С. Айнӣ ва А. Лоҳутӣ) [Матн] / Ф.М. Наимова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе: Матбааи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 2019. – № 4. – С. 202-207.

[10-М]. Наимова, Ф.М. Бозтоби саргузашт ва фаъолияти эҷодии А. Лоҳутӣ дар мактубҳояш ба С. Айнӣ [Матн] / Ф.М. Наимова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе: Матбааи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 2021. – № 3. – С. 203-211.

[11-М]. Наимова, Ф.М. Инъикоси шахсиятҳои адабӣ, фарҳангӣ, сиёсӣ ва ҷамъиятӣ дар мактубҳои С. Айнӣ ва А. Лоҳутӣ [Матн] / Ф.М. Наимова // Гузоришҳои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. – Душанбе: Матбааи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 2021. – № 2. – С. 283-289.

[12-М] Наимова, Ф.М. Масъалаҳои омӯзиши мероси адабӣ ва таъини ҳуқуқи тоҷикон ба осори адабии гузашта [Матн] / Ф.М. Наимова // Гузоришҳои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2021. – № 3. – С. 277-284.

II. Таълифоти муаллиф дар маҷмуаҳо ва нашрияҳои дигари илмӣ:

[13-М]. Наимова, Ф.М. Андешаҳои Садриддин Айнӣ оид ба шеъру шоирӣ (Дар мисоли мактубҳо ба А. Лоҳутӣ [Матн] / Ф.М. Наимова // Ҷустуҷӯҳои адабӣ. Маҷаллаи илмӣ. – Душанбе: Истеъдод, 2017. – № 1-2 (3). – С. 288-299.